# НАМУНАИ
## саволу масъалаҳои тест
## аз фанни адабиёти тоҷик
## (имтиҳони қисми А)
## ИМД 2026

РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj

## САВОЛУ МАСЪАЛАҲО БО ИНТИХОБИ ЯК ҶАВОБИ ДУРУСТ

### Фолклор. Мафҳумҳои адабӣ. Ҳаётӣ адабӣ

**1** **Суруди халқии “Таронаи бофандагон” дар кадом мавзуъ суруда шудааст?**

**A)** кору зиндагӣ ва орзуҳои ширини бофандагон

**B)** самимият дар кор ва орзуву омоли бофандагон

**C)** азоби рӯзгор, вазнинии кор ва беқадрии касби бофандагӣ

**D)** дур аз ёру диёр, дар бенавоию нодорӣ зиндагӣ кардани бофандагон

**2** **Кадом навъи асарҳои халқӣ бо калимаю ибораҳои *“Овардаанд ...”*, *“Нақл мекунанд, ки ...”*, *“Муаллифи ахбору гузорандаи асрор чунин мегӯяд ...”* оғоз мешавад?**

**A)** афсона

**B)** суруду тарона

**C)** насри ривоятӣ

**D)** латифа

**3** **Эҷодиёти шифоҳии халқ ба кадом намуди адабиёт дохил мешавад?**

**A)** адабиёти бадеӣ

**B)** адабиёти илмию оммавӣ

**C)** адабиёти динӣ

**D)** адабиёти илмӣ

**4** **Дар кадом жанри адабиёти шифоҳӣ мақсад ва моҳияти сухан на дар зоҳир, балки дар ботини он нуҳуфта аст?**

**A)** мақол

**B)** зарбулмасал

**C)** рубоӣ

**D)** тарона

**5** **Кадом навъи адабиёт таърихи қадимтар дорад?**

**A)** адабиёти илмӣ

**B)** адабиёти илмию оммавӣ

**C)** адабиёти шифоҳӣ

**D)** адабиёти хаттӣ

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**6** **Доир ба Шӯриши Восеъ аввалин бор дар кадом навъи адабиёт сухан гуфта шудааст?**

**A)** адабиёти хаттӣ

**B)** адабиёти илмӣ

**C)** адабиёти шифоҳӣ

**D)** адабиёти таърихӣ

**7** **Аз рӯйи матн муайян намоед, ки он аз кадом асари ривоятист:**

***“Аммо муаллифи ахбору гузорандаи асрор Абутоҳири Тарсусӣ аз ин достони аҷоибнигор чунин ривоят мекунад, ки чун он ғулом бирафт ва субҳи содиқ бидамид, Бӯрондухт он лашкари Мозандаронро ба он сарчашма фурӯ оварда буд, ...”***

**A)** “Доробнома”

**B)** “Абумуслимнома”

**C)** “Ҳазору як шаб”

**D)** “Синдбоднома”

**8** **Аз рӯйи матн муайян намоед, ки он аз кадом асари ривоятист:**

***“Чун Бӯрондухт аз эшон ин сухан бишнид, шод шуду ҳамаро бинавохт ва бар эшон офарин карду аз эшон байъат биситад ва нома ба Истахру Форсу Кирмон... навишт ва аз эшон мадад хост.”***

**A)** “Доробнома”

**B)** “Тӯтинома”

**C)** “Синдбоднома”

**D)** “Калила ва Димна”

**9** **Матн аз кадом асари насри ривоятист?**

***“Бӯрондухт он лашкарро бишинохт, зуд чанд ғуломро дар ақиби эшон бифиристод. Он ғуломон маркабон бидавониданд, то бирасиданд ...”***

**A)** “Ҳазору як шаб”

**B)** “Синбоднома”

**C)** “Доробнома”

**D)** “Калила ва Димна”

**10** **Аз рӯйи матн муайян намоед, ки он аз кадом асари ривоятист:**

***“Аммо муаллифи ахбору гузорандаи асрор Абутоҳири Тарсусӣ аз ин қисса ривоят чунин мекунад, ки чун аз ин сухан ду моҳ баромад, Бӯрондухт амирону бузургонро ҷамъ кард...”***

**A)** “Доробнома”

**B)** “Тӯтинома”

**C)** “Синдбоднома”

**D)** “Калила ва Димна”

РОЙГОН!
Дарсомонаи www.ntc.tj

**11** **Аз рӯйи матн муайян намоед, ки он аз кадом асари ривоятист:**

***“Эй мулуки ҷаҳон, бидонед, чанд гоҳ пеш аз ин шабе бадхобӣ маро бигрифт ва шаб чандон ба ман дароз шуд, ки гумони субҳ надоштам, чун субҳ шуд, бархоста шамшер бар каф гирифтам ва миён бастам ва савор шудам...”***

**A)** “Доробнома”

**B)** “Ҳазору як шаб”

**C)** “Синдбоднома”

**D)** “Калила ва Димна”

**12** **Мавзуи ин рубоии халқиро муайян кунед:**

***Кавгак сари санг мезанад қақра ба ноз,***
***Ёрам ба раворав асту ҷонам ба гудоз.***
***Эй бори Худо, дар осмон абр андоз,***
***Ин ёри равандаро ба ман маътал соз.***

**A)** шикоят аз вазъияти замона

**B)** хушксолӣ ва набудани об

**C)** дӯст доштани сарзамин

**D)** ба сафар рафтани ошиқ

**13** **Вобаста ба ин мисраъҳо аз адабиёти шифоҳӣ кадом хулоса дуруст аст?**

***Ай ҷавру зулми мирон,***
***Гардида мулк вайрон,***
***Ҷазир гаштан фақирон.***

**A)** Миробҳо боиси беҳосил шудани заминҳои мардуми бенаво гардидаанд.

**B)** Шоҳон бо зулму ситам ба мардум хазинаи мамлакатро пур кардаанд.

**C)** Зулму истибдод кишварро вайронаю камбағалонро хонахароб кардааст.

**D)** Зулми мири Балҷувон боиси хонахаробии Восеи паҳлавон гаштааст.

**14** **Вобаста ба ин рубоӣ аз адабиёти шифоҳӣ кадом хулоса дуруст аст?**

***Сарчашмаи боғи булбон аст ватанам,***
***Хушбоду ҳавою бӯстон аст ватанам.***
***Як бор агар бод барад бар ватанам,***
***Дил пора кунам, ёди ғарибӣ накунам.***

**A)** Ин рубоӣ дар бораи шукуфоӣ ва зебоии боғу бӯстон дар фасли баҳор аст.

**B)** Муаллиф дар боғ будааст, ки шамол шудаасту дарахтҳо шикастаанд.

**C)** Ёди пурмеҳри зодгоҳу сарзамин бо ҳасрату пушаймонӣ баён шудааст.

**D)** Гӯянда бовар дорад, ки ҳарчанд меҳан хуб аст, аммо мусофирӣ беҳтар аст.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**15** **Вобаста ба ин рубоӣ аз адабиёти шифоҳӣ кадом хулоса дуруст аст?**

***Лаънат ба касе, ки аз ватан канда шавад,***
***Афтад ба ғарибию ба кас банда шавад.***
***Чархи фалаке шавад, биёяд ба ватан,***
***Ин мурдаи садсола магар зинда шавад?!***

**A)** Истиқлол ва озодиро бояд пос дошт ва ба ҳеч бегонае набояд сари таъзим фуруд овард.

**B)** Инсон агар берун аз диёраш зиндагӣ кунад, ҳамеша хушҳолу шодмон хоҳад буд.

**C)** Дурӣ аз меҳан бисёр душвор аст. Ҳатто, одамро мекушад, чунки инсон фақат бо ватанаш барҳаёт аст.

**D)** Барои пушти сар кардани лаҳзаҳои душвори зиндагӣ бояд шеъру оҳангҳои халқиро замзама кард.

**16** **Вобаста ба ин рубоӣ аз адабиёти шифоҳӣ кадом ҷумла дуруст аст?**

***Аз хона баромадам, чашмам ба нам аст,***
***Чашмам ба нам асту дилакам пуралам аст.***
***Мардум меган: "Дар дили ту чӣ алам аст?"***
***Ин доғи мусофирӣ гирдоби ғам аст.***

**A)** Дар ин шеър тасвири ҳолу рӯзи шахси ошиқ дида мешавад.

**B)** Сахтиҳои зиндагӣ ва эҳсосоти инсони ғариб тасвир шудааст.

**C)** Аз душвории рӯзгори ҳунармандон дар гузашта нақл мекунад.

**D)** Борони бисёр заминҳои корами кишоварзонро хароб кардааст.

**17** **Вобаста ба ин рубоӣ аз адабиёти шифоҳӣ кадом хулоса дуруст аст?**

***Фарёд зи дасти фалаки бебунёд,***
***Ҳаргиз гиреҳи бастаи корам накушод.***
***Гуфтам, ки равам доғи дила тоза кунам,***
***Сад доғи дигар бар сари ин доғ ниҳод.***

**A)** Муаллиф аз душвории замона ва бераҳмии тақдир шикоят кардааст.

**B)** Гӯянда аз қабул нашудан ба ҷои кори писандидааш гила кардааст.

**C)** Муаллиф аз надоштани зану фарзанд изҳори пушаймонӣ кардааст.

**D)** Дар ин рубоӣ лаҳзаҳои хуши даврони ҷавонӣ тасвир шудааст.

**18** **Вобаста ба ин рубоӣ аз адабиёти шифоҳӣ кадом хулоса дуруст аст?**

***Ҷонона, баҳори мо ба ғам мегузарад,***
***Шодӣ ба дили сӯхта кам мегузарад.***
***Шодӣ ба дили сӯхта кам бошаду кам,***
***Хуш умри касе, ки дар Ватан мегузарад.***

**A)** Бо хондани шеър ғам аз инсон дур мешавад.

**B)** Шодию ғам мисли ду боли паранда бо ҳаманд.

**C)** Инсони танҳо мисли мурғи посӯхта аст.

**D)** Инсон фақат дар сарзамини худаш хушҳол аст.

Дар сомонаи www.ntc.tj

**19** **Вобаста ба ин дубайтӣ аз адабиёти шифоҳӣ кадом хулоса дуруст аст?**

***Нигори нозанини аҳли дардам,***
***Сарамро гар бурӣ, аз ту нагардам.***
***Сарамро гар бурӣ бо ханҷари тез,***
***Ба хун ҷавлон занам, гирди ту гардам.***

**A)** Ноумед нашудан аз шикастҳои рӯзгор ва мубориза бо сахтиҳои зиндагӣ талқин шудааст.

**B)** Шуҷоату нотарсии ҷавонмард аз набарди тан ба тан дар ҳимоят аз ватан баён шудааст.

**C)** Эҳсону саховатмандию дасткушодӣ аз хислатҳои беҳтарини инсонӣ шуморида шудааст.

**D)** Ҷасорат ва далерии ҷавон дар роҳи ишқ ва дӯст доштани маҳбуба зебо тасвир шудааст.

**20** **Вобаста ба ин рубоӣ аз адабиёти шифоҳӣ кадом хулоса дуруст аст?**

***Рафтам ба сари кӯҳи баланди баҳаво,***
***Дилгир шудам, ҷӯра, хабаргирӣ биё.***
***Ду пои ман аст баста дар мехи ҷафо,***
***Ту пои кушода дорӣ, бархезу биё.***

**A)** Дар бораи барору нобаробариҳои айёми ҷавонист.

**B)** Ин рубоӣ дар васфи зебоиҳои кӯҳистон гуфта шудааст.

**C)** Дар айёми пирӣ ҳамаи инсонҳо эҳсоси танҳоӣ мекунанд.

**D)** Дар бораи инсони танҳоест, ки муштоқи дидори дӯст аст.

**21** **Вобаста ба ин рубоӣ аз адабиёти шифоҳӣ кадом ҷумла дуруст аст?**

***Ёри мана бин, кимхову бахмалпӯш аст,***
***Дар хондану кор ғайраташ дар ҷӯш аст.***
***Мафтуни чунин нигор бошам ҳама умр,***
***К-андар раҳи ободӣ ба ман ҳамдӯш аст.***

**A)** Дар ин шеър тасвири зебоӣ ва ободии Ватан дида мешавад.

**B)** Дилбаре, ки дар кору зиндагӣ пурталош аст, ситоиш шудааст.

**C)** Аз душвории рӯзгори ҳунармандон дар гузашта нақл мекунад.

**D)** Гӯянда дилбарашро ба кору фаъолияти бештар даъват кардааст.

**22** **Вобаста ба ин дубайтӣ аз адабиёти шифоҳӣ кадом хулоса дуруст аст?**

***Шаби маҳтоб хоби ман наомад,***
***Задам фарёд, ёри ман наомад.***
***Задам фарёд ба гӯши боғбонон,***
***Чаро булбул ба сайри гул наомад.***

**A)** Мазмуни ин дубайтӣ дар бораи дурӣ аз Ватан аст.

**B)** Душворӣ ва сахтиҳои зиндагӣ тасвир ёфтааст.

**C)** Ин дубайтӣ дар бораи дурии маъшуқ аз ошиқ аст.

**D)** Тасвири зебоии табиат ва фаслҳои сол аст.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**23** **Вобаста ба ин дубайтӣ аз адабиёти шифоҳӣ кадом хулоса дуруст аст?**

***Диле дорам, ки аз султон натарсад,***
***Зи банди кундаву зиндон натарсад.***
***Дили ошиқ мисоли гурги гушна,***
***Ки гурги гушна аз чӯпон натарсад.***

**A)** Муаллиф аз душвории замона ва бераҳмии тақдир шикоят кардааст.
**B)** Гӯянда аз қабул нашудан ба ҷои кори писандидааш гила кардааст.
**C)** Муаллиф аз надоштани зану фарзанд изҳори пушаймонӣ кардааст.
**D)** Дар ин дубайтӣ далерию шуҷоат дар роҳи ишқ васф шудааст.

**24** **Вобаста ба ин дубайтӣ аз адабиёти шифоҳӣ кадом хулоса дуруст аст?**

***Сари чашма расидам, нола кардам,***
***Назар бар хонаи ҷонона кардам.***
***Назар кардам, надидам ёри худро,***
***Гиребон то ба доман пора кардам.***

**A)** Ноумед нашудан аз шикастҳои рӯзгор ва мубориза бо сахтиҳои зиндагӣ талқин шудааст.
**B)** Шуҷоату нотарсии ҷавонмард аз набарди тан ба тан дар ҳимоят аз ватан баён шудааст.
**C)** Эҳсону саховатмандию дасткушодӣ аз хислатҳои беҳтарини инсонӣ шуморида шудааст.
**D)** Эҳсоси дурӣ ва дилтангии ҷавон дар роҳи ишқ ва дӯст доштани маҳбуба зебо тасвир шудааст.

**25** **Вобаста ба ин байт аз адабиёти шифоҳӣ кадом хулоса дуруст аст?**

***Ҳаргиз лаби аҳли дард хандон набувад,***
***Ҷуз гиря насиби дардмандон набувад.***

**A)** Сухан дар бораи интихоби дӯсту ҳамнишин меравад.
**B)** Ғам ҳамроҳи ҳамешагии инсонҳои бофаҳму бошуур аст.
**C)** Ишқу муҳаббати самимию ҳақиқӣ пойдор хоҳад монд.
**D)** Дар зиндагӣ одамони ғамгинро бояд дастгирӣ намоем.

**26** **Вобаста ба ин рубоӣ аз адабиёти шифоҳӣ кадом хулоса дуруст аст?**

***Ку дӯст, ки қадри ёри ҳамдам донад,***
***Ку сухтадиле, ки лаззати ғам донад?***
***Одам зи куҷост, хоки одам зи куҷост,***
***Одам бошад, ки қадри одам донад!***

**A)** Мавзуи ин рубоӣ васфи зебоиҳои зиндагист.
**B)** Дар бораи нагирифтани ҷавоби нома аз ёр аст.
**C)** Фироқу ҳиҷрон мавзуи асосии ин рубоист.
**D)** Донистани арзиши инсоният беҳтарин кор аст.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**27** **Вобаста ба ин рубоӣ аз адабиёти шифоҳӣ кадом хулоса дуруст аст?**

***Ғаму ғусса ба ҷонам сар ниҳода,***
***Ғаму ғусса зи мӯи сар зиёда.***
***Ҳар ончи мекунам аз ғам гурезам,***
***Ғам аст чобуксавору ман пиёда.***

**A)** Корҳои бисёру душвори зиндагӣ маро хеле хаста кардааст.

**B)** Одамҳои нохуб боиси андуҳу нороҳатии ман гардидаанд.

**C)** Дар ҳар марҳилаи зиндагӣ ғуссаю андуҳ бо ман ҳамроҳ аст.

**D)** Ғуссаҳоям ба охир расидаасту вақти нишоти ман омадааст.

**28** **Кадом хулоса доир ба дубайтӣ дуруст аст?**

***Сари кӯҳи баланд буд хонаи ман,***
***Фалак тире задаст бар шонаи ман.***
***Фалак тире задаст, пайкон надорад,***
***Ба ҳасрат пур шудаст паймонаи ман.***

**A)** Дурӣ аз ёру диёр ва сахтиҳои муҳоҷират бо дарду ҳасрат баён шудааст.

**B)** Гӯянда дар болои кӯҳи баланд будааст, ки ногоҳ ба китфаш тир расидааст.

**C)** Аз тақдиру қисмат шикоят шуда, гузаштаи хуш бо афсӯс ёд шудааст.

**D)** Аз мусиқии мардумии "Фалак" барои дармони дардҳояш ёрӣ хостааст.

**29** **Сабаби дар асрҳои VIII ва IX ба забони арабӣ асар навиштани адибони эронитабор чӣ буд?**

**A)** Дар натиҷаи истилои араб хароб шудани марказҳои адабию фарҳангӣ ва пурра аз байн рафтани осори илмию адабӣ.

**B)** Дар натиҷаи истилои араб аз байн рафтани марказҳои адабию фарҳангӣ ва бартарӣ пайдо кардани забони арабӣ.

**C)** Дар натиҷаи истилои араб кушта шудани шоирону нависандагоне, ки дар Эронзамин зиндагӣ ва эҷод мекарданд.

**D)** Дар натиҷаи истилои араб танҳо шоирону нависандагони араб ҳуқуқи эҷод карданро доштанд.

**30** **Зуҳури адабиёти тоҷик дар қолаби забони арабӣ хоси кадом давраи адабиёт аст?**

**A)** охири асри X

**B)** аввали асри XV

**C)** асрҳои VIII ва IX

**D)** асрҳои XII ва XIII

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**31 Умри Абдулҳамид ибни Яҳёи Котиб ва Ҳаммоди Аҷрад (адибони эронитабори арабизабон) бо кадом сабаб ба таври фоҷеавӣ ба поён расид?**

**A)** рӯй овардан ба арабгароӣ
**B)** машғул шудан ба тарҷумонӣ
**C)** гаравидан ба ҷунбиши шуубия
**D)** машғул шудан ба тиҷорат

**32 Намунаи барҷастаи таърихнигорӣ дар асрҳои XIII-XIV.**

**A)** “Таърихи Байҳақӣ”-и Абулфазли Байҳақӣ
**B)** “Ҷомеъ-ут-таворих”-и Рашидуддини Фазлуллоҳ
**C)** “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ
**D)** “Тӯтинома”-и Зиёуддини Нахшабӣ

**33 Дар асрҳои XIII-XIV доир ба илмҳои гуногун, аз ҷумла *риёзиёт, фалсафа, ахлоқ, таърих, мусиқӣ, тиб* ва ғайра асарҳои зиёде навишта шуданд. Кадоме аз ин асарҳо дар илми *қофия, санъатҳои бадеӣ* ва *арӯз* аст?**

**A)** “Ал-муъҷам”-и Шамси Қайси Розӣ
**B)** “Сурох-ул-луғот”-и Ҷавхори Форобӣ
**C)** “Захоир-ул-мулук”-и Сайидалии Ҳамадонӣ
**D)** “Таърихи ҷаҳонкушой”-и Атомалики Ҷувайнӣ

**34 Намунаи барҷастаи асари насрӣ дар асрҳои XIII-XIV.**

**A)** “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус
**B)** “Тӯтинома”-и Зиёуддини Нахшабӣ
**C)** “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ
**D)** “Шарафномаи шоҳӣ”-и Ҳофизи Таниш

**35 Барҷастатарин намояндагони адабиёти форсии тоҷикӣ дар нимаи аввали асри XI (дар дарбори Ғазнавиён) киҳо буданд?**

**A)** Анварӣ, Саноии Ғазнавӣ, Сайфи Исфарангӣ
**B)** Фароловӣ, Муродӣ, Кисоии Марвазӣ
**C)** Хусравонӣ, Шаҳиди Балхӣ, Абумансури Дақиқӣ
**D)** Унсурӣ, Манучеҳрӣ, Фаррухии Систонӣ

**36 Кадом асар намунаи барҷастаи насри асри X аст?**

**A)** “Синдбоднома”-и Заҳирии Самарқандӣ
**B)** “Шоҳнома”-и Абулмуайяди Балхӣ
**C)** “Сафарнома”-и Носири Хусрав
**D)** “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус

Дар ройгон ба сомонаи www.ntc.tj

**37** **Намунаи барҷастаи асари насрӣ дар асрҳои XIII-XIV.**

**A)** “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ
**B)** “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус
**C)** “Шарафномаи шоҳӣ”-и Ҳофизи Таниш
**D)** “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ

**38** **Намунаи барҷастаи асари насрӣ дар асрҳои XIII-XIV.**

**A)** “Ҷомеъ-ул-ҳикоёт”-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ
**B)** “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус
**C)** “Шарафномаи шоҳӣ”-и Ҳофизи Таниш
**D)** “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ

**39** **Намунаи барҷастаи асари насрӣ дар асрҳои XIII-XIV.**

**A)** “Шарафномаи шоҳӣ”-и Ҳофизи Таниш
**B)** “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус
**C)** “Тӯтинома”-и Зиёуддини Нахшабӣ
**D)** “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ

**40** **Намунаи барҷастаи асари насрӣ дар асрҳои XV-XVI.**

**A)** “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ
**B)** “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус
**C)** “Наводир-ул-вақоеъ”-и Аҳмади Дониш
**D)** “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ

**41** **Намунаи барҷастаи асари насрӣ дар асрҳои XV-XVI.**

**A)** “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ
**B)** “Баҳористон”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ
**C)** “Наводир-ул-вақоеъ”-и Аҳмади Дониш
**D)** “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус

**42** **Намунаи барҷастаи асари насрӣ дар асрҳои XV-XVI.**

**A)** “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ
**B)** “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус
**C)** “Наводир-ул-вақоеъ”-и Аҳмади Дониш
**D)** “Футувватномаи султонӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**43** **Унсурӣ “Маликушшуаро”-и кадом дарбор буд?**

**A)** Ғӯриён
**B)** Ғазнавиён
**C)** Сомониён
**D)** Салҷуқиён

**44** **Масъуди Саъди Салмон дар замони ҳукмронии кадом сулолаҳо зиндагӣ кардааст?**

**A)** Салҷуқиён ва Ғӯриён
**B)** Сомониён ва Ғазнавиён
**C)** Ғазнавиён ва Салҷуқиён
**D)** Саффориён ва Сомониён

**45** **Зиндагии Саъдии Шерозӣ ба кадом ҳодисаи таърихӣ баробар омадааст?**

**A)** забткории арабҳо
**B)** истилои муғулҳо
**C)** забткории салҷуқиҳо
**D)** истилои шайбониҳо

**46** **Зиндагии Ҷалолиддини Балхӣ ба кадом ҳодисаи таърихӣ мувофиқ омадааст?**

**A)** забткории арабҳо
**B)** истилои муғулҳо
**C)** забткории сафавиҳо
**D)** истилои шайбониҳо

**47** **Зиндагии Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ба кадом ҳодисаи таърихӣ мувофиқ омадааст?**

**A)** забткории арабҳо
**B)** истилои муғулҳо
**C)** забткории сафавиҳо
**D)** истилои шайбониҳо

**48** **Солҳои ҷавонии Абуалӣ ибни Сино ба замони ҳукмронии кадом подшоҳ рост омадааст?**

**A)** Нуҳ ибни Мансур
**B)** Яъқуб ибни Лайс
**C)** Исмоили Сомонӣ
**D)** Насри II Сомонӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**49** **Айёми ҷавонии Саъдии Шерозӣ ба кадом ҳодисаи таърихӣ рост омадааст?**

**A)** ба тахт нишастани Султон Маҳмуд

**B)** ба сари қудрати омадани Салҷуқиён

**C)** ҳуҷуми арабҳо ба Хуросону Мовароуннаҳр

**D)** ҳуҷуми муғулҳо ба Хуросону Мовароуннаҳр

**50** **Охири умри Аттори Нишопурӣ ба кадом ҳодисаи таърихӣ рост омадааст?**

**A)** забткории арабҳо

**B)** истилои муғулҳо

**C)** забткории салҷуқиҳо

**D)** истилои шайбониҳо

**51** **Абумансури Дақиқӣ дар дарбори кадом сулолаҳо хидмат кардааст?**

**A)** Салҷуқиён ва Ғуриён

**B)** Сомониён ва Ғазнавиён

**C)** Ғазнавиён ва Салҷуқиён

**D)** Чағониён ва Сомониён

**52** **Муҳаммад ибни Васиф дар дарбори кадом сулола зиндагӣ кардааст?**

**A)** Ғуриён

**B)** Сомониён

**C)** Ғазнавиён

**D)** Саффориён

**53** **Унсурулмаолии Кайковус аз амирзодагони кадом хонадон буд?**

**A)** Балъамӣ

**B)** Ҷайҳонӣ

**C)** Ғурӣ

**D)** Зиёрӣ

**54** **Дар адабиёт шоиреро, ки ба ду забон эҷод мекунад, чӣ меноманд?**

**A)** зулбаҳрайн

**B)** зулқофиятайн

**C)** зуллисонайн

**D)** зулваҷҳайн

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**55** **Сухан дар бораи кӣ меравад?**

***Вақте Султон Иброҳими Ғазнавӣ соли 1076/1077 ҳукумати Ҳиндустонро ба писараш Сайфуддавла Маҳмуд супурд, шоирро дар рикоби ӯ гузошт. Баъди даҳ соли рӯзгори бисёр хуши шоҳона зиндагии талху захрогини даҳсолаи адиб дар зиндонҳои Су, Даҳак ва Ной шуруъ шуд.***

**A)** Камоли Хуҷандӣ
**B)** Убайди Зоконӣ
**C)** Заҳирии Самарқандӣ
**D)** Масъуди Саъди Салмон

**56** **Пайомади сар задани низоъҳои мазҳабӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр пас аз ҳамлаи Исмоили Сафавӣ ба Хуросон дар соли 1512.**

**A)** парокандагии қувваҳои илмию адабии Хуросону Мовароуннаҳр
**B)** зиёд гардидани қувваҳои эҷодӣ, рушди тазкиранависӣ
**C)** кушта шудани шоирон Бадриддини Ҳилолӣ ва Камолиддини Binoӣ
**D)** рушди таърихнигорӣ, ба майдон омадани таърихнависон

**57** **Яке аз пайомадҳои манфии ҳамлаи муғул.**

**A)** кушта шудани Фаридуддини Аттор дар қатли оми аҳолии Нишопур
**B)** аз навиштани таърихномаҳо бозмондани муаррихон ва донишмандон
**C)** оташ задани китобхонаи машҳури Бухоро ва сӯхтани нусхаҳои "Авасто"
**D)** манъ шудани мусиқӣ ва аз ривоҷу равнақ афтодани кори ҳофизон

**58** **Кадом асар намунаи таърихнигории асрҳои XIII-XIV аст?**

**A)** "Таърихи касира"-и Саид Шарифи Самарқандӣ
**B)** "Таърихи ҷаҳонкушой"-и Атомалики Ҷувайнӣ
**C)** "Зафарнома"-и Шарафуддин Алии Яздӣ
**D)** "Шарафномаи шоҳӣ"-и Ҳофизи Таниш

**59** **Доир ба таъсири эҷодиёти Аҳмади Дониш дар ташаккули ҷараёни маорифпарварӣ кадоме аз ин хулосаҳо дуруст аст?**

**A)** Сафарҳояш ба Русия ҷаҳонбинӣ ва тафаккури ӯро тағйир дода буд.
**B)** Бедории фикрӣ дар замони зиндагии ӯ зуҳур карда буд.
**C)** Осори ӯ дар бедории фикрӣ ва худшиносии миллӣ аҳамияти бунёдӣ дорад.
**D)** Ӯ адиби тавоно ва мутафаккири забардасти онрӯзаи Бухоро буд.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**60** **Асарҳои Аҳмади Дониш асосан ба кадом масъала дар ҳаёти Бухорои охири асри XIX ва ибтидои асри XX таъсир гузоштанд?**

A) сарнагун шудани сулолаи Манғитиён
B) ташаккули ҷараёни маорифпарварӣ
C) ташкили ҳайат барои сафар ба Петербург
D) мустаҳкам шудани робитаи сиёсӣ бо Русия

**61** **Намунаи барҷастаи насри адабиёти давраи қадим, ки дар шакли пурсишу посух таълиф гардидааст.**

A) “Сафарнома”-и Носири Хусрав
B) “Корномаи Ардашери Бобакон”
C) “Корномаи Балх”-и Саноии Ғазнавӣ
D) “Андарзнома”-и Бузургмеҳри Бухтагон

**62** **Барҷастатарин асари охири асри XIX адабиёти тоҷик.**

A) “Лайлӣ ва Маҷнун”-и Шамсиддини Шоҳин
B) “Наводир-ул-вақоеъ”-и Аҳмади Дониш
C) “Ирфон”-и Бедили Деҳлавӣ
D) “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ

**63** **Таълифи кадом асар дар замони Ғазнавиён ба анҷом расидааст?**

A) “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ
B) “Мушу гурба”-и Убайди Зоконӣ
C) “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ
D) “Даврони офтоб”-и Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

**64** **Кадом асар намунаи барҷастаи ёддоштнависӣ дар адабиёти тоҷик аст?**

A) “Махзан-ул-асрор”-и Низомии Ганҷавӣ
B) “Мантиқ-ут-тайр”-и Аттори Нишопурӣ
C) “Зод-ул-мусофирин”-и Носири Хусрав
D) “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ

**65** **Кадом асар намунаи барҷастаи ёддоштнависӣ дар адабиёти тоҷик аст?**

A) “Гаршоспнома”-и Асадии Тӯсӣ
B) “Рисолаи саргузашт”-и Абуалӣ ибни Сино
C) “Модари май”-и Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
D) “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**66** **Кадом асар намунаи барҷастаи ёддоштнависӣ дар адабиёти тоҷик аст?**

**A)** “Пирӯзинома”-и Абуалӣ ибни Сино

**B)** “Сафарнома”-и Носири Хусрав

**C)** “Гаршоспнома”-и Асадии Тӯсӣ

**D)** “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ

**67** **Кадом асар намунаи барҷастаи насри асри XI аст?**

**A)** “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус

**B)** “Марзбоннома”-и Марзбон писари Рустам

**C)** “Шоҳнома”-и Абулмуайяди Балхӣ

**D)** “Синдбоднома”-и Заҳирии Самарқандӣ

**68** **Кадом асар намунаи барҷастаи насри бадеии адабиёти давраи қадим аст?**

**A)** “Зафарнома”-и Абуалӣ ибни Сино

**B)** “Андарзнома”-и Бузургмеҳри Бухтагон

**C)** “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус

**D)** “Шоҳнома”-и Абулмуайяди Балхӣ

**69** **Яке аз хусусиятҳои асосии шеъри нағз дар асри X.**

**A)** хубии лафз ва осонии маънӣ

**B)** омехтагӣ бо калимаҳои арабӣ

**C)** мавзуъ ва муҳтавои ҷолиб

**D)** таваҷҷуҳи зиёд ба васфи табиат

## САНЪАТҲОИ БАДЕӢ

**70** **Маънои луғавияш “сухани пӯшида, рамз ва ишора” аст.**

**A)** маҷоз

**B)** киноя

**C)** илтифот

**D)** муболиға

**71** **Сухан дар бораи кадом санъати маънавӣ меравад?**

***“Шоир ё нависанда дар осори худ калимаҳоеро ба кор мебарад, ки аз ҷиҳати шаклу талаффуз монанд ва яксонанд, аммо аз ҷиҳати маъно гуногун.”***

**A)** илтифот

**B)** тавсиф

**C)** талмеҳ

**D)** таҷнис

Дар сомонаи www.ntc.tj ройгон!

**72** **Кадом сухан ба санъати бадеии “сачъ” дахл дорад?**

**A)** калимаҳои ҳаммаънӣ дар як байт

**B)** калимаҳои ҳамшаклу гуногунмаънӣ

**C)** калимаҳои ҳамвазну ҳамқофия дар наср

**D)** калимаҳои такроршаванда дар як ҷумла

**73** **Кадом сухан ба санъати бадеии “истиора” дахл дорад?**

**A)** Асоси он монанд кардани чизе ба чизи дигар аст.

**B)** Маънои аслиаш ба орият ва амонат гирифтан аст.

**C)** Маънои он ишора ва нигоҳи сабук ба сӯи чизест.

**D)** Дар ин санъат васф аз ҳадду андоза мегузарад.

**74** **Кадом сухан ба санъати бадеии “талмеҳ” дахл дорад?**

**A)** монанд кардани чизе ба чизи дигар

**B)** овардани калимаҳои ҳамвазн дар наср

**C)** ишора ва нигоҳи сабук ба сӯи чизе

**D)** васфи чизе беш аз ҳадду андоза

**75** **Кадом ҷумла ба санъати бадеии “тарсеъ” рабт дорад?**

**A)** Мисраъ ё байте, ки ба ду тарз фаҳмида мешавад.

**B)** Мисраъ ё байте, ки дорои калимаҳои ҳамшакл бошад.

**C)** Дар байт калимаю ибораҳои иқтибосӣ оварда мешавад.

**D)** Дар байт калимаҳои ҳамвазн муқобили якдигар меоянд.

**76** **Дар кадом санъати бадеӣ *калимаҳои муқобилмаъно* истифода мешаванд?**

**A)** талмеҳ

**B)** тазмин

**C)** тазод

**D)** таҷнис

**77** **Дар кадом санъати бадеӣ *калимаҳои ҳамшакл, аммо гуногунмаъно* истифода мешаванд?**

**A)** талмеҳ

**B)** тазмин

**C)** таҷнис

**D)** ташбеҳ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**78** **Хусусияти асосии санъати “*маҷоз*”.**

**A)** истифода шудани калима ё таркибе ба маънои ғайриаслӣ
**B)** монанд кардани хусусияти як чиз ба хусусияти чизи дигар
**C)** аз ҳадди табиӣ баромадани тасвири шахс, чиз ва ё ҳодиса
**D)** ишора намудан ба ягон қисса, воқеа ва ё шахсияти таърихӣ

**79** **Дар байт асосан кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Абр ҳаме гиряд чун ошиқон,***
***Боғ ҳаме хандад маъшуқвор.***
***Раъд ҳаме нолад монанди ман***
***Чунки бинолам ба саҳаргоҳ зор.*** Шаҳиди Балхӣ

**A)** талмеҳ
**B)** тазмин
**C)** истиора
**D)** ташбеҳ

**80** **Дар байт асосан кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Ба ҳаво дарнигар, ки лашкари барф***
***Чун кунанд андар он ҳаме парвоз,***
***Рост ҳамчун кабӯтарони сафед,***
***Роҳгумкардагон зи ҳайбати боз.*** Абулҳасани Оғоҷии Бухороӣ

**A)** талмеҳ
**B)** тавсиф
**C)** истиора
**D)** ташбеҳ

**81** **Дар байт асосан кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Нилуфари кабуд нигаҳ кун миёни об***
***Чун теғи обдодаву ёқути обдор,***
***Ҳамранги осмону ба кирдори осмон,***
***Зардиш дар миёна чу моҳи даҳу чаҳор.*** Кисоии Марвазӣ

**A)** талмеҳ
**B)** тавсиф
**C)** истиора
**D)** ташбеҳ

**82** **Дар байт асосан кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Бар пилгӯш қатраи борон нигоҳ кун***
***Чун ашки чашми ошиқи гирёни ғамзада.*** Кисоии Марвазӣ

**A)** талмеҳ
**B)** ташбеҳ
**C)** истиора
**D)** тавсиф

РОЙГОН! Дарсмонаи www.ntc.tj

**83** **Дар байт асосан кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Аё бе ишқи ту чун май равонам фитнаангезе,***
***Аё бе зикри ту чун най забонам бодпаймое.*** Сайфи Фарғонӣ

**A)** талмеҳ
**B)** ташбеҳ
**C)** истиора
**D)** тавсиф

**84** **Дар байт асосан кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Моҳ гоҳе чу рӯйи ёри ман аст,***
***Гаҳ чу ман кӯжпушту зарду низор.*** Қамарии Ҷурҷонӣ

**A)** талмеҳ
**B)** ташбеҳ
**C)** истиора
**D)** тавсиф

**85** **Дар байт асосан кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Биёр он май, ки пиндорӣ равон ёқути ноб астӣ,***
***Ва ё чун баркашида теғ пеши офтоб астӣ.*** Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

**A)** талмеҳ
**B)** тазмин
**C)** истиора
**D)** ташбеҳ

**86** **Дар байт асосан кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Суратат маҳзари ҳусн аст, вале ин маънӣ***
***Ҳамчу ҳусни дигарон бар ҳама кас зоҳир нест.*** Камоли Хуҷандӣ

**A)** талмеҳ
**B)** тавсиф
**C)** истиора
**D)** ташбеҳ

**87** **Дар байт асосан кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Ватан меҳрат ба дил азбаски ҷо шуд,***
***Дилам аз хуррамӣ чун ғунча во шуд.*** Мирзо Турсунзода

**A)** талмеҳ
**B)** тавсиф
**C)** истиора
**D)** ташбеҳ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**88** **Дар байт асосан кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Чаро чун гул занӣ дар пӯст ханда?***
***Сухан бояд чу шаккар пӯстканда.*** Низомии Ганҷавӣ

**A)** талмеҳ
**B)** ташбеҳ
**C)** истиора
**D)** тавсиф

**89** **Дар байт асосан кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Пайкарам мегашт ҳамчун набзи беморон зи ҷо,***
***То саҳар аз мавҷи симоб изтиробе доштам.*** Саййидои Насафӣ

**A)** талмеҳ
**B)** ташбеҳ
**C)** истиора
**D)** тавсиф

**90** **Дар байт асосан кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Гаҳе чу шамъ кунам гиряҳои синагудоз,***
***Гаҳе чу субҳ занам хандаҳои хунолуд.*** Бадри Чочӣ

**A)** талмеҳ
**B)** ташбеҳ
**C)** истиора
**D)** тавсиф

**91** **Дар байт асосан кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Гули ман, иди Наврӯзат муборак,***
***Чунин ҷашни дилафрӯзат муборак!*** Лоиқ Шералӣ

**A)** талмеҳ
**B)** истиора
**C)** тавсиф
**D)** тазмин

**92** **Дар байт асосан кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Меравию гиря меояд маро,***
***Соате биншин, ки борон бигзарад.*** Амир Хусрави Деҳлавӣ

**A)** тавсиф
**B)** ташбеҳ
**C)** истиора
**D)** талмеҳ

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**93** **Дар байт асосан кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Эй ки бар кори шикасти дили мо мекӯшӣ,***
***Бохабар бош, ки ин шиша садое дорад.*** Ҳофизи Шерозӣ

**A)** талмеҳ

**B)** ташбеҳ

**C)** тавсиф

**D)** истиора

**94** **Дар байти зерин асосан кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Ҳар саҳар аз хандаи Хуршеди Ховар***
***Ман таваллуд мешавам як бори дигар.*** Бозор Собир

**A)** талмеҳ

**B)** ташбеҳ

**C)** ташхис

**D)** таҷнис

**95** **Дар ин порчаи шеърии Анварии Абевардӣ асосан кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Кай бувад ин сипеҳри ҳодисазой***
***Ҷумла аз якдигар фурӯ резад?!***
***Ё чу парвезан аст ӯ, ки мудом***
***Бар ҷаҳон оташи бало безад.***

**A)** ташхис

**B)** таҷнис

**C)** киноя

**D)** ташбеҳ

**96** **Дар байт асосан кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Хуршеди амал рӯят, дарёи асал хӯят,***
***Ҳар зарра зи хуршедат соҳибамале гашта.*** Ҷалолиддини Балхӣ

**A)** ташбеҳ

**B)** маҷоз

**C)** киноя

**D)** талмеҳ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**97** **Дар ин байтҳои Ҳофизи Шерозӣ асосан кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

*Гар боварат намешавад аз банда ин сухан,*
*Аз гуфтаи Камол далеле биёварам:*
*“Гар барканам дил аз туву бардорам аз ту меҳр,*
*Он меҳр бар кӣ афканам, он дил куҷо барам?”*

**A)** киноя
**B)** истиора
**C)** тазмин
**D)** ташбеҳ

**98** **Дар байт асосан кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

*Субҳдам мурғи чаман бо гули навхоста гуфт:*
*Ноз кам кун, ки дар ин боғ басе чун ту шукуфт.*
*Гул бихандид, ки аз рост наранҷем, вале*
*Ҳеч ошиқ сухани сахт ба маъшуқ нагуфт.* Ҳофизи Шерозӣ

**A)** киноя
**B)** таҷнис
**C)** ташхис
**D)** истиора

**99** **Дар байти Камоли Хуҷандӣ асосан кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

*Гуфт: Агар сар дар биёбони ғамам хоҳӣ ниҳод,*
*Ташнагонро муждае аз мо бибар! Гуфтам: Ба чашм.*

**A)** ташбеҳ
**B)** ташхис
**C)** киноя
**D)** саволу ҷавоб

**100** **Дар байти Камоли Хуҷандӣ асосан кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

*Гуфт: Агар ёбӣ нишони пойи мо бар хоки роҳ,*
*Барфишон он ҷо ба доманҳо гуҳар! Гуфтам: Ба чашм.*

**A)** саволу ҷавоб
**B)** тазодду муқобала
**C)** талмеҳ
**D)** ташхис

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**101** **Дар ин ҳикмати Абдуллоҳи Ансорӣ асосан кадом санъати сухан истифода шудааст?**

***Бомдоди ситам сим аст ва шабонгоҳи ӯ бим аст... Ибтидои ҷавр сароб аст ва интиҳои ӯ азоб аст.***

**A)** ташхис

**B)** саҷъ

**C)** ташбеҳ

**D)** таҷнис

**102** **Дар байти Ҳофиз асосан кадом санъати бадеӣ истифода шудааст:**

***Ало, эй Юсуфи мисрӣ, ки кардат салтанат мағрур,***
***Падарро боз пурс охир, куҷо шуд меҳри фарзандӣ?***

**A)** тавсиф

**B)** ташхис

**C)** талмеҳ

**D)** тавҷеҳ

**103** **Дар байт кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Хотами мулки Сулаймон аст илм,***
***Ҷумла олам сурату ҷон аст илм.*** Ҷалолиддини Балхӣ

**A)** киноя

**B)** тавсиф

**C)** истиора

**D)** ташбеҳ

**104** **Дар байти Ҳофизи Шерозӣ кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Гуфтам: “Эй султони хубон, раҳм кун бар ин ғариб!”***
***Гуфт: “Дар дунболи раҳ дил гум кунад мискин ғариб!”***

**A)** саволу ҷавоб

**B)** тазоду муқобала

**C)** талмеҳ

**D)** ташхис

**105** **Дар кадом байт санъати *талмеҳ* истифода шудааст?**

**A)** Абрӯи чун ҳилоли ту ҷонро шикор кард,
Мижгони обдори ту дил беқарор кард. Аҳмади Дониш

**B)** Эй бути ширинлабу симинтану рангинқабо,
Пой то сар ҷилваи макру фану нозукадо. Муҳаммадшарифи Гулханӣ

**C)** Аз ҷаҳон гум шуда меҳри падару фарзандӣ,
В-арна Рустам зи чи боис сари Суҳроб хӯрад? Сайидои Насафӣ

**D)** Куҷо аз модари айём осоиш ҳавас бошад?
Париданҳои рангам ҷунбиши гаҳвора бас бошад. Шавкати Бухорои

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**106** **Саъдии Шерозӣ дар ҷумлаи зерин кадом санъати суханро истифода кардааст?**

***Ҳунарманд ҳар ҷо, ки равад, қадр бинад ва дар садр нишинад ва беҳунар ҳар ҷо, ки равад, луқма чинад ва сахтӣ бинад.*** "Гулистон"

**A)** саҷъ

**B)** ташхис

**C)** ташбеҳ

**D)** таҷнис

## АДАБИЁТИ КЛАССИКӢ

**107** **Забони кадом китоб дар адабиёти қадими мо ба забони китоби муқаддаси ҳиндуён "Ригведа (Веда) монанд буда, аз гузаштаи ягонаи қавмҳои ориёӣ гувоҳӣ медиҳад?**

**A)** "Авесто"

**B)** "Дарахти Асуриг"

**C)** "Корномаи Ардашери Бобакон"

**D)** "Андарзи Озарбоди Меҳроспандон"

**108** **Аз рӯйи байти зерини Мутаваккилӣ муҳтавои адабиёти арабизабони тоҷикро муайян намоед:**

***Ман зодаи родмардонам аз дудмони Ҷам,***
***Вориси тахту тоҷи шаҳриёрони Аҷам ҳастам.***

**A)** барқарор кардани истиқлоли маънавию сиёсӣ

**B)** ҳифзу эҳёи дороиҳои фарҳангу адаби тоисломӣ

**C)** мадҳи аҷдоди эронӣ ва ифтихор аз гузаштаи ватан

**D)** таъмини растгории маънавии қавмҳои эронинажод

**109** **Аз рӯйи байтҳои зерин муайян намоед, ки Зардушт ба Гуштосп (аз "Шоҳнома"-и Абумансури Дақиқӣ) чӣ гуфтааст?**

***Ба шоҳи ҷаҳон гуфт Зардушти пир,***
***Ки: "Дар дини мо ин набошад ҳажир,***
***Ки ту бож бидҳӣ ба солори Чин,***
***На андархӯр ояд ба оину дин ..."***

**A)** Ба солори Чин бож додани ту ба дину оини мо манфиатовар нест.

**B)** Мувофиқи оини мо бож додан умуман дуруст нест.

**C)** Аз рӯйи оину дини мо ба солори Чин бож додани ту нек нест.

**D)** Дар дину оини мо бож надодан ба солори Чин дуруст нест.

Дар сомонаи www.ntc.tj
РОЙГОН!

**110** **Доир ба байтҳои зерини Абумансури Дақиқӣ кадом хулоса дуруст аст?**

***Дақиқӣ чор хислат баргузидаст***
***Ба гетӣ аз ҳама хубию зиштӣ:***
***Лаби ёқутрангу нолаи чанг,***
***Майи хушрангу дини зардуҳиштӣ.***

**A)** Дақиқӣ аз маю мусиқию маҷлиси ёр ва дини зардуштӣ дурӣ меҷустааст.

**B)** Дақиқӣ пайрави дини зардуштӣ ва дӯстдори маю мусиқию маҷлиси ёр буд.

**C)** Дақиқӣ маю мусиқиро хуб ва дини зардуштиро зишт шуморидааст.

**D)** Дақиқӣ пайрави дини зардуштӣ буд, вале маю мусиқиро зишт медонист.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**111** **Кадом байти Абушакури Балхӣ бо сухани Абулқосими Фирдавсӣ “*Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад*” ҳаммаъност?**

**A)** Хирад чун надонӣ, биёмӯзадат,
Чу пажмурда гардӣ, барафрӯзадат.

**B)** Касе, к-ӯ ба дониш барад рӯзгор,
На ӯ ёфа монад, на омӯзгор.

**C)** На донотар он кас, ки волотар аст,
Ки волотар он кас, ки донотар аст.

**D)** Ҷаҳонро ба дониш тавон ёфтан,
Ба дониш тавон риштану тофтан.

**112** **Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар қасидаи “Модари май” киро *“моҳи озодагону мафхари Эрон”, “малики адлу офтоби замона”*-гӯён мадҳ намудааст?**

**A)** амир Исмоили Сомониро

**B)** амир Насри II Сомониро

**C)** волии Хуросон Абуҷаъфар Аҳмад ибни Муҳаммадро

**D)** вазири давлати Сомониён Абулфазли Балъамиро

**113** **Дар кадом асари Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ амир Насри II Сомонӣ ба моҳ ва сарв ташбеҳ дода шудааст?**

**A)** маснавии “Синдбоднома”

**B)** қасидаи “Модари май”

**C)** қасидаи “Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён”

**D)** қасидаи “Шикоят аз пирӣ”

**114** **Кадом байти Абуиброҳими Мунтасир сухани Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ *“Кунун замона дигар гашту ман дигар гаштам”*-ро ба хотир меорад?**

**A)** Гаҳе ба иззу ба давлат ҳаменишастам шод,
Гаҳе зи ҳирс ҳамерафтам зи ҷой ба ҷой.

**B)** Басе тафохур кардам, ки ман касе ҳастам,
Кунун баробар бинам ҳаме амиру гадой.

**C)** Чу марг тохтан овард, ҳеч суд накард,
Бақо бақои Худоясту мулк мулки Худой.

**D)** Ҳазор қалъа кушодам ба як ишорати даст,
Басе масоф шикастам ба як фишурдани пой.

**115** **Кадом шарҳ ба байти Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мувофиқ аст?**

***Шуд он замона, ки шеъраш ҳама ҷаҳон бинвишт,***
***Шуд он замона, ки ӯ шоири Хуросон буд.***

**A)** Рӯдакӣ ба Абулфазли Балъамии вазир ишора карда, шуҳратёр будани ӯро дар тамоми Хуросон таъкид мекунад.

**B)** Манзури Рӯдакӣ Дақиқӣ аст, ки бо асари “Гуштоспнома”-аш дар Ироқу Хуросон машҳур ва маъруф шуда буд.

**C)** Рӯдакӣ худро дар назар дорад ва аз шуҳрату овозаи даврони ҷавониаш бо ифтихор сухан мегӯяд.

**D)** Шоир аз шуҳрату овозаи Абуиброҳими Мунтасир сухан ронда, ба табъи шоирӣ доштани ӯ ишора мекунад.

ҚОЙГОН! Ҷаҳони Ҷоҳиліг www.ntc.tj

**116** **Сухани зерини Мантиқии Розӣ ба кадом байти Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳаммаъност?**

***Маро зи ҷуди салотину меҳтарони замон,***
***Сарой зарриндевор буду симинбом.***

**A)** Куҷо ба гетӣ будаст номвар деҳқон,
Маро ба хонаи ӯ сим буду ҳумлон буд.

**B)** Шуд он замона, ки ӯ унси родмардон буд,
Шуд он замона, ки ӯ пешкори мирон буд.

**C)** Киро бузургию неъмат зи ину он будӣ,
Маро бузургию неъмат зи Оли Сомон буд.

**D)** Сапеду симзада буду дурру марҷон буд,
Ситораи саҳарӣ буду қатраборон буд.

**117** **Бо ин байт Абулқосими Фирдавсӣ ба кадом подшоҳ муроҷиат кардааст?**

***Яке бандагӣ кардам, эй шаҳриёр,***
***Ки монад зи ман дар ҷаҳон ёдгор.***

**A)** Наср ибни Аҳмади Сомонӣ

**B)** Султон Маҳмуди Ғазнавӣ

**C)** Султон Масъуди Ғазнавӣ

**D)** Нуҳ ибни Мансури Сомонӣ

**118** **Мувофиқи ривояти “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ номи писарони Фаридун, ки сарзаминашро байни онҳо тақсим намуд:**

**A)** Ковус, Гев, Тӯс
**B)** Салм, Тур, Эраҷ
**C)** Бежан, Сиёвуш, Фуруд
**D)** Манучеҳр, Эраҷ, Сом

**119** **Аз рӯи муҳтаво “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ кадом бахшҳоро дар бар мегирад?**

**A)** асотирӣ, миллӣ, таърихӣ
**B)** асотирӣ, паҳлавонӣ, таърихӣ
**C)** асотирӣ, қадим, нав
**D)** қадимтарин, қадим, нав

**120** **Кадом бахши “Шоҳнома”-и Фирдавсиро “давраи асотирӣ” мегӯянд?**

**A)** аз қиёми Кова то марги Рустам
**B)** аз шикасту марги Дорои Каёнӣ то охир
**C)** аз подшоҳии Каюмарс то подшоҳии Фаридун
**D)** аз подшоҳии Хусрави Парвиз то марги Яздгирд

**121** **Кадом бахши “Шоҳнома”-и Фирдавсиро “давраи паҳлавонӣ” мегӯянд?**

**A)** аз қиёми Кова то марги Рустам
**B)** аз шикасту марги Дорои Каёнӣ то охир
**C)** аз подшоҳии Каюмарс то подшоҳии Фаридун
**D)** аз подшоҳии Хусрави Парвиз то марги Яздгирд

**122** **Кадом бахши “Шоҳнома”-и Фирдавсиро “давраи таърихӣ” мегӯянд?**

**A)** аз қиёми Кова то марги Рустам
**B)** аз шикасту марги Дорои Каёнӣ то охир
**C)** аз подшоҳии Каюмарс то подшоҳии Фаридун
**D)** аз подшоҳии Хусрави Парвиз то марги Яздгирд

**123** **Афсонаи русии “Достони Еруслан Лазаревич” дар пайравии кадом достони “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ба вуҷуд омадааст?**

**A)** “Достони Кова”
**B)** “Достони Рустам”
**C)** “Достони Фаридун”
**D)** “Достони Баҳроми Гӯр”

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**124** **Кадом асари адабиёти классикии мо “аниси кунҷи танҳоӣ”-и нависанда ва мутафаккири барҷастаи рус Н. Чернишевский дар зиндон будааст?**

**A)** “Қонун”-и Абуалӣ ибни Сино

**B)** “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус

**C)** “Девон”-и Ҳофизи Шерозӣ

**D)** “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ

**125** **Кадом адиби барҷастаи моро дар адабиётшиносии Ғарб ҳампоя ва баробар бо саромадони адабиёти ҷаҳон, аз ҷумла Ҳомер ва Данте, донистаанд?**

**A)** Низомии Ганҷавӣ

**B)** Унсурулмаолии Кайковус

**C)** Абулқосими Фирдавсӣ

**D)** Ҳофизи Шерозӣ

**126** **Данте дар асараш “Мазҳакаи илоҳӣ” аз кадом адиби классики мо ном бурдааст?**

**A)** Абулқосими Фирдавсӣ

**B)** Абуалӣ ибни Сино

**C)** Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

**D)** Низомии Ганҷавӣ

**127** **Дар мисраи дуюм ба кӣ ишора шудааст?**

***Устод Шаҳид зинда боистӣ***
***В-он шоири тирачашми равшанбин.*** Абумансури Дақиқӣ

**A)** Абуҳафси Суғдӣ

**B)** Абушакури Балхӣ

**C)** Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

**D)** Асадии Тӯсӣ

**128** **Дар ситоиши Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ кадом шоир чунин гуфтааст?**

***Киро Рӯдакӣ гуфта бошад мадеҳ,***
***Имоми фунуну суханвар бувад.***

**A)** Абуҳафси Суғдӣ

**B)** Абушакури Балхӣ

**C)** Абумансури Дақиқӣ

**D)** Асадии Тӯсӣ

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**129** **“Шоҳнома”-и Дақиқиро боз бо кадом ном мешиносанд?**

**A)** “Гаршоспнома”
**B)** “Луҳроспнома”
**C)** “Гуштоспнома”
**D)** “Ҷомоспнома”

**130** **Падари Исфандиёр мувофиқи ривояти “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ.**

**A)** Луҳросп
**B)** Гуштосп
**C)** Арҷосп
**D)** Ҷомосп

**131** **“Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ бо баёни кадом ҳодиса ба охир мерасад?**

**A)** марги Эраҷ
**B)** марги Суҳроб
**C)** марги Исфандиёр
**D)** марги Яздигирд

**132** **Байти зерини Абулқосими Фирдавсӣ кадом маъниро бозгӯйӣ мекунад?**

***Зи абёти ғарро ду раҳ сӣ ҳазор,***
***Мар он ҷумла дар шеваи корзор.***

**A)** “Шоҳнома” беҳтарин достони қаҳрамонӣ буда, аз шаст ҳазор байти хуб иборат аст.
**B)** “Шоҳнома” дар ду нусха навишта шудааст ва ҳар нусха шомили сӣ ҳазор байт аст.
**C)** “Шоҳнома” ба назм навишта шудааст ва дар он набарди шоҳон тасвир гардидааст.
**D)** “Шоҳнома” дар бораи ҷангҳои подшоҳон аст ва сӣ ҳазор байтро дар бар мегирад.

**133** **Кадоме аз ин асарҳо яке аз сарчашмаҳои “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ба шумор меравад, ки шоир онро аз тариқи матни “Худойнома” истифода бурдааст?**

**A)** “Корномаи Ардашери Бобакон”
**B)** “Андарзи Озарбоди Меҳроспандон”
**C)** “Гоҳон”
**D)** “Ёдгори Зарирон”

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**134** **Достони “Бежан ва Манижа” (аз “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ) чӣ гуна асар аст?**

**A)** танқидӣ
**B)** ёддоштӣ
**C)** таърихӣ
**D)** ишқӣ

**135** **Абулқосими Фирдавсӣ бо гуфтани байти зерин ба кадом масъала ишора намудааст?**

***Бирафт ӯву ин нома ногуфта монд,***
***Чунин бахти бедори ӯ хуфта монд.***

**A)** марги шоир Муродӣ ва ногуфта мондани шеърҳои ӯ
**B)** аз ҷаҳон рафтани устод Рӯдакӣ ва мондани ҳикмати ӯ
**C)** вафоти Марзбони Рустам ва боқӣ мондани “Марзбоннома”
**D)** ҷавонмаргии Дақиқӣ ва нотамом мондани “Шоҳнома”-и ӯ

**136** **Гуштосп бар ивази тоҷу тахт ба Исфандиёр чӣ шарт гузошта буд?**

***Супорам туро ганҷу тахту кулоҳ,***
***Нишонам-т бо оҷ дар пешгоҳ ... .***
***Агар тахт хоҳӣ ҳаме бо кулоҳ,***
***Раҳи Систон гиру баркаш сипоҳ.*** Абулқосими Фирдавсӣ

**A)** гирифтани кини бобояш Луҳросп аз Арҷосп
**B)** рафтан ба ҷанги Рустам ва ба банд овардани ӯ
**C)** раҳонидани хоҳарони Гуштосп аз банди Арҷосп
**D)** фиристодани Башутан ва Баҳман ба ҷанги Рустам

**137** **Асадии Тӯсӣ ғайр аз навиштани достони паҳлавонӣ ва қасидаҳои мунозира боз чӣ хидмати арзандае ба адабиёту фарҳанг кардааст?**

**A)** навиштани аввалин “Шоҳнома”-и манзум ба забони порсии дарӣ
**B)** навиштани “Шоҳнома” бо хоҳиши Нуҳ ибни Мансури Сомонӣ
**C)** таълифи куҳантарин луғати тафсирии забони форсии тоҷикӣ – “Луғати фурс”
**D)** ба назм баргардонидани “Гаршоспнома”-и мансури Абулмуайяди Балхӣ

**138** **Қасидаи машҳури Анварии Абевардӣ.**

**A)** “Шикоят аз пирӣ”
**B)** “Харобаҳои Мадоин”
**C)** “Мунозира бо Худо”
**D)** “Ашкҳои Хуросон”

Дар сомонаи www.ntc.tj
РОЙГОН!

**139** **Қасидаи машҳури Хоқонии Шервонӣ.**

**A)** “Габру мусулмон”

**B)** “Харобаҳои Мадоин”

**C)** “Мунозира бо Худо”

**D)** “Ашкҳои Хуросон”

**140** **Қасидаи машҳури Носири Хусрав.**

**A)** “Шикоят аз пирӣ”

**B)** “Харобаҳои Мадоин”

**C)** “Мунозира бо Худо”

**D)** “Ашкҳои Хуросон”

**141** **Шарҳи мувофиқи байти Атторро интихоб кунед:**

***Ҷумла торикист ин меҳмонсарой,***
***Илм дар вай чун чароғи раҳнамой.***

**A)** Шоир мегӯяд, ки тирагию торикии дунёро фақат нури илму маърифат равшану зебо мекунад.

**B)** Шоир дар меҳмонхонаи торик қарор дорад ва мехоҳад, ки зудтар чароғи онро равшан кунанд.

**C)** Шоир мегӯяд, ки хондани китобҳои ман ба наслҳои оянда роҳи дурусту равшанро нишон медиҳад.

**D)** Шоир ҳайрон аст, ки чаро неруи илм дунёи ҳамаро равшан намекунад ва баъзе одамон дар ҷаҳолату торикӣ ҳастанд.

**142** **Мавзуи “Сиёсатнома”-и Низомулмулк кадом аст?**

**A)** одоби суҳбат бо зердастон

**B)** давлатдорӣ ва роҳбарӣ

**C)** масъалаҳои ирфонӣ

**D)** номанигории расмӣ

**143** **Дар бораи ин асар гуфтаанд, ки *“муаллиф онро барои тарбия ва таълими фарзандаш Гелоншоҳ навиштааст”*. Он кадом асар аст?**

**A)** “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ

**B)** “Тӯтинома”-и Зиёуддини Нахшабӣ

**C)** “Қобуснома”- Унсурулмаолии Кайковус

**D)** “Футувватномаи султонӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**144** **“Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус аз рӯйи мавзуъ ва муҳтаво чӣ гуна асар аст?**

**A)** сиёсӣ

**B)** ахлоқӣ

**C)** фалсафӣ

**D)** ирфонӣ

**145** **Боби “Андар пешӣ ҷустан дар сухандонӣ” аз кадом асар аст?**

**A)** “Бӯстон”-и Саъдии Шерозӣ

**B)** “Сафарнома”-и Носири Хусрав

**C)** “Маснавии маънавӣ”-и Ҷалолиддини Балхӣ

**D)** “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус

**146** **Аз рӯи мазмуни матн муайян кунед, ки он аз кадом асар аст?**

***Бидон, эй писар, ки аз муҷиби хирад бар фарзанд воҷиб аст худро ҳурмат доштан ва тафаққуд кардан ва низ воҷиб аст асли худро тааҳҳуд кардан ва ҳурмат доштан ва асли ӯ ҳам падару модар аст.***

**A)** “Зафарнома”-и Абуалӣ ибни Сино

**B)** “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ

**C)** “Дастур-ул-мулук”-и Самандархоҷаи Тирмизӣ

**D)** “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус

**147** **Аз рӯи мазмуни матн муайян кунед, ки он аз кадом асар аст?**

***Агар ба мол дарвеш гардӣ, ҷаҳд кун то ба хирад тавонгар бошӣ, ки тавонгарии хирад аз тавонгарии мол беҳтар бошад ва ба хирад мол тавон ҳосил кард ва ба мол хирад ҳосил натавон кард.***

**A)** “Дастур-ул-мулук”-и Самандархоҷаи Тирмизӣ

**B)** “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус

**C)** “Зафарнома”-и Абуалӣ ибни Сино

**D)** “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ

**148** **Аз рӯи мазмуни матн муайян кунед, ки он аз кадом асар аст?**

***Ва зинҳор, эй писар, ки ранҷи дили падару модар нахоҳӣ ва хор надорӣ... Ҳаққи падару модар агар аз рӯйи дин нанигарӣ, аз рӯйи хирад ва мардумӣ бинигар.***

**A)** “Зафарнома”-и Абуалӣ ибни Сино

**B)** “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ

**C)** “Дастур-ул-мулук”-и Самандархоҷаи Тирмизӣ

**D)** “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**149** **Аз рӯи мазмуни матн муайян кунед, ки он аз кадом асар аст?**

***Бидон ва огоҳ бош, эй писар, ки мардуми беҳунар доим бесуд бошад чун мугелон, ки тан дораду соя надорад, на худро суд кунад ва на ғайрро.***

**A)** “Зафарнома”-и Абуалӣ ибни Сино

**B)** “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ

**C)** “Дастур-ул-мулук”-и Самардархоҷаи Тирмизӣ

**D)** “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус

**150** **Аз рӯи мазмуни матн муайян кунед, ки он аз кадом асар аст?**

***Аммо ҷаҳд кун, ки агарчи асилу гавҳарӣ бошӣ, гавҳари тан низ дорӣ, ки гавҳари тан аз гавҳари асл беҳтар бувад, чунон ки гуфтаанд: бузургӣ хираду донишрост на гавҳару тухмаро.***

**A)** “Дастур-ул-мулук”-и Самардархоҷаи Тирмизӣ

**B)** “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус

**C)** “Зафарнома”-и Абуалӣ ибни Сино

**D)** “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ

**151** **Аз рӯи мазмуни матн муайян кунед, ки он аз кадом асар аст?**

***Ҷаҳд кун то сухан ба ҷойгоҳ гӯӣ, ки сухани на бар ҷойгоҳ агарчи хуб бошад, зишт намояд. Ва аз сухани бефоида дурӣ гузин, ки сухани бесуд ҳама зиён бошад ва сухан, ки аз вай бӯи дурӯғ ояд ва бӯи ҳунар наояд, ногуфта беҳтар.***

**A)** “Зафарнома”-и Абуалӣ ибни Сино

**B)** “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ

**C)** “Дастур-ул-мулук”-и Самардархоҷаи Тирмизӣ

**D)** “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус

**152** **Кадом асари Абуалӣ ибни Синоро пас аз марги ӯ шогирдаш Абуубайди Ҷузҷонӣ давом додааст?**

**A)** “Донишнома”

**B)** “Китоби инсоф”

**C)** “Рисолаи саргузашт”

**D)** “Рисолаи тамсилоти форсӣ”

**153** **Дар адабиёти мо нахустин бор кӣ “Хамса” навиштааст?**

**A)** Саноии Ғазнавӣ

**B)** Низомии Ганҷавӣ

**C)** Хоқонии Шервонӣ

**D)** Анварии Абевардӣ

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**154** **Китоби “Дастур-ул-мулук”-и Самандархоҷаи Тирмизӣ чӣ гуна асар аст?**

**A)** фалсафӣ

**B)** ахлоқӣ

**C)** таърихӣ

**D)** сиёсӣ

**155** **Кадом шарҳ ба байт мувофиқ аст?**

***Касе ба гардани мақсуд даст ҳалқа занад,***
***Ки пеши тири балоҳо сипар тавонад буд.*** Самандархоҷаи Тирмизӣ

**A)** Касе ба ҳадафу мароми худ мерасад, ки ба сухани бузургон гӯш диҳад.

**B)** Дар тӯли ҳаёт бо роҳҳои бад ҳаргиз ба ҳадафҳои нек наметавон расид.

**C)** Рӯзгори инсони худхоҳу танбал пур аз машаққат ва сахтию нобарорист.

**D)** Дар зиндагӣ шахсоне муваффақ мешаванд, ки аз сахтиҳо наметарсанд.

**156** **Шарҳи муносиби байти Самандархоҷаи Тирмизиро муайян кунед:**

***Ба пешкории ақли шарифу ройи дуруст***
***Тавон каманди тасарруф бар осмон афканд.***

**A)** Барои анҷоми корҳои азим одам бояд дили бузург, ҳадафгузории дақиқ ва қадамҳои устувор дошта бошад.

**B)** Аз уҳдаи корҳои сахту душвор вақте хоҳем баромад, ки бо такя ба хиради худ ва машварат бо дигарон амал кунем.

**C)** Барои расидан ба мақсадҳои олӣ дар зиндагӣ бояд ба сухани касе гӯш надиҳем ва мустақил бошем.

**D)** Бояд дуруст фикр кунем ва фақат ҳадафҳоеро дар пеш гирем, ки расидан ба онҳо имконпазир аст.

**157** **Ин байт дар оғози кадом асар омадааст?**

***Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад***
***В-аз ҷудоиҳо шикоят мекунад.***

**A)** “Мантиқ-ут-тайр”-и Аттори Нишопурӣ

**B)** “Маснавии маънавӣ”-и Ҷалолиддини Балхӣ

**C)** “Ҳадиқат-ул-ҳақиқа”-и Саноии Ғазнавӣ

**D)** “Бӯстон”-и Саъдии Шерозӣ

**158** **Ҳикояти “Марди баққол ва тӯтӣ” аз кадом асар аст?**

**A)** “Сафарнома”-и Носири Хусрав

**B)** “Тӯтинома”-и Зиёуддини Нахшабӣ

**C)** “Маснавии маънавӣ”-и Ҷалолиддини Балхӣ

**D)** “Бӯстон”-и Саъдии Шерозӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**159** **Шарҳи мувофиқи байтро муайян кунед.**

***Нуктае, к-он ҷаст ногоҳ аз забон,***
***Ҳамчу тире дон, ки ҷаст он аз камон.*** Ҷалолиддини Балхӣ

**A)** Ҷойи нуқта дар ҷумла муҳим аст, чунки боиси дигаргун шудани маъно мешавад.

**B)** Сухан бояд буррою возеҳ гуфта шавад ва сухандонии шуморо нишон диҳад.

**C)** Сухан бояд бо андеша гуфта шавад, то ки касе аз сухани мо нороҳат нашавад.

**D)** Сухан мисли тирест, ки чун раҳо гашт, бозгардонидани он номумкин аст.

**160** **Дар рубоии Ҷалолиддини Балхӣ ба кадом мавзуъ ишора шудааст?**

***Бедор шав, эй дил, ки ҷаҳон мегузарад***
***В-ин мояи умр ройгон мегузарад.***
***Дар манзили тан махуспу ғофил манишин,***
***К-аз манзили умр корвон мегузарад.***

**A)** бевафоии маъшуқ ва шикояти ошиқ аз дурии ӯ

**B)** зудгузар будани умр ва ғанимат шуморидани вақт

**C)** ба ҳамроҳии сорбон ва корвон ба сайру саёҳат рафтан

**D)** ройгон будани хоб ва душвор будани хестан дар вақти саҳар

**161** **Ҳикояти "Марди аблаҳ ва хирс" аз кадом асар аст?**

**A)** "Бӯстон"-и Саъдии Шерозӣ

**B)** "Сафарнома"-и Носири Хусрав

**C)** "Маснавии маънавӣ"-и Ҷалолиддини Балхӣ

**D)** "Анвори Суҳайлӣ"-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ

**162** **"Пандномаи Анушервон"-и Ибни Ямин дар вазн ва пайравии кадом асар навишта шудааст?**

**A)** "Хамса"-и Низомии Ганҷавӣ

**B)** "Мантиқ-ут-тайр"-и Аттори Нишопурӣ

**C)** "Мунозира бо Худо"-и Носири Хусрав

**D)** "Шоҳнома"-и Абулқосими Фирдавсӣ

**163** **Кадом мақол мувофиқи байт аст?**

***Дигар он, ки чун пардаи кас дарӣ,***
***Кунад бо ту гетӣ ҳамон доварӣ.*** Ибни Ямин

**A)** Бо бадон бад бошу бо некон наку!

**B)** Обрӯ мехоҳӣ, обрӯи дигаре мабар!

**C)** Чоҳ макан, ки худ афтӣ!

**D)** Бо моҳ шинӣ, моҳ шавӣ!

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**164** **Асари ишқии Амир Хусрави Деҳлавӣ, ки онро дар айёми пириаш иншо кардааст:**

**A)** “Васат-ул-ҳаёт”

**B)** “Туҳфат-ус-сиғар”

**C)** “Оинаи искандарӣ”

**D)** “Дувалронӣ ва Хизрхон”

**165** **Дар осори кадом адиб ситоиши табақаҳои ҳунарманди ҷамъият ҷойгоҳи махсусро дорост?**

**A)** Бедили Деҳлавӣ

**B)** Соиби Табрезӣ

**C)** Шавкати Бухорой

**D)** Саййидои Насафӣ

**166** **Кадом асари Абуалӣ ибни Сино фарогири мафҳуму истилоҳҳои илмии тоза ба забони форсии тоҷикист?**

**A)** “Қонуни тибб”

**B)** “Ан-Наҷот”

**C)** “Донишнома”

**D)** “Китоб-уш-шифо”

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**167** **Ин сухани Имом Ғаззолӣ дар бораи кадом китоби Абуалӣ ибни Синост?**

***.... агар Буқрот (Ҳиппократ) ва Ҷолинус (Ҳален) зинда шаванд, раво бувад, ки пеши ин китоб саҷда кунанд.***

**A)** “Донишнома”

**B)** “Рисолаи саргузашт”

**C)** “Ал-Қонун”

**D)** “Ан-Наҷот”

**168** **Абуалӣ ибни Сино доир ба кадом асараш навиштааст *“... масалест, ки аз баҳри ту задаанд дар маърифат. Агар ту аз аҳли ҳикматӣ, бояд ин рамз кушоӣ”*?**

**A)** “Донишнома”

**B)** “Зафарнома” (“Пирӯзинома”)

**C)** “Ҳай ибни Яқзон” (“Зинда пури Бедор”)

**D)** “Саломон ва Абсол”

**169** **Ибни Сино дар кадом рубоияш, ки мисраи аввалаш оварда шудааст, ба бемағзию нотавонбинии ҳарифонаш ишорат намудааст?**

**A)** “Аз қаъри гили сиёҳ то авҷи Зуҳал ...”

**B)** “Бо душмани ман чу дӯст бисёр нишаст ...”

**C)** “Май душмани масту дӯст бо ҳушёр аст ...”

**D)** “Бо ин ду-се нодон, ки чунин медонанд ...”

**170** **“Рисолаи саргузашт” дар бораи зиндагии кадом адибу донишманд аст?**

**A)** Абулқосими Фирдавсӣ

**B)** Абуалӣ ибни Сино

**C)** Носири Хусрав

**D)** Умари Хайём

**171** ***“Ҳар киро муҷаллади (ҷилди) аввали он маълум бошад, аз усули илми тиб ва куллиёти ӯ ҳеч бар ӯ пӯшида намонад”.*** **Ин сухан дар бораи кадом китоби Абуалӣ ибни Сино гуфта шудааст?**

**A)** “Китоб-уш-шифо”

**B)** “Рисолат-ут-тайр”

**C)** “Ал-қонун”

**D)** “Донишнома”

**172** **Аз рӯи мазмуни матн муайян кунед, ки он аз кадом асар аст?**

***Гуфтам: - Кадом айб аст, ки наздики мардум муътабар намояд?***
***Гуфт: - Ҳунари худ гуфтан.***

**A)** “Дастур-ул-мулук”-и Самардархоҷаи Тирмизӣ

**B)** “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус

**C)** “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ

**D)** “Зафарнома”-и Абуалӣ ибни Сино

**173** **Аз рӯи мазмуни матн муайян кунед, ки он аз кадом асар аст?**

***Гуфтам: - Ҳазар аз кӣ бояд кард, то растагор бошем?***
***Гуфт: - Аз мардуми чоплус ва хасис, ки тавонгар шуда бошанд.***

**A)** “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ

**B)** “Зафарнома”-и Абуалӣ ибни Сино

**C)** “Дастур-ул-мулук”-и Самардархоҷаи Тирмизӣ

**D)** “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**174** **Аз рӯи мазмуни матн муайян кунед, ки он аз кадом асар аст?**

***Гуфтам: - Чӣ чиз аст, ки мардум ҷӯянд ва касе тамом дарнаёфт?***
***Гуфт: - Се чиз: тандурустӣ, шодӣ ва дӯсти мухлис.***

**A)** “Зафарнома”-и Абуалӣ ибни Сино
**B)** “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ
**C)** “Дастур-ул-мулук”-и Самардархоҷаи Тирмизӣ
**D)** “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус

**175** **Аз рӯйи байтҳои зерин, аз “Бӯстон”-и Саъдӣ, муайян намоед, ки онҳо ба кадом масъала дахл доранд:**

***Шунидам, ки дар вақти назъи равон***
***Ба Ҳурмуз чунин гуфт Нӯшервон,***
***Ки хотирнигаҳдори дарвеш бош!***
***На дар банди осоиши хеш бош!***

**A)** тарбияти инсон
**B)** сабру қаноат
**C)** адли подшоҳон
**D)** шукр бар офият

**176** **Ҷумлаи дуруст дар бораи “Бӯстон”-и Саъдии Шерозиро интихоб кунед.**

**A)** “Бӯстон” асарест мураттаб аз шеър ва наср.
**B)** “Бӯстон” асари мунозиравӣ дар бораи хайру шар аст.
**C)** “Бӯстон” асари манзумест иборат аз даҳ боб.
**D)** “Бӯстон” асари мансурест иборат аз ҳикояҳои ҷолиб.

**177** **Боби “Дар таъсири тарбият” аз кадом асар аст?**

**A)** “Анвори Суҳайлӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ
**B)** “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ
**C)** “Маснавии маънавӣ”-и Ҷалолиддини Балхӣ
**D)** “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ

**178** **Дар кадом асари Саъдии Шерозӣ масъалаи меҳру садоқати бепоён нисбат ба ватан, марзу бум ва ёру диёр бо эҳсосоти баланд баён шудааст?**

**A)** “Бӯстон”
**B)** қасидаи “Бозгашт”
**C)** “Гулистон”
**D)** ғазали “Бигзор то бигирям ...”

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**179** **Мавзуи байт чист?**

***Якеро, ки маъзул кардӣ зи ҷоҳ,***
***Чу чанде барояд, бибахшаш гуноҳ!***
***Баровардани коми уммедвор***
***Беҳ аз қайди банде шикастан ҳазор.*** Саъдии Шерозӣ

**A)** саховат ва дасткушодӣ

**B)** ҷавонмардӣ ва авфи хато

**C)** муҳаббат ва дӯстӣ

**D)** хоксорӣ ва қаноат

**180** **Мавзуи байт чист?**

***Парешон кун имрӯз ганҷина чуст,***
***Ки фардо калидаш на дар дасти туст.***
***Макун бар кафи даст, неҳ ҳарчи ҳаст,***
***Ки фардо ба дандон барӣ пушти даст.*** Саъдии Шерозӣ

**A)** саховатмандӣ ва эҳсон

**B)** ҷавонмардӣ ва авфи хато

**C)** муҳаббат ва дӯстӣ

**D)** хоксорӣ ва қаноат

**181** **Мавзуи байт чист?**

***Тавозуъ сари рифъат афрозадат,***
***Такаббур ба хок-андар андозадат.*** Саъдии Шерозӣ

**A)** саховат ва дасткушодӣ

**B)** ҷавонмардӣ ва авфи хато

**C)** муҳаббат ва дӯстӣ

**D)** хоксорӣ ва фурутанӣ

**182** **Кадом байти Саъдии Шерозӣ маънои сухани зерини Унсурулмаолии Кайковусро ифода мекунад?**

***Сухан, ки бар мардумон намоӣ, накутарин намой то мақбул бувад. Мардумон дараҷаи ту бишносанд, ки бузургону хирадмандонро ба сухан бидонанд, на суханро ба мардум, ки мардум ниҳон аст зери сухани хеш.***

**A)** Илм чандон, ки бештар хонӣ,
Чун амал дар ту нест, нодонӣ.

**B)** То мард сухан нагуфта бошад,
Айбу ҳунараш нуҳуфта бошад.

**C)** Гарчи донӣ, ки нашнаванд, бигӯй
Ҳар чӣ донӣ зи некхоҳию панд!

**D)** Агарчи пеши хирадманд хамӯшӣ адаб аст,
Ба вақти маслиҳат он беҳ, ки дар сухан кӯшӣ.

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**183** **Кадом сухани Саъдии Шерозӣ маънои ин гуфтаи Унсурмаолии Кайковусро ифода мекунад?**

***Шарафу бузургӣ дар хираду адаб аст, на дар насабу нажод, ки бузургӣ хираду донишрост, на гавҳару тухмаро.***

**A)** Ҳакиме писаронро панд ҳамедод, ки "Ҷонони падар, ҳунар омӯзед, ки мулку давлати дунё эътимодро нашояд ва симу зар дар сафар бар маҳалли хатар аст".

**B)** Ду кас ранҷи беҳуда бурданду саъйи бефоида карданд. Яке он, ки андӯхту нахӯрд ва дигар он, ки омӯхту амал накард.

**C)** Аъробиеро дидам, ки писарро ҳамегуфт:
-Туро хоҳанд пурсид, ки амалат чист, нагӯянд падарат кист!

**D)** Якеро гуфтанд: "Олими беамал ба чӣ монад?" Гуфт: "Ба занбӯри беасал".

**184** **Аз рӯи мухтавои қитъа муайян кунед, ки он аз кадом боби "Гулистон"-и Саъдии Шерозӣ аст:**

***Умри гаронмоя дар ин сарф шуд:***
***То чӣ хӯрам сайфу чӣ пӯшам шито.***
***Эй шиками хира, ба ноне бисоз,***
***То накунӣ пушт ба хидмат дуто.***

**A)** Дар сирати подшоҳон

**B)** Дар ахлоқи дарвешон

**C)** Дар фазилати қаноат

**D)** Дар таъсири тарбият

**185** **Насри "Гулистон"-и Саъдии Шерозиро бо кадом ибора ифода мекунанд?**

**A)** насри муфассал

**B)** насри мусаҷҷаъ

**C)** насри мукаллаф

**D)** насри мураккаб

**186** **Аз рӯи мазмуни матн муайян кунед, ки он аз кадом асар аст?**

***Ду кас ранҷи беҳуда бурданду саъйи бефоида карданд: яке он, ки андӯхту нахӯрд ва дигар он, ки омӯхту амал накард.***

**A)** "Зафарнома"-и Абуалӣ ибни Сино

**B)** "Гулистон"-и Саъдии Шерозӣ

**C)** "Дастур-ул-мулук"-и Самандархоҷаи Тирмизӣ

**D)** "Қобуснома"-и Унсурулмаолии Кайковус

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**187** **Аз рӯи мазмуни матн муайян кунед, ки он аз кадом асар аст?**

***Раҳм овардан бар бадон – ситам аст бар некон ва авф кардан аз золимон – ҷабр аст бар мазлумон.***

**A)** “Зафарнома”-и Абуалӣ ибни Сино
**B)** “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ
**C)** “Дастур-ул-мулук”-и Самандархоҷаи Тирмизӣ
**D)** “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус

**188** **Аз рӯи мазмуни ҷумла муайян кунед, ки он аз кадом асар аст?**

***Мол аз баҳри осоиши умр аст, на умр аз баҳри гирд кардани мол.***

**A)** “Зафарнома”-и Абуалӣ ибни Сино
**B)** “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ
**C)** “Дастур-ул-мулук”-и Самардархоҷаи Тирмизӣ
**D)** “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус

**189** **Аз рӯи мазмуни матн муайян кунед, ки он аз кадом асар аст?**

***Се чиз бе се чиз пойдор намонад: мол бе тиҷорату илм бе баҳс ва мулк бе сиёсат.***

**A)** “Зафарнома”-и Абуалӣ ибни Сино
**B)** “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ
**C)** “Дастур-ул-мулук”-и Самардархоҷаи Тирмизӣ
**D)** “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**190** **Аз рӯи мазмуни матн муайян кунед, ки он аз кадом асар аст?**

***Ҳар он сирре, ки дорӣ бо дӯст дар миён манеҳ, чӣ донӣ, ки вақте душман гардад ва ҳар газанде, ки тавонӣ, ба душман марасон, ки бошад, ки вақте дӯст шавад!***

**A)** “Зафарнома”-и Абуалӣ ибни Сино
**B)** “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ
**C)** “Дастур-ул-мулук”-и Самардархоҷаи Тирмизӣ
**D)** “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус

**191** **Мавзуи порчаи шеъриро аз “Бӯстон”-и Саъдии Шерозӣ муайян кунед:**

***Ба ҳоли дили хастагон дарнигар,***
***Ки рӯзе ту дилхаста бошӣ магар.***
***Даруни фурӯмондагон шод кун,***
***Зи рӯзи фурӯмондагӣ ёд кун.***

**A)** тарбияти инсон
**B)** қаноат бар дошта
**C)** шукр бар офият
**D)** эҳсон ва ҷавонмардӣ

**192** **Ин байт аз оғози кадом асари Саъдии Шерозӣ аст?**

***Дар ақсои олам бигаштам басе,***
***Ба сар бурдам айём бо ҳар касе.***

**A)** “Бӯстон”
**B)** “Гулистон”
**C)** девони “Хавотим”
**D)** қасидаи “Бозгашт”

**193** **Ин байти зебо ва тарбиявиро кӣ гуфтааст?**

***Зиндаву ҷовид монд ҳар кӣ накӯном зист,***
***К-аз ақибаш зикри хайр зинда кунад номро.***

**A)** Носири Хусрав
**B)** Саъдии Шерозӣ
**C)** Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
**D)** Абулқосими Фирдавсӣ

**194** **Мавзуи байт чист?**

***Эй дил, сабур бошу махур ғам, ки оқибат***
***Ин шом субҳ гардаду ин шаб саҳар шавад.*** Ҳофизи Шерозӣ

**A)** саховат ва дасткушодӣ
**B)** сабру тоқат дар сахтӣ
**C)** муҳаббат ва дӯстӣ
**D)** хоксорӣ ва қаноат

РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj

**195** **Мавзуи байт чист?**

***Доим гули ин бӯстон шодоб намемонад,***
***Дарёб заифонро дар вақти тавоноӣ.*** Ҳофизи Шерозӣ

**A)** донистани қадри вақт ва некӣ кардан ба бечорагон
**B)** донистани қадри ҷавонӣ ва омӯхтани илму дониш
**C)** ҳифз кардани табиат ва ҳар гулу гиёҳи кишвар
**D)** ситоиши хоксорӣ ва даъват ба қаноату ризо

**196** **Мавзуи байт чист?**

***Ба хорӣ мангар, эй мунъим, заифону наҳифонро,***
***Ки садри маҷлиси ишрат гадои раҳнишин дорад.*** Ҳофизи Шерозӣ

**A)** ситоиши саховату дасткушодӣ
**B)** васфи ҷавонмардию авфи хато
**C)** тарғиби муҳаббату дӯстӣ
**D)** даъват ба хоксорию фурутанӣ

**197** **Сухан дар бораи кадом шоир меравад?**

***Ӯ солҳо дар Табрез зиндагӣ кард, то лаҳзаҳои охири ҳаёт дар ёди зодгоҳаш буд ва бо ҳамин дард зиндагиро падруд гуфт:***

***Охир, эй бахт, маро роҳ ба манзил бирасон,***
***Ки ба ҷон омадам, ин ранҷи биёбон то кай?!***

**A)** Носири Бухорой

**B)** Камоли Хуҷандӣ

**C)** Сайфи Фарғонӣ

**D)** Убайди Зоконӣ

**198** **Кадом байти Камоли Хуҷандӣ ба сухани зерини Хайём ҳаммаъност?**

***Хуш бошу махӯр ғами ҷаҳони гузарон,***
***Биншину даме ба шодмонӣ гузарон.***

**A)** Биё, соқӣ, ки бехи ғам ба даври гул барандозем,
Майи гулгун талаб дорему гул дар соғар андозем.

**B)** Навбаҳорон зи гулам бӯйи ту хуш меояд,
Ҳамаро боғу маро рӯйи ту хуш меояд.

**C)** Менагардад дилам аз дарди фалак рӯзе шод,
Ба ман ин ғуссаи талху ғами даврон то кай?

**D)** Гуфт: “Агар сар дар биёбони ғамам хоҳӣ ниҳод,
Ташнагонро муждае аз мо бибар!” Гуфтам: “Ба чашм”.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**199** **Ҳаждаҳ байти аввали асари “Маснавии маънавӣ”-и Ҷалолиддини Балхиро чӣ меноманд?**

**A)** “Пешгуфтор”

**B)** “Найнома”

**C)** “Ҷудоинома”

**D)** “Муқаддима”

**200** **Кадом мақол мувофиқи байт аст?**

***Ҳар кӣ бад мекунад, ҳамеёбад,***
***Ҳам ба дунёи дун ҷазои бадӣ.*** Зиёуддини Нахшабӣ

**A)** Бо худододагон ситеза макун!

**B)** Бо бадон бад бошу бо некон наку!

**C)** Чоҳ макан, ки худ афтӣ!

**D)** Бо моҳ шинӣ, моҳ шавӣ!

**201** **Аз қитъаи Зиёуддини Нахшабӣ муайян кунед, ки бо кадом сабаб дар насри худ аз назми дигарон истифода накардааст?**

***Ба насри хеш соҳибнасри лоиқ***
***Раво бошад, ки орад назми ҳар кас.***
***Валекин ман наовардам дар ин наср***
***Зи саъйи килки худ назми дигар кас.***

**A)** Азбаски аз дигарон байти зиёд намедонист, барои ҳамин дар насри худ истифода намекард.

**B)** Азбаски номи муаллифи байтҳоро дақиқ намедонист, барои ҳамин дар насраш истифода намекард.

**C)** Азбаски худаш табъи шоирӣ дошт, барои ҳамин аз ашъори дигарон истифода намекард.

**D)** Намехост ба дуздии ашъори дигарон муттаҳам шавад, барои ҳамин аз ашъори дигарон истифода намекард.

**202** **Чаро боби ҳафтуми "Баҳористон"-и Абдурраҳмони Ҷомиро дорои аҳаммияти илмию бадеии хос донистаанд?**

**A)** ба далели зиёд будани порчаҳои назмӣ дар он

**B)** ба далели зиёд будани панду андарз дар он

**C)** ба далели шавқовар будани ҳикояҳои он

**D)** ба далели тазкирагуна будани он

РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj

**203** **Кадом асарро муаллиф барои тарбияи писараш Зиёуддин Юсуф менависад?**

**A)** "Гулистон"-и Саъдии Шерозӣ

**B)** "Баҳористон"-и Абдурраҳмони Ҷомӣ

**C)** "Қобуснома"-и Унсурулмаолии Кайковус

**D)** "Дастур-ул-мулук"-и Самандархоҷаи Тирмизӣ

**204** **Кадом байти Абдурраҳмони Ҷомӣ бар шарҳи сухани *"Фарзанд давлати падару модар аст."* омадааст?**

**A)** Аз ин шуд тани ман пазирои ҷон,
В-аз он омадам зиндаи ҷовидон.

**B)** Ҳеч неъмат беҳтар аз фарзанд нест,
Ҷуз ба ҷон фарзандро пайванд нест.

**C)** Фарзанд нахоҳад зи пайи мол падарро,
Хоҳад, ки намонад падару мол бимонад.

**D)** Ҳар писар, к-ӯ аз падар лофад, на аз фазлу ҳунар,
Филмасал гар дидаро мардум бувад, номардум аст.

**205** **Дар кадом байт Абдурраҳмони Ҷомӣ ба ҳокимони замонаш муроҷиат намуда, онҳоро ба адлу дод даъват намудааст?**

**A)** Ҷаҳонподшоҳо, дар инсоф кӯш,
Зи ҷоми адолат майи соф нӯш.

**B)** Дило, зи қайди ҳарифони бехирад бигрез,
Ту мурғи заракӣ, аз доми деву дад бигрез.

**C)** Санги озор мазан бар дили арбоби сафо,
К-омад осон шикани шишаву мушкил пайванд.

**D)** Дар ҷавонӣ саъй кун, гар бехалал хоҳӣ амал,
Мева бенуқсон бувад, чун аз дарахти навбар аст.

**206** **Кадом шарҳ ба байти Абдурраҳмони Ҷомӣ мувофиқ аст?**

***Ҳар писар, к-ӯ аз падар лофад, на аз фазлу ҳунар,***
***Филмасал гар дидаро мардум бувад, номардум аст.***

**A)** Фарзанди хуб боиси обрӯмандӣ ва ифтихори падари худ мегардад.

**B)** Фарзанди нек бояд аввал илм омӯзад ва сипас якчанд ҳунар ёд гирад.

**C)** Фарзанди лоиқ бо илму донишаш мефахрад, на бо номи падараш.

**D)** Илму адаби фарзанд ӯро дар чашми мардум азиз мегардонад.

**207** **Кадом қитъаи “Баҳористон”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ дар мавзуи “мазаммати рашку нотавонбинӣ” аст?**

**A)** Ин се кор аст, ки-ш нигорад зишт,
Аз касе хомаи нигоранда:
Тундхӯии подшоҳи кавӣ,
Ҳирси донову бухли доранда.

**B)** Таъна бар ман мазан ба сурати зишт,
Эй тиҳӣ аз фазилату инсоф!
Тан бувад чун ғилофу ҷон шамшер,
Кор шамшер мекунад, на ғилоф!

**C)** Касе, ки бо ҳама кас хӯи бад ба кор барад,
Ҳамеша дар кафи сад ғусса мумтаҳан донаш.
Машав ба шаҳна, ки зиндон мақоми ӯ гардон,
Ки пӯст бар тани бадхӯ бас аст зиндонаш.

**D)** Эътироз аст бар аҳкоми ҷаҳондори ҳаким,
Одати марди ҳасадпеша, ки хокаш ба даҳан.
Ҳар чӣ бинад ба кафи ғайр, фиғон бардорад,
Ки чаро дод ба вай бесабаб онро, на ба ман?!

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**208** **Кадом қитъаи “Баҳористон”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ дар мавзуи “дурӣ ҷустан аз одамони бад” аст?**

**A)** Эътироз аст бар аҳкоми ҷаҳондори ҳаким,
Одати марди ҳасадпеша, ки хокаш ба даҳан.
Ҳар чӣ бинад ба кафи ғайр, фиғон бардорад,
Ки чаро дод ба вай бесабаб онро, на ба ман?!

**B)** Таъна бар ман мазан ба сурати зишт,
Эй тиҳӣ аз фазилату инсоф!
Тан бувад чун ғилофу ҷон шамшер,
Кор шамшер мекунад, на ғилоф!

**C)** Чу бо ту хасм шавад сифлае, на аз хирад аст,
Ки дар хусумати ӯ макру ҳила соз кунӣ.
Ҳазор ҳила тавон сохт в-аз ҳама он беҳ,
Ки ҳам зи сулҳу ҳам аз ҷангаш эҳтироз кунӣ.

**D)** Дило, гӯш кун аз ман ин нуктаи хуш,
Ки мондаст дар гӯшам аз нуктадонон.
Ки ҳар кас кашад теғи номеҳрубонӣ,
Шавад куштаи теғи номеҳрубонон.

**209** **Кадом қитъаи “Баҳористон”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ дар мавзуи “ситоиши азму ирода ва ҷаҳду кӯшиш” аст?**

**A)** Эътироз аст бар аҳкоми ҷаҳондори ҳаким,
Одати марди ҳасадпеша, ки хокаш ба даҳан.
Ҳар чӣ бинад ба кафи ғайр, фиғон бардорад,
Ки чаро дод ба вай бесабаб онро, на ба ман?!

**B)** Чу бо ту хасм шавад сифлае, на аз хирад аст,
Ки дар хусумати ӯ макру ҳила соз кунӣ.
Ҳазор ҳила тавон сохт в-аз ҳама он беҳ,
Ки ҳам зи сулҳу ҳам аз ҷангаш эҳтироз кунӣ.

**C)** Дило, гӯш кун аз ман ин нуктаи хуш,
Ки мондаст дар гӯшам аз нуктадонон.
Ки ҳар кас кашад теғи номеҳрубонӣ,
Шавад куштаи теғи номеҳрубонон.

**D)** Боре, ки осмону замин сар кашид аз он,
Мушкил тавон ба ёварии ҷисму ҷон кашид.
Ҳиммат қавӣ кун аз мадади раҳравони ишқ,
К-он борро ба қуввати ҳиммат тавон кашид.

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**210** **Мавзуи байт чист?**

***Шунав панду дониш ба он ёр кун,***
***Чу донистӣ, он гаҳ ба он кор кун.*** Абдурраҳмони Ҷомӣ

**A)** сабру таҳаммули сахтӣ
**B)** ҷаҳду кӯшиш дар роҳи илм
**C)** ситоиши илму амал
**D)** вафо кардан ба ваъда

**211** **Мавзуи байт чист?**

***Зи нахват пок кун андешаи хеш,***
***Тавозуъ кун ба ҳар кас пешаи хеш.*** Абдурраҳмони Ҷомӣ

**A)** ситоиши хирад
**B)** мазаммати ҳасад
**C)** васфи муҳаббат
**D)** ситоиши хоксорӣ

**212** **Мавзуи байт чист?**

***Гулхани ҳирс бувад тираву танг,***
***Кун ба гулзори қаноат оҳанг.*** Абдурраҳмони Ҷомӣ

**A)** ситоиши хирад
**B)** мазаммати ҳасад
**C)** васфи муҳаббат
**D)** мазаммати тамаъ

**213** **Абдурраҳмони Ҷомӣ дар “Баҳористон” дар ситоиши кӣ чунин гуфтааст?**

***Ба “Хамса”-и Низомӣ беҳ аз вай касе ҷавоб нагуфт.***

**A)** Ҳусайн Воизи Кошифӣ
**B)** Алишери Навоӣ (Фонӣ)
**C)** Амир Хусрави Деҳлавӣ
**D)** Муҳаммад Авфии Бухороӣ

**214** **Маънои дурусти “Сабҳат-ул-аброр” (асари Абдурраҳмони Ҷомӣ) кадом аст?**

**A)** пайрави донишмандон
**B)** донаҳои накукорон
**C)** абрҳои боранда
**D)** фаророрасии рӯзи нек

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**215** **Маънои дурусти “Силсилат-уз-заҳаб” (асари Абдурраҳмони Ҷомӣ) кадом аст?**

**A)** ҳалқаҳои пайваста
**B)** занҷирҳои тилоӣ
**C)** рӯзҳои пайдарпай
**D)** шуълаҳои оташ

**216** **Абдурраҳмони Ҷомӣ дар “Баҳористон” дар бораи кӣ чунин гуфтааст?**
***“Татаббуи (пайравии) Хоқонӣ мекунад, ҳарчанд дар қасида бар вай нарасида, аммо ғазалро аз вай гузаронида... мақбули ҳама кас афтодааст.”.***

**A)** Ҳусайн Воизи Кошифӣ
**B)** Алишери Навоӣ (Фонӣ)
**C)** Амир Хусрави Деҳлавӣ
**D)** Муҳаммад Авфии Бухороӣ

**217** **Мавзуи порчаи шеъриро аз “Баҳористон”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ муайян кунед:**
***Ҳар чӣ омад ба дасти марди карим,***
***Ҳама дар пойи дӯстон афшонд.***
***В-он чи андӯхт сифлатабъи лаим,***
***Баъди марг аз барои душман монд.***

**A)** саховат ва хасисӣ
**B)** қаноат бар дошта
**C)** адли подшоҳон
**D)** шукр бар офият

**218** **Кадом шарҳ ба байти Абдурраҳмони Ҷомӣ мувофиқ аст?**
***Ҳеҷ неъмат беҳтар аз фарзанд нест,***
***Ҷуз ба ҷон фарзандро пайванд нест.***

**A)** Падару модар бояд фарзандро мисли ҷону моли худ азиз доранд.
**B)** Одами бад ҳаргиз барои падару модараш фарзанди хуб намешавад.
**C)** Фарзанд беҳтар аз молу сарват аст ва бо ҷони одам пайвастагӣ дорад.
**D)** Фарзанде, ки тарбияи хуб гирифтааст, боиси ифтихори волидон мегардад.

**219** **Шарҳи муносиби байти Абдулқодири Бедил кадом аст?**
***Аз қудрати иттифоқ ғофил нашавӣ,***
***Дандонҳо сангро ба ҳам мешикананд.***

**A)** Ҳамбастагию дӯстӣ боиси пешрафт мегардад.
**B)** Иттиҳоду якдилӣ одамро танбалу худхоҳ мекунад.
**C)** Одам набояд кӯшиши шикастани сангро кунад.
**D)** Пирӯзӣ боиси қудратманд гаштани инсон мегардад.

Дар РОЙГОН! Ссомонаи www.ntc.tj

**220** **Шарҳи муносиби байти Абдулқодири Бедилро интихоб кунед.**

***Маънии баланди ман фаҳми кунд мехоҳад,***
***Сайри фикрам осон нест, кӯҳаму кӯтал дорам.***

**A)** Шоир аз фаҳмида натавонистани ашъори дигарон шикоят карда, содагии шеъри худро ситоиш мекунад.

**B)** Шоир ашъорашро ба кӯҳи баланд монанд карда, хонандаро ба сайру саёҳат дар он даъват мекунад.

**C)** Шоир аз баландмазмун будани ашъораш ва онро фаҳму дарк карда натавонистани ҳар кас сухан мегӯяд.

**D)** Шоир барои он шеъри баландмазмун навиштааст, ки хонандаи кундзеҳн онро фаҳмида натавонад.

**221** **Абдулқодири Бедил дар байти зерин чӣ гуфтан мехоҳад?**

***Фӯлод ба оҳан шараф аз ҷавҳар ёфт,***
***Бе илм зи ҷинси хеш мумтоз нашуд.***

**A)** Одам бояд дар касби илму маърифат бикӯшад.

**B)** Одами оқил аз касби илм хурсанд аст.

**C)** Илм ба инсон бартарӣ мебахшад.

**D)** Илм доруи ҷаҳолату ғафлат аст.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**222** **Саййидои Насафӣ дар байтҳои зерин намояндаи кадом табақаи ҳунармандонро васф кардааст?**

***Асоси хонаҳоро ӯст устод,***
***Ба аҳди ӯст ошиқ хонаобод...***
***Ба ҳар манзил гузорад по, ҳамон дам***
***Кунад чун теша синҷи хона муҳкам.***

**A)** таштгар

**B)** наҷҷор

**C)** наққош

**D)** шустагар

**223** **Кадом сухан дар бораи “Баҳориёт”-и Саййидои Насафӣ дуруст аст?**

**A)** Дар пайравӣ ба “Гулистон”-и Саъдӣ навишта шудааст.

**B)** Намунаи асари бадеист доир ба фаъолияти аҳли ҳунар.

**C)** Намунаи комили асари тамсилӣ-мунозиравӣ аст.

**D)** Асари адабист доир ба мунозираи мушу гурба.

**224** **Байтҳои зерин аз кадом бахши “Шаҳрошӯб”-и Саййидои Насафӣ аст?**

***Гузорад пой бар ҳар остона,***
***Кунад он хонаро оинахона,***
***Ба килки худ намесозад ситамро,***
***Кунад ангушти ӯ кори қаламро.***

**A)** “Дар таърифи наҷҷор”

**B)** “Дар таърифу тавсифи шотир”

**C)** “Дар таърифи Хоҷа Шафеъи Наққош”

**D)** “Дар таърифи Хоҷа Мирзомуҳаммади Шустагар”

**225** **Сухан дар бораи кадом асар меравад?**

***Дар ин асар намояндаи 212 касбу ҳунар ба таври ҳазломез васф карда мешавад. Аз ҷумла, доир ба намояндагони касбу корҳои мухталифи давр: заргару бофанда, кулолу мӯзадӯз, деворзану кабобпаз ва ғайра тавсифҳои рангин ба назар мерасад.***

**A)** “Шаҳрошӯб”-и Саййидои Насафӣ

**B)** “Баҳористон”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ

**C)** “Наводир-ул-вақоеъ”-и Аҳмади Дониш

**D)** “Ақоид-ун-нисо”-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ

**226** **Кадом хулоса ба байтҳои “Баҳориёт”-и Саййидои Насафӣ мувофиқ аст?**

***Мӯре шунидаӣ, ки Сулаймони вақтро***
***Бар аҳди худ ба рони малах карда меҳмон.***
***Ин рутба шуд муяссари ӯ аз шикастагӣ***
***В-арна чӣ ҳадди мӯрчаву лашкари гарон!?***

**A)** Агар ба таърих нигоҳ кунем, дармеёбем, ки бузургию шаҳомат дар хоксорию заҳматкашӣ аст, на дар фахрфурӯшию манманӣ.

**B)** Дар замони қадим мӯрчаҳо бо қуввати иттифоқу якдилӣ лашкари бешумори подшоҳи давр - Сулаймонро шикаст дода буданд.

**C)** Будани дусад марди ҷанговар дар лашкар аз ҳазор марди корзорнадида ва садои шамшерро нашунида беҳтар аст.

**D)** Одамҳои бузург бо ҳама меҳрубон ҳастанд, дили ҳеч касро намеозоранд ва зарари онҳо ҳатто ба мӯрчаҳо ҳам намерасад.

**227** **Бадриддини Ҳилолӣ дар як ғазалаш мегӯяд: *“Кори ман аз ҷумлаи олам ҳамин ишқ асту бас...”*. Кадом шарҳ ба ин сухани шоир мувофиқ аст?**

**A)** Шоир ғазале дар ишқ гуфтааст, “ки Хусрав офарин карду Низомӣ”.

**B)** Шоир ҳамеша аз ишқу муҳаббат сухан мегӯяд, мавзуи эҷодиёташ ишқ аст.

**C)** Кори ҳаррӯзаи шоир ситоиши майи ноб ва хушгузаронии умр аст.

**D)** Шоир достоне дар ишқ гуфтааст, ки то ҳол касе нагуфтааст.

Дар сомонаи www.ntc.tj ройгон!

**228** **Кадом байти Камолиддини Биноӣ бо байти зерин ҳаммаъност?**

***Сухан бисёр дону андаке гӯй,***
***Якеро сад магӯ, садро яке гӯй.***

**A)** Ҳар кӣ гӯяд сухан зи ҳад берун,
Шак маёвар, ки ҳаст аҳли ҷунун.

**B)** Бо бузурге, ки илм ёр шавад,
Дар бузургӣ яке ҳазор шавад.

**C)** Мухтасар гӯ, каломи тӯл гузор,
Арз манзур кун, фузул гузор.

**D)** Эй писар, дар сухан тааммул кун,
Баду неки сухан тахайюл кун.

**229** **Кадом масъала дар ғазали ҳаҷвии “Тақсими мерос”-и Абдурраҳмони Мушфиқӣ мазаммат шудааст?**

**A)** беадолатии мансабдорон

**B)** ҳирси молу ҷоҳ

**C)** харҷи беҳуда дар рӯзгор

**D)** нобаробарии марду зан

**230** **Кадом сухан дар бораи “Савонеҳ-ул-масолик ва фаросиҳ-ул-мамолик”-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ аст?**

**A)** Дар адабиётшиносӣ ин гуна асарро асари ёддоштӣ ва сафарнома мегӯянд.

**B)** Дар ин асар бештар байтбарак кардани муаллиф бо дигарон тасвир шудааст.

**C)** Ин асар тазкира буда, дар бораи шоирони зиёде маълумот медиҳад.

**D)** Ин асар таърихӣ буда, дар бораи подшоҳони гузашта маълумот медиҳад.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**231** **Порча аз кадом асари Аҳмади Дониш интихоб шудааст?**

***“Навбате ба масҳуби Абдулқодирбеки Додхоҳ дар мавриди тӯи императури Рус ва ҳукми давлати Бухорои Шариф ба пойтахти давлати Русия ба расми таҳният ва сафорат бо туҳафу ҳадоёи лоиқа иттифоқи вуруд воқеъ шуд...”***

**A)** “Меъёр-ул-тадайюн”

**B)** “Наводир-ул-вақоеъ”

**C)** “Манозир-ул-кавокиб”

**D)** “Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития”

**232** **Порча аз кадом асари Аҳмади Дониш интихоб шудааст?**

***“Боре дар пойтахти императори рус будам. Шабе аз хоб барҷастам, бинобар тараддуди мардум ба кӯча давидам. Ҳама рафиқон рафтаанд, сабаб пурсидам, гуфтанд: Маҳалле оташ гирифта, ба тамошо баромадаанд...”***

**A)** “Меъёр-ут-тадайюн”

**B)** “Наводир-ул-вақоеъ”

**C)** “Манозир-ул-кавокиб”

**D)** “Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития”

**233** **Порча аз кадом асари Аҳмади Дониш интихоб шудааст?**

***“Дар он овон Шукурбек ном дузди шабрав дар Бухоро истило ёфта, басе захиму ҷасим ва айёрпеша буд. Дар шаб бо сад нафар муқобил шудӣ. Ҳарчанд диловарони зӯрозмо ва баҳодурони разморо сари роҳаш мегирифтанд, тоби муқобала наёварда рӯй ба гурез мениҳоданд...”***

**A)** “Меъёр-ут-тадайюн”

**B)** “Наводир-ул-вақоеъ”

**C)** “Манозир-ул-кавокиб”

**D)** “Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития”

**234** **Шарҳи муносиби байти Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқро муайян кунед:**

***Ҳозиқ, магӯ ба бехирадон рози ишқро,***
***Аз анбару абир кашад гову хар чӣ ҳазз?!***

**A)** Одам бояд асрори дигаронро фош накунад.

**B)** Рози ишқу ошиқии худро ба касе набояд баён кард.

**C)** Бо ҳар кас ба андозаи фаҳму даркаш сухан бояд гуфт.

**D)** Аз бӯй кардани мушку анбар бехирад лаззате намебарад.

**235** **Ин байти Нақибхони Туғрал чӣ маъно дорад?**

***Баланд аст аз фалак маъвои Бедил,***
***Набошад ҳеч касро ҷойи Бедил.***

**A)** Обрую эътибори Бедил бисёр баланд аст ва ҳеч касе дар бузургӣ наметавонад баробари ӯ бошад.

**B)** Меҳри Бедил дар дили мардум сахт ҷой гирифтааст, дигар меҳри ҳеҷ касе ҷойи меҳри Бедилро намегирад.

**C)** Назми Бедил маъниҳои баланд дорад ва мақоми худаш низ аз осмон баланд аст.

**D)** Бедил ба мусиқӣ шавқу рағабати зиёд дошт, аз ҷумла фалакхониро ҳам дар сатҳи баланд медонист.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**236** **Дар бораи “Мушу гурба”-и Убайди Зоконӣ кадом хулоса дуруст аст?**

**A)** Асари тамсилӣ буда, дар он воқеиятҳои иҷтимоию сиёсии давр нишон дода шудааст.

**B)** Асари ҳаҷвӣ буда, зудбоварии мушҳо ва доноии гурба дар он нишон дода шудааст.

**C)** Асари тарбиявӣ буда, дар он фиребгарӣ, дурӯғгӯӣ ва ҳасад мазаммат карда шудааст.

**D)** Асари фалсафӣ буда, ба воситаи қисса масъалаҳои “ҳастӣ” ва “нестӣ” баён карда шудааст.

**237** **Ҳикояти “Калимоти кохи Афредун” дар кадом асар омадааст?**

**A)** “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ

**B)** “Синбоднома”-и Заҳирии Самарқандӣ

**C)** “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ

**D)** “Чаҳор мақола”-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ

**238** **Кадом сухан аз “Синбоднома”-и Заҳирии Самарқандӣ бо ин панди Абдуллоҳи Ансорӣ мувофиқ аст?**

***Тадбир бо мардуми оқил ҷӯй.***

**A)** Сухани ноандешида магӯй, то дар ранҷи нодониста наяфтӣ ва корҳоро оқибат нигар ба аввал.

**B)** Машварат бо марди доно кун, то аз маслиҳати хом эмин бошӣ ва корҳои ту аз симати ростӣ наяфтад.

**C)** Ҳар кӣ дар канори модари хираду дониш тарбият ёфта бошад, ба ҳеч ваҷҳ аз макри душман ғофил набошад.

**D)** Агар хирад дорӣ, бар марди ноозмуда эътимод макун, ки зиракон гуфтаанд: ”Деви озмуда беҳтар аст аз марди ноозмуда”.

**239** **Маънии байти Саъдии Шерозӣ бо кадом панд аз “Синбоднома”-и Заҳирии Самарқандӣ мувофиқ аст?**

***Ба аввали ҳама коре тааммул авлотар,***
***Бикун, в-агарна пушаймон шавӣ ба охири кор.***

**A)** Машварат бо марди доно кун, то аз маслиҳати хом эмин бошӣ ва корҳои ту аз симати ростӣ наяфтад.

**B)** Агар хирад дорӣ, бар марди ноозмуда эътимод макун, ки зиракон гуфтаанд: ”Деви озмуда беҳтар аст аз марди ноозмуда”.

**C)** Сухани ноандешида магӯй, то дар ранҷи нодониста наяфтӣ ва корҳоро оқибат нигар ба аввал.

**D)** Ҳар кӣ дар канори модари хираду дониш тарбият ёфта бошад, ба ҳеч ваҷҳ аз макри душман ғофил набошад.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**240** **Соиби Табрезӣ дар байти зерин ба кадом масъала ишора намудааст?**

***Маҳв кай аз сафҳаи дилҳо шавад осори ман,***
***Ман ҳамон завқам, ки меёбанд аз гуфтори ман.***

**A)** воқеӣ будани тасвирҳо ва содагии маънои ашъораш
**B)** аз байн рафтан ва баъдан пайдо гардидани ашъораш
**C)** бардоштҳои фикрӣ ва таъсирпазирии оянадагон аз ашъораш
**D)** заминаи панду ахлоқӣ ва ҷанбаи тарбиявӣ доштани ашъораш

**241** **Мавзуи байт чист?**

***Ба ҳиммат метавонӣ қатъ кардан осмонҳоро,***
***Чаро бо инчунин теғе ниҳон зери сипар бошӣ?*** Соиби Табрезӣ

**A)** саховат ва дасткушодӣ
**B)** ирода ва ҷаҳду кӯшиш
**C)** муҳаббат ва дӯстӣ
**D)** хоксорӣ ва қаноат

**242** **Мавзуи байт чист?**

***То шавӣ чашму чароғи ин ҷаҳон чун офтоб,***
***Пӯшиши ҳар тангдасту фарши ҳар вайрона бош.*** Соиби Табрезӣ

**A)** саховат ва дасткушодӣ
**B)** ирода ва ҷаҳду кӯшиш
**C)** хоксорӣ ва тавозуъ
**D)** муҳаббат ва дӯстӣ

**243** **Мавзуи байт чист?**

***Шабнам ба офтоб расид аз фитодагӣ,***
***Бингар, ки аз куҷо ба куҷо метавон расид.*** Соиби Табрезӣ

**A)** муҳаббат ва дӯстӣ
**B)** хоксорӣ ва тавозуъ
**C)** ирода ва ҷаҳду кӯшиш
**D)** саховат ва дасткушодӣ

**244** **Мавзуи ҳикояти “Писари пирамард”-и достони “Беҳрӯзу Баҳром”-и Камолиддини Биноӣ кадом аст?**

**A)** фоидаи хомӯшӣ ва одоби сухангӯӣ
**B)** фоидаи илм ва мақоми шахси донишманд
**C)** накукорӣ ва зарар нарасонидан ба дигарон
**D)** надонистани қадри вақт ва парҳез аз ҳамнишини бад

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**245** **Мавзуи байт чист?**

*Ба ҳар коре, ки ҳиммат баста гардад,*
*Агар хоре бувад, гулдаста гардад.* Зайниддин Маҳмуди Восифӣ

**A)** саховат ва дасткушодӣ
**B)** ирода ва ҷаҳду кӯшиш
**C)** муҳаббат ва дӯстӣ
**D)** хоксорӣ ва қаноат

**246** **Мавзуи байт чист?**

*Аз ростист ҷои алиф дар миёни ҷон,*
*Вов аз каҷӣ ҳамеша бувад дар миёни хун.* Зайниддин Маҳмуди Восифӣ

**A)** саховат ва дасткушодӣ
**B)** ирода ва ҷаҳду кӯшиш
**C)** дурусткорӣ ва поквиҷдонӣ
**D)** тавозуъ ва қаноатпешагӣ

**247** **Мавзуи байт чист?**

*Ҳамнишини ту аз ту беҳ бояд,*
*То туро ақлу дониш афзояд.* Зайниддин Маҳмуди Восифӣ

**A)** интихоби дурусти дӯст
**B)** васфи хоксорӣ ва тавозуъ
**C)** қавӣ будан дар роҳи мақсуд
**D)** ғанимат донистани вақт

**248** **Кадом сухан дар бораи “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Зайниддин Маҳмуди Восифист?**

**A)** Дар адабиётшиносӣ ин гуна асарро асари ёддоштӣ ё ёддошт мегӯянд.
**B)** Дар ин асар бештар байтбарак кардани муаллиф бо дигарон тасвир шудааст.
**C)** Ин асар тазкира буда, дар бораи шоирони зиёде маълумот медиҳад.
**D)** Ин асар таърихӣ буда, дар бораи подшоҳони гузашта маълумот медиҳад.

**249** **“Савонеҳ-ул-масолик ва фаросих-ул-мамолик”-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳро чӣ метавон номид?**

**A)** куллиёт
**B)** қасида
**C)** достон
**D)** сафарнома

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**250** **Идомаи мантиқии мисраи зерини Ҳофизи Шерозиро муайян кунед:**

***Фардо, ки пешгоҳи ҳақиқат шавад падид,***

**.................................................................................**

**A)** Сӯфӣ ниҳод дому сари ҳуққа боз кард.

**B)** Ғарра машав, ки гурбаи зоҳид намоз кард.

**C)** Шарманда раҳраве, ки амал бо маҷоз кард.

**D)** Бунёди макр бо фалаки ҳуққабоз кард.

**251** **Идомаи мантиқии мисраи зеринро муайян намоед:**

***Дӣ шайх бо чароғ ҳамегашт гирди шаҳр,***

**.......................................................................** Ҷалолиддини Балхӣ

**A)** Бикшой лаб, ки қанди фаровонам орзуст.

**B)** К-аз деву дад малуламу инсонам орзуст.

**C)** Гуфт: он ки ёфт менашавад, онам орзуст.

**D)** Он ҳою ҳуйу наъраи мастонам орзуст.

**252** **Идомаи мантиқии мисраи Ҷалолиддини Балхиро муайян кунед:**

***Тавофи каъбаи дил кун, агар диле дорӣ,***

**.......................................................................**

**A)** Ки то ба воситаи он диле ба даст орӣ.

**B)** Қабули Ҳақ нашавад, гар диле биёзорӣ.

**C)** Агар ба ҳар сари мӯе дусад забон дорӣ.

**D)** Дил аст каъбаи маънӣ, ту гил чӣ пиндорӣ!

**253** **Идомаи мантиқии мисраи Ҷалолиддини Балхиро муайян кунед:**

***Эй қавми баҳаҷрафта, куҷоед, куҷоед?!***

**.......................................................................**

**A)** Аз соҳиби он хона нишоне бинамоед!

**B)** Дар бодия саргашта шумо дар чӣ ҳавоед?

**C)** Ҳам хоҷаву ҳам бандаву ҳам қибла шумоед!

**D)** Маъшуқ ҳамин ҷост, биёед, биёед!

**254** **Идомаи мантиқии мисраи Ҷалолиддини Балхиро муайян кунед:**

***Биё, то қадри якдигар бидонем,***

**.............................................................**

**A)** Ғаразҳоро чаро аз дил наронем?

**B)** Ки то ногаҳ зи якдигар намонем.

**C)** Сагӣ бигзор мо ҳам мардумонем.

**D)** Даме то шод дар рӯи ҷаҳонем.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**255** **Идомаи мантиқии мисраи зеринро муайян кунед:**

***Юсуфи ман аз харидорон касодӣ мекашад,***

**...................................................................** Саййидои Насафӣ

**A)** Шохи гул аз пой натвонад кашидан хори хеш.

**B)** Чун намебинам касеро зери гардун ёри хеш.

**C)** Бар дукон оташ занам аз сардии бозори хеш.

**D)** То ба кай чун шамъ сӯзам бар сари бемори хеш?

**256** **Идомаи мантиқии мисраи зеринро муайян кунед:**

***Бо қомати хамида равам сӯи бӯстон,***

**...............................................................** Саййидои Насафӣ

**A)** Чун соя хоби зери дарахтон ғанимат аст.

**B)** Якчанд рӯз чоки гиребон ғанимат аст.

**C)** Бар гирди хеш гард, ки даврон ғанимат аст.

**D)** Наззораи бунафшаву райҳон ғанимат аст.

**257** **Идомаи мантиқии мисраи Саййидои Насафиро интихоб кунед:**

***Дар талоши баҳр чун гирдоб саргардон шудам,***

**.......................................................................**

**A)** Теғиноҳаққхӯрда сайди бисмилам омад ба ёд.

**B)** Сӯхтам, чун мазраи беҳосилам омад ба ёд.

**C)** Ҳасрати лабҳои хушки соҳилам омад ба ёд.

**D)** Нолаи чуғзе шунидам, манзилам омад ба ёд.

**258** **Идомаи мантиқии мисраи зеринро муайян намоед:**

***Баромад боди субҳу бӯйи Наврӯз,***

**..........................................................** Саъдии Шерозӣ

**A)** Free: Бародар, чуз накуномӣ маяндӯз.

**B)** Дигар манқал манеҳ, оташ маяфрӯз.

**C)** Ба коми дӯстону бахти пирӯз.

**D)** Ҳумоюн бодат ин рӯзу ҳама рӯз.

**259** **Идомаи мантиқии мисраи зеринро муайян намоед:**

***Тавофи каъбаи дил кун, агар диле дорӣ,***

**..........................................................** Ҷалолиддини Балхӣ

**A)** Қабули Ҳақ нашавад, гар диле биозорӣ.

**B)** Ки то ба воситаи он диле ба даст орӣ.

**C)** Дил аст каъбаи маънӣ, ту гил чӣ пиндорӣ!

**D)** Агар ба ҳар сари мӯе дусад забон дорӣ.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**260** **Идомаи мантиқии мисраи зеринро муайян намоед:**

***Дӣ шайх бо чароғ ҳамегашт гирди шаҳр,***

**..............................................................** Ҷалолиддини Балхӣ

**A)** Муҳр аст бар даҳонаму афғонам орзуст.

**B)** К-аз деву дад малуламу инсонам орзуст.

**C)** Шери Худову Рустами Дастонам орзуст.

**D)** Он ҳою ҳую наъраи мастонам орзуст.

**261** **Идомаи мантиқии мисраи зерини Камолиддини Биноиро муайян кунед:**

***Ёдам омад, ки баҳри касби адаб,***

**..............................................................**

**A)** Шеърам аз рӯи завқ сар мезад.

**B)** Фаҳми ман дар камоли тезӣ буд.

**C)** То саҳар менахуфтамо ҳар шаб.

**D)** Мешудам тифл ҷониби мактаб.

**262** **Идомаи мантиқии мисраи зерини Соиби Табрезиро муайян кунед.**

***Ба Мағриб метавонад рафт дар як рӯз аз Машриқ,***

**..........................................................................................**

**A)** Ба зери пой кабки хушхиром оҳиста-оҳиста.

**B)** Ки тӯтӣ мешавад ширинкалом оҳиста-оҳиста.

**C)** Ки хуни шишаро нӯшид ҷом оҳиста-оҳиста.

**D)** Гузорад ҳар кӣ чун хуршед гом оҳиста-оҳиста.

**263** **Идомаи мантиқии мисраи Саййидои Насафиро муайян кунед:**

***Баҳри рӯзӣ мекунам бофандагӣ чун анкабут,***

**...................................................................**

**A)** Рӯзу шаб шармандагӣ аз обу нон бошад маро.

**B)** Хонаҳои хушку холӣ чун камон бошад маро.

**C)** Хона ҳамчун дорбоз аз ресмон бошад маро.

**D)** Пораҳо бар дӯш аз барги хазон бошад маро.

**264** **Идомаи мантиқии мисраи Саййидои Насафиро муайян кунед:**

***Дар баҳор аз фоқа ранги заъфарон бошад маро,***

**...................................................................**

**A)** Рӯзу шаб шармандагӣ аз обу нон бошад маро.

**B)** Хонаҳои хушку холӣ чун камон бошад маро.

**C)** Хона ҳамчун дорбоз аз ресмон бошад маро.

**D)** Пораҳо бар дӯш аз барги хазон бошад маро.

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**265** **Идомаи мантиқии мисраи Саййидои Насафиро муайян кунед:**
***Гаштаам аз фоқа ҳамчун тири бепар гӯшагир,***
**..............................................................................**

**A)** Рӯзу шаб шармандагӣ аз обу нон бошад маро.
**B)** Хонаҳои хушку холӣ чун камон бошад маро.
**C)** Хона ҳамчун дорбоз аз ресмон бошад маро.
**D)** Пораҳо бар дӯш аз барги хазон бошад маро.

**266** **Идомаи мантиқии мисраи Саййидои Насафиро интихоб кунед:**
***Эй ғунча, сар зи ҷайб ба девонагӣ барор,***
**...................................................................**

**A)** Бар гирди хеш гард, ки даврон ғанимат аст.
**B)** Наззораи бунафшаву райҳон ғанимат аст.
**C)** Будан ба пойи сарви хиромон ғанимат аст.
**D)** Якчанд рӯз чоки гиребон ғанимат аст.

**267** **Идомаи мантиқии мисраи Саййидои Насафиро интихоб кунед:**
***Дар талоши баҳр чун гирдоб саргардон шудам,***
**...............................................................................**

**A)** Теғиноҳаққхӯрда сайди бисмилам омад ба ёд.
**B)** Ҳасрати лабҳои хушки соҳилам омад ба ёд.
**C)** Сӯхтам, чун мазраи беҳосилам омад ба ёд.
**D)** Нолаи чуғзе шунидам, манзилам омад ба ёд.

**268** **Идомаи мантиқии мисраи Раҳматуллоҳи Возеҳро муайян кунед:**
***Зи бас гирифта дил аз вазъи олами пирам,***
**......................................................................**

**A)** Ки нест ҳоҷати шарҳи саҳеҳу тафсирам.
**B)** Магар, ки рехта айём заҳр дар ширам?!
**C)** Ки ҳамчу мавҷ набошад қабули таъмирам.
**D)** Ба рӯзгори ҷавонӣ чу ғунча дилгирам.

**269** **Идомаи мантиқии мисраи Раҳматуллоҳи Возеҳро муайян кунед:**
***Ман, ки аз ташвиши даврон хотирам зери ғам аст,***
**.......................................................................................**

**A)** Лоҷарам ҷуз ман ба олам ҳар кӣ бинӣ, хуррам аст.
**B)** Рӯзи идам дар назар монанди шоми мотам аст.
**C)** Чун Сулаймон ҳар кӣ таслимаш нигини хотам аст.
**D)** Соҳиби ҷаҳли мураккаб бошад, он к-ӯ аълам аст.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**270** **Идомаи мантиқии мисраи Раҳматуллоҳи Возеҳро муайян кунед:**
***Ёр темори дили хастаи мо кард? - Накард,***
**..........................................................................**

**A)** Тарки ҳамсуҳбатии аҳли даға кард? - Накард.
**B)** Дарди ушшоқи ҷигархора даво кард? - Накард.
**C)** Гузаре ҷониби арбоби вафо кард? - Накард.
**D)** Аз шиканҷи ситами чарх раҳо кард? - Накард.

**271** **Идомаи мантиқии мисраи Раҳматуллоҳи Возеҳро муайян кунед:**
***Чу дил шикаставу ошуфтаву парешонам,***
**......................................................................**

**A)** Ки нест ҳоҷати шарҳи саҳеҳу тафсирам.
**B)** Магар, ки рехта айём заҳр дар ширам?!
**C)** Ки ҳамчу мавҷ набошад қабули таъмирам.
**D)** Ба рӯзгори ҷавонӣ чу ғунча дилгирам.

**272** **Идомаи мантиқии мисраи Раҳматуллоҳи Возеҳро муайян кунед:**
***Карда ғамҳои ҷаҳон ҷо дар дили ношоди ман,***
**............................................................................**

**A)** Лоҷарам ҷуз ман ба олам ҳар ки бинӣ, хуррам аст.
**B)** Рӯзи идам дар назар монанди шоми мотам аст.
**C)** Чун Сулаймон ҳар ки таслимаш нигини хотам аст.
**D)** Соҳиби ҷаҳли мураккаб бошад, он к-ӯ аълам аст.

**273** **Идомаи мантиқии мисраи Раҳматуллоҳи Возеҳро муайян кунед:**
***Бар ғами бекасиям ҳеч касе сӯхт? - Насӯхт,***
**..........................................................................**

**A)** Тарки ҳамсуҳбатии аҳли даға кард? - Накард.
**B)** Дарди ушшоқи ҷигархора даво кард? - Накард.
**C)** Гузаре ҷониби арбоби вафо кард? - Накард.
**D)** Аз шиканҷи ситами чарх раҳо кард? - Накард.

**274** **Идомаи мантиқии мисраи Тошхӯҷаи Асириро муайян кунед:**
***Одамият чист? – Худро дур аз шар доштан,***
**..................................................................................**

**A)** Шоммаи асҳоби маъниро муаттар доштан.
**B)** Дар тариқи фоқа худ аз хор камтар доштан.
**C)** В-аз чароғи сидқ хотирро мунаввар доштан.
**D)** Хайрхоҳи халқ будан, нафъи безар доштан.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

## АДАБИЁТИ МУОСИР

**275 Нақибхони Туғрал дар байтҳои зерин кадом маъниро таъкид менамояд?**

***Маро гӯянд халлоқулмаонӣ,***
***Набудам қабл аз ин, аммо кунунам...***
***Агар бо фазл гаштӣ рутба ҳосил,***
***Дар оғӯши қамар будӣ сукунам.***

**A)** Ба андешаи шоир фазлу мартаба аз рутба ҳосил мешавад.

**B)** Бо тафохури шоирона ба мавқеъ ва мартабаи худ ишора мекунад.

**C)** Таъкид мекунад, ки фазлу рутба мақоми инсонро баланд мегардонад.

**D)** Бо таассуф иқрор мешавад, ки халлоқулмаонӣ нест ва рутба ҳам надорад.

**276 Шарҳи дурусти байти Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртиро интихоб кунед:**

***Ҷаҳони санъатам, дар баҳри маънӣ гавҳарэҷодам,***
***Вале ҳамчун садаф, Ҳоҷӣ, надонам худситоиро.***

**A)** Дар олами санъаткорӣ мисли садаф медурахшам ва пур аз гавҳари эҷод ҳастам.

**B)** Ҳарчанд аз истеъдоду ҳунар баҳравар ҳастам, аммо ситоиши худро лоиқ намедонам.

**C)** Мехоҳам, ки бемислу монанд будани маро дар шоирӣ дигарон ситоиш кунанд.

**D)** Дар олами шоирӣ мисли садафе ҳастам, ки ҳеҷ кас қадру қиматашро намедонад.

**277 Шарҳи дурусти байти Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртиро интихоб кунед:**

***В-аз суҳбати ноаҳлу касони ҷоҳил,***
***Пайванд агар бувад, дурӣ бинамо.***

**A)** Бо одамҳои бесаводу нодон зиёд дӯстӣ накун, зеро мисли онҳо хоҳӣ шуд.

**B)** Агар одамҳои нодону ҷоҳил хешат бошанд, метавонӣ бо онҳо дӯстӣ кунӣ.

**C)** Аз дӯстӣ бо одамҳои нодону ҷоҳил дурӣ кун, ҳатто агар хешу таборат бошанд.

**D)** Дар зиндагӣ одам бояд бо ҳама дӯстӣ кунад, зеро аз ҳама метавон чизе омӯхт.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**278** **Шарҳи муносибтари байти Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртиро интихоб кунед:**

***Бо аҳли ҳунар нишину шахси доно,***
***Гар заҳр диҳад, бихӯр чу шаҳду ҳалво.***

**A)** Бо одамони донишманд дӯст шав, аммо эҳтиёт кун, ки “ширинӣ” гуфта, ба ту заҳр надиҳанд.

**B)** Бо инсонҳои ҳунарманд ҳамнишин шав, зеро дар ҳар давру замон ҳунар беҳтар аз зар аст.

**C)** Бо инсонҳои оқил ҳамнишин шав ва агар номеҳрубонӣ ҳам кунанд, онро таҳаммул кун.

**D)** Бо одамҳои доною оқил ҳамнишин шудан мисли хӯрдани шаҳду ҳалвост, ки камаш хубу бисёраш бад аст.

**279** **Сухан дар бораи кадом асари Садриддин Айнӣ меравад?**

***“Ҷафою зулме, ки Бозор медид, дар роҳи худогоҳӣ ва бедории шуури иҷтимоии Ёдгор сабақ гардиданд. Шиносоӣ ва суҳбатҳои Абдуллохӯҷа бо Ёдгор дар зиндони Бухоро ба болоравии шуури иҷтимоии ӯ мусоидат мекунад.”***

**A)** “Дохунда”

**B)** “Ҷаллодони Бухоро”

**C)** “Ятим”

**D)** “Ғуломон”

**280** **Садриддин Айнӣ бо сухани зерин ба кадом масъала ишора намудааст?**

***“Истеъдоди Туғрал бисёр комил ва хаёлаш мустаъиди (*омодаи*) болоравӣ буд.”***

**A)** пайравии Туғрал ба услуби нигориши Бедил

**B)** рангорангии мавзуи ашъори Туғрал

**C)** содаву равониии забони ашъори Туғрал

**D)** ҳунари волои шоирӣ ва услуби хоси эҷодии Туғрал

**281** **Садриддин Айнӣ байтҳои зеринро дар вафоти кадом адиб гуфтааст?**

***Дар даҳр баҳор асту хазон аст, валекин,***
***Афсӯс тавон хӯрд бар он гул, ки ҷавон рафт.***
***Аз мафҳили аҳбоб дар ин мотами ҷонсӯз***
***То абри сияҳ дудсифат оҳу фиғон рафт...***

**A)** Нақибхони Туғрал

**B)** Пайрав Сулаймонӣ

**C)** Абдулвоҳиди Мунзим

**D)** Садри Зиё

Дар ройгон! Дар сомонаи www.ntc.tj

**282** **Шарҳи муносиби байтро интихоб кунед:**

***Ба олам ҳар касе бекор гардад,***
***Ба чашми аҳли олам хор гардад.*** Садриддин Айнӣ

**A)** Касе, ки беҳудагардӣ мекунад, мисли хор ба чашми дигарон мехалад.
**B)** Касе, ки ба коре машғул намешавад, беқадру беэътибор мегардад.
**C)** Касе, ки ба саёҳати рӯи олам мебарояд, машҳур хоҳад шуд.
**D)** Касе, ки аз вазифа сабукдӯш мешавад, обрӯяш мерезад.

**283** **Омӯзиши кадом асар дар Садриддин Айнӣ инқилоби фикриро бедор кард ва ба сари ӯ “савдои насрнависшавиро ҳам андохт”?**

**A)** “Бадоеъ-ус-саноеъ”-и Шамсиддини Шоҳин
**B)** “Наводир-ул-вақоеъ”-и Аҳмади Дониш
**C)** “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ
**D)** “Савонеҳ-ул-масолик”-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ

**284** **Байт эпиграфи кадом асари Садриддин Айнист?**

***Зи сар бигзашт бе ту оби чашмам,***
***Яке аз саргузаштам бе ту ин аст.***

**A)** “Одина”
**B)** “Дохунда”
**C)** “Ғуломон”
**D)** “Марги судхӯр”

**285** **Кадоме аз ин мақолаҳои Садриддин Айнӣ дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва дар мавзуи ватанпарварию ҷоннисорӣ навишта шудаанд?**

**A)** “Деви ҳафтсар”, “Хари бедум”
**B)** “Қавми тоҷик ва рӯзнома”, “Матбуоти тоҷик”
**C)** “Тоҷикони кӯҳистон”, “Қобилияти ташкилотчигӣ дар тоҷикон”
**D)** “Дар бораи мактаб ва маорифи тоҷик”, “Дар бораи китобҳои мактабии тоҷикон”

**286** **Садриддин Айнӣ сухани зеринро дар бораи Нақибхони Туғрал дар кадом асараш овардааст?**

***“Истеъдоди Туғрал бисёр комил ва хаёлаш мустаиди (*омодаи*) болоравӣ буд.”***

**A)** “Намунаи адабиёти тоҷик”
**B)** “Восифӣ ва хулосаи “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и ӯ”
**C)** “Таҳзиб-ус-сибён”
**D)** “Ҷанги одаму об”

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**287** **Сухани зеринро кадоме аз ин бузургон гуфтааст?**

***“Фитрат аз талабагони истеъдодноку аз ҳама фозили Бухоро ба шумор мерафт.”***

**A)** Маҳмудхӯҷаи Беҳбудӣ
**B)** Абдулвоҳиди Мунзим
**C)** Садриддин Айнӣ
**D)** Тошхӯҷа Асирӣ

**288** **Садриддин Айнӣ *“ин хона”* гуфта, маҷозан кадом асарашро дар назар дорад?**

***Ин хона зи хишти куҳан андохтаам,***
***Дар вай ҷашне зи рафтагон сохтаам.***
***То аҳли замони мо бидонанд, ки ман***
***Як умри ҷавонӣ ба чӣ раҳ бохтаам.***

**A)** “Марги судхӯр”
**B)** “Ёддоштҳо”
**C)** “Одина”
**D)** “Ғуломон”

**289** **Кадом адиб бо тахаллуси “Ҷунунӣ” шеър менавишт?**

**A)** Тошхӯҷа Асирӣ
**B)** Садриддин Айнӣ
**C)** Пайрав Сулаймонӣ
**D)** Нақибхони Туғрал

**290** **Кадом адиб бо тахаллусҳои “Сифлӣ” ва “Муҳтоҷӣ” шеър менавишт?**

**A)** Тошхуча Асирӣ
**B)** Садриддин Айнӣ
**C)** Нақибхони Туғрал
**D)** Пайрав Сулаймонӣ

**291** **Мақола ва мактубҳои дар бораи забон таълифнамудаи устод Айнӣ дар кадом қатор оварда шудаанд?**

**A)** “Дар бораи мактаб ва маорифи тоҷик”, “Дар бораи китобҳои мактабии тоҷикон”
**B)** “Ҷавоби ман”, “Мактуби кушода ба рафиқ Толис”
**C)** “Қавми тоҷик ва рӯзнома”, “Тоҷикони кӯҳистон”
**D)** “Матбуоти тоҷик”, “Талвосаи ҷонкании даррандаи захмдор”

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**292** **Дар таърихи адабиёти тоҷик охирин достони “Лайлӣ ва Маҷнун”-ро кӣ навиштааст?**

**A)** Тошхӯҷаи Асирӣ

**B)** Нақибхони Туғрал

**C)** Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ

**D)** Шарифҷонмахдуми Садри Зиё

**293** **Сухан дар бораи кадом образи “Ёддоштҳо” аст?**

***Бо самимияту донишмандӣ ва далерию кордонияш хонандаро ба ваҷд меорад. Зебо ва босавод аст. Шеърҳои бисёр медонист ва як ғазали Ҳофизро, ки бо байти***

***Даст аз талаб надорам, то коми ман барояд,***
***Ё тан расад ба ҷонон, ё ҷон зи тан барояд.***
***оғоз мешуд, батакрор хонда гиря мекард.***

**A)** Ҳабиба

**B)** Тӯтапошшо

**C)** Лутфуллогӯппон

**D)** Исомахдуми шоир

**294** **Ин рубоӣ дар кадом асари Садриддин Айнӣ ҳамчун эпиграф истифода шудааст?**

***Ин хона зи хишти куҳан андохтаам,***
***Дар вай ҷашне зи рафтагон сохтаам.***
***То аҳли замони мо бидонанд, ки ман***
***Як умри ҷавонӣ ба чӣ раҳ бохтаам.***

**A)** “Марги судхӯр”

**B)** “Ёддоштҳо”

**C)** “Одина”

**D)** “Ғуломон”

**295** **Ин матн аз кадом асари Садриддин Айнист?**

***– Бас, - гуфт падарам ва чашмонашро ба тарафи ман гардонида сухани худро давом дод:***

***– Хон! Дар чӣ гуна душворӣ бошад ҳам, хон! Лекин қозӣ нашав, раис нашав, имом нашав! Агар мударрис шавӣ, майлат!***

**A)** “Ёддоштҳо”

**B)** “Марги судхӯр”

**C)** “Дохунда”

**D)** “Одина”

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**296** **Абулқосим Лоҳутӣ кадом асарро ҳамроҳи ҳамсараш С. Бону аз забони англисӣ ба тоҷикӣ тарҷума кардааст?**

**A)** “Сангари хунин”-и В. Гюго

**B)** “Бузургии безавол”-и Р. Патканян

**C)** “Отелло”-и В. Шекспир

**D)** “Почта”-и С. Маршак

**297** **Аз рӯи мазмуни байт муайян кунед, ки он ба кӣ тааллуқ дорад:**

***Аё сайёд, раҳме кун маранҷон ним ҷонамро,***
***Пару болам бикан, аммо масӯзон ошёнамро.***

**A)** Абулқосим Лоҳутӣ

**B)** Мирзо Турсунзода

**C)** Садриддин Айнӣ

**D)** Пайрав Сулаймонӣ

**298** **Аз рӯи мазмуни байт муайян кунед, ки он ба кӣ тааллуқ дорад:**

***Ҳама доди ватанхоҳӣ зананд, аммо намедонам,***
***Ватанхоҳӣ ба гуфтор аст, ё кирдор, ё ҳар ду?***

**A)** Абулқосим Лоҳутӣ

**B)** Мирзо Турсунзода

**C)** Садриддин Айнӣ

**D)** Пайрав Сулаймонӣ

**299** **Аввалин бор қиссаи “Шинел”-и Н. В. Гогол аз тарафи кӣ ба тоҷикӣ тарҷума шудааст?**

**A)** Тошхӯҷаи Асирӣ

**B)** Аҷзии Самарқандӣ

**C)** Абулқосим Лоҳутӣ

**D)** Абдурраууфи Фитрат

**300** **Дар порчаи зерин аз романи “Восеъ”-и Сотим Улуғзода кадом хислатҳои Абдулаҳадхон (лаҳзаи вафоти падарро интизорӣ кашиданаш) нишон дода шудааст?**

**“*Ӯ хавотир кашида фикр мекунад, ки мабодо мисли ду моҳ пеш падараш боз сиҳат ёбад! Инро фикр мекунаду ба худ ларзида дар дилаш мегӯяд: Не, не, ҳеҷ мумкин нест, ки вай намирад! Бояд бимирад!*”**

**A)** ҷоҳилӣ, беномусӣ ва бадтинатию бахилӣ

**B)** мансабхоҳӣ, ҳирси сарвату ҷоҳу ҷалол

**C)** шаҳватпарастӣ ва майл ба айшу нӯш

**D)** судҷӯйӣ, ҳилла ва рашку ҳасад

Дарсомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**301** **Ревахшиён дар асари “Ривояти суғдӣ”-и Сотим Улуғзода кист?**

**A)** падари Виркан
**B)** ҳамсари Наниманча
**C)** паҳлавони Суғд
**D)** бозаргони машҳур

**302** **Аз рӯйи матни зерин муайян намоед, ки сухан дар бораи кадом симои асари “Ривояти суғдӣ”-и Сотим Улуғзода меравад:**
***“Падараш дар пирсолагӣ ба Самарқанд баргашт, дар деҳаи Ревдод, ки зодгоҳаш буд, сукунат ихтиёр кард.***
***Фарзанди даштҳои беканор ва кӯҳҳои баланд – ... ба деҳқонию боғдорӣ одат накард, ҳавасаш ба асп ва камон буду бас.”***

**A)** Виркан
**B)** Ревахшиён
**C)** Нуфарн
**D)** Ёдхишетак

**303** **Дар порчаи зерин аз романи “Восеъ”-и Сотим Улуғзода кадом хислатҳои Восеъ нишон дода шудааст?**
“*Худо туро одам офаридааст, агар туро хар карда савор шаванду ту ба ин тан диҳӣ, тоқат кунӣ, одам нестӣ. Офарандаатро муттаҳам кардаӣ.*”

**A)** меҳрубонӣ, некукорӣ
**B)** худшиносӣ, баномусӣ
**C)** хоксорӣ, пуртоқатӣ
**D)** инсондӯстӣ, худошиносӣ

**304** **Дар ҷумлаи зерин аз “Субҳи ҷавонии мо”-и Сотим Улуғзода кадом хислати падари Собир нишон дода шудааст?** ***“Дастони пурзӯри кормуштоқашро ба ҳар коре, ки рост ояд, мезад.”***

**A)** меҳнатдӯстӣ
**B)** нотарсӣ
**C)** ободкорӣ
**D)** пуртоқатӣ

**305** **Кадом асар натиҷаи фаъолияти драматургии Сотим Улуғзода аст?**

**A)** “Марги ҳофиз”
**B)** “Пири ҳакимони Машриқзамин”
**C)** “Ҷавонии Ибни Сино”
**D)** “Фирдавсӣ”

РОЙГОН! Дарсомонаи www.ntc.tj

**306** **Очерку ҳикояҳои Сотим Улуғзодаро муайян кунед.**

**A)** “Восеъ”, “Ривояти суғдӣ”, “Ёрони боҳиммат”

**B)** “Навобод”, “Достонҳои “Шоҳнома”, “Фирдавсӣ”

**C)** “Аҳмади Дониш”, “Пири ҳакимони Машриқзамин”

**D)** “Бибӣ”, “Саёҳати Бухоро бо ҳамроҳии Айнӣ”, “Марги ҳофиз”

**307** **Ин ҷумлаҳо дар бораи кадом асаранд?**

***Ин маснавӣ масъалаҳои зиёди иҷтимоиро дар бар гирифта, ақидаҳои инсон-парваронаи Аҳмади Дониш ва Аҷзии Самарқандиро идома додааст. Муаллиф дар он масъалаи обёрӣ кардани заминҳои ташналабро ба миён мегузорад.***

**A)** “Комде ва Мадан”-и Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ

**B)** “Боғистон”-и Нақибхони Туғрал

**C)** “Лайлӣ ва Маҷнун”-и Шамсиддини Шоҳин

**D)** “Тимсол”-и Тошхоҷа Асирӣ

**308** **Шарҳи муносиби байти Тошхоҷа Асириро интихоб кунед:**

***Одамият чист? – Худро дур аз шар доштан,***
***Хайрхоҳи халқ будан, нафъи безар доштан.***

**A)** Инсони воқеӣ худро аз шару шӯри даврони ҷавонӣ дар канор нигоҳ медорад ва ба кори дигарон дахл намекунад.

**B)** Инсон будан хубии дигаронро хостан, ба онҳо некӣ кардан ва ба кори бад наздик нашудан аст.

**C)** Фарде, ки дар маросимҳои шодию ғами мардум ҳамдилу шарик мешавад, инсони бузургу воқеист.

**D)** Инсони хуб ба суди корҳояш фикр мекунад ва беҳуда ба ҳеч кас ёрию манфиат намерасонад.

**309** **Шарҳи муносиби байтҳои Тошхоҷа Асириро интихоб кунед:**

***Айёми бақо чу боди Наврӯз гузашт,***
***Рӯзу шаби мо ба меҳнату сӯз гузашт.***
***То чашм ниҳодем ба ҳам, субҳ дамид,***
***То чашм кушодем зи ҳам, рӯз гузашт.***

**A)** Шоир бо мисол овардани лаҳзаҳои бастан ва боз кардани дида босуръат гузаштани умри инсонро баён кардааст.

**B)** Шоир мегӯяд, ки баъд аз ҳар зимистон баҳор меояд ва ҳар ғаму андӯҳ шодию нишоте дар пай дорад.

**C)** Муаллиф аз сахтии рӯзгор ва талхии айёми зиндагиаш бо забони рамзу киноя шикоят кардааст.

**D)** Муаллиф дар бораи нишебу фарози зиндагӣ ва баҳору тирамоҳи умр дар ин рубоӣ сухан гуфтааст.

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**310** **Шарҳи муносиби байти Тошхоҷа Асириро интихоб кунед:**

***Мадеҳ бо аблаҳон дарси қавофӣ,***

***Нашояд уштуронро шоҳибофӣ.***

**A)** Ба одамҳои нодон ёд додани чизе беҳуда талаф кардани умр аст.

**B)** Ба ҳайвонҳои борбардор набояд чизҳои гаронарзишро бор кунем.

**C)** Омӯхтани дарси арӯзу қофия барои ҳамаи инсонҳои оқил ҳатмист.

**D)** Бояд бо касе баҳсу ҷадал накунем ва аз паси зиндагии худ бошем.

**311** **Кадом зарбулмасал(мақол) маънои байтҳои зеринро ифода мекунад?**

***Гар подшаҳию тоҷ бар сар дорӣ***

***В-ар ҳукму валои баҳру ҳам бар дорӣ.***

***Пиндор, ки арзанат наёрад гандум,***

***Ҳар дона, ки киштаӣ, ҳамон бардорӣ.*** Тошхӯҷаи Асирӣ

**A)** Бодовардаро бод мебарад.

**B)** Ҳисоб ҷав-ҷав, бахшиш лак-лак.

**C)** Гандум аз гандум бирӯяд, ҷав зи ҷав.

**D)** Ҳусни худододаро ҳоҷати машшота нест.

**312** **Кадом зарбулмасал(мақол) маънои байтҳои зеринро ифода мекунад?**

***Бори дил беҳ зи сабр нанҳоданд,***

***Зафару сабр ҳар ду ҳамзоданд.*** Саноии Ғазнавӣ

**A)** Бодовардаро бод мебарад.

**B)** Ҳисоб ҷав-ҷав, бахшиш лак-лак.

**C)** Гандум аз гандум бирӯяд, ҷав зи ҷав.

**D)** Сабр кунӣ, аз ғӯра ҳалво мешавад.

**313** **Кадом зарбулмасал(мақол) ба байти зерин рабт дорад?**

***Ин ҷаҳон кӯҳ асту феъли мо нидо,***

***Сӯи кӯҳ ояд нидоҳоро садо.*** Ҷалолиддини Балхӣ

**A)** Бодовардаро бод мебарад.

**B)** Ҳисоб ҷав-ҷав, бахшиш лак-лак.

**C)** Аз мукофоти амал ғофил машав.

**D)** Ҳусни худододаро ҳоҷати машшота нест.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**314** **Дар порчаи зерин аз шеъри Бозор Собир ба кадом масъала ишора шудааст?**

***Қиссаи мурғи самандар пеши ман афсона нест,***
***Саргузашти мардуми печидафарёди ман аст.***
***Он ки месӯзад, вале аз тӯдаи хокистараш***
***Мекунад парвоз чун паррандаи оташпараст.***

**A)** таърихи муборизаҳои озодихоҳонаи мардуми тоҷик бар зидди истилогарони аҷнабӣ

**B)** тоҷу тахту бахтро гум кардан, вале забони модариро гум накардани мардуми тоҷик

**C)** шикастнопазир будани ғурури миллӣ ва ифтихори ватандории мардуми тоҷик

**D)** таърихи фоҷиабор ва аз нав қомат рост кардану аз пайи ободкорӣ шудани тоҷикон

**315** **Кадом навиштаи Ҳабиб Юсуфӣ ба масъалаҳои адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ бахшида шудааст?**

**A)** “Ватани дил”

**B)** “Ишқи Ватан”

**C)** “Баҳр дар пиёла”

**D)** “Ба духтари меҳнат”

**316** **Мақолаҳои *“Шеърҳои зиддифашистии Лоҳутӣ”* ва *“Боз якчанд калима дар бораи поэзияи имрӯзаи мо”* ба кадом самти фаъолияти Ҳабиб Юсуфӣ дахл доранд?**

**A)** рӯзноманигорӣ

**B)** адабиётшиносӣ

**C)** тарҷумонӣ

**D)** нависандагӣ

**317** **Лоиқ Шералӣ кадом адибро васф намудааст?**

***Бас аз хокистари хомӯш оташҳо фурӯзондӣ,***
***Шарарҳое басо аз сангҳои сард рӯёндӣ,***
***Сари гӯри ниёгон машъала афрӯхтӣ аз меҳр,***
***Аз ин рӯ ҳамчу машъал дар сари дасти замон мондӣ.***

**A)** Сотим Улуғзода

**B)** Садриддин Айнӣ

**C)** Мирзо Турсунзода

**D)** Абулқосим Лоҳутӣ

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**318** **Хулосаи муносиби байтро интихоб кунед:**

***Заҳр бодо шири модар бар касе,***
***К-ӯ забони модарӣ гум кардааст.*** Лоиқ Шералӣ

**A)** Забони модарӣ барои инсон мисли асал ширин аст.
**B)** Дунё гузарон аст, бояд ба қадри модарон бирасем.
**C)** Бояд ҳамаи забонҳои модарии оламро биомӯзем.
**D)** Фаромӯш кардани забони модарӣ бадтарин гуноҳ аст.

**319** **Хулосаи муносиби байтро интихоб кунед:**

***Чун ҷуфти кабӯтаре бубинам дар бом,***
***Ҳамлонаю ҳамзабон хушам меояд.*** Лоиқ Шералӣ

**A)** Аз дидани фазои сулҳу дӯстӣ хотири шоир шод мегардад.
**B)** Сохтани лона барои парандагон кори нек шуморида шудааст.
**C)** Шоир шунидани садои парандагонро дӯст медоштааст.
**D)** Тамошои кабӯтарҳо илҳоми шоирро бедор мекардааст.

**320** **Доир ба дубайтии зерини Гулназар кадом сухан дурусттар аст?**

***Дубайтӣ, меҳри ту дар мағзи дилҳост,***
***Ба ҳар давру замон қадри ту волост.***
***Чу ширин аст умри кӯтаҳи мо,***
***Ду байти кӯтаҳи ту ҳам гуворост.***

**A)** Шоир ба қадри умр расидан ва дӯст доштани дубайтиро ба хонанда маслиҳат додааст.
**B)** Шоир дубайтиро бинобар гуворой ва хурд будани ҳаҷмаш писандидааст.
**C)** Шоир ҳаҷми хурди дубайтиро нозукбинона ба умри кӯтоҳи одамӣ монанд кардааст.
**D)** Шоир жанри дӯсттоштаи мардум будани дубайтиро таъкид намудааст.

**321** **Дар "Суруди миллӣ"-и Ҷумҳурии Тоҷикистон мисраи *"Ту аз умеди рафтагони мо нишонаӣ"* чӣ маънӣ дорад?**

**A)** Муаллиф руҳи одамони даргузаштаро пушту паноҳи сарзаминаш медонад.
**B)** Муаллиф мегӯяд, ки одамҳое, ки аз Ватан рафтаанд, боз як рӯзе бармегарданд.
**C)** Муаллиф сарзамини Тоҷикистонро ёдгории гузаштагони барӯманди тоҷик медонад.
**D)** Муаллиф Тоҷикистонро ба ангуштарӣ ва Душанберо ба нигини он монанд кардааст.

РОЙГОН! Дарсомонаи www.ntc.tj

**322** **Ин ҷумлаҳо дар бораи кадом асаранд?**

***Намоишнома ба масъалаҳои зиндагии орзупарваронаи хонандагони синни калони мактабӣ бахшида шудааст. Дар ду қисми намоишнома муносибати дӯстона ва самимонаи Хайрӣ ва Довар тасвир шудааст.***

**A)** “Фишор”-и Сафармуҳаммад Айюбӣ

**B)** “Лаҳзаи ҷовид”-и Меҳмон Бахтӣ

**C)** “Алии сонӣ”-и Сафармуҳаммад Айюбӣ

**D)** “Эҳ, ҷавонӣ, ҷавонӣ”-и Меҳмон Бахтӣ

**323** **Ин ҷумлаҳо дар бораи кадом асаранд?**

***Дар намоишнома шахсиятҳое ҳамчун Абудулаф, Манижабону, Нӯшозар, Тобон, Амр ибни Мунзир, Лашкарӣ, Зирак ва Навруста иштирок мекунанд.***

**A)** “Дақиқӣ”-и Сафармуҳаммад Айюбӣ

**B)** “Лаҳзаи ҷовид”-и Меҳмон Бахтӣ

**C)** “Алии сонӣ”-и Сафармуҳаммад Айюбӣ

**D)** “Фирдавсӣ”-и Меҳмон Бахтӣ

Дар ройгон! www.ntc.tj

**324** **Ин ҷумлаҳо дар бораи кадом асаранд?**

***Драмаи манзум буда, дар ду баст ва чаҳор намоиш навишта шудааст. Дар он Саура, Зардушт, Гуштосп ва дигарон иштирок мекунанд.***

**A)** “Дақиқӣ”-и Сафармуҳаммад Айюбӣ

**B)** “Лаҳзаи ҷовид”-и Меҳмон Бахтӣ

**C)** “Алии сонӣ”-и Сафармуҳаммад Айюбӣ

**D)** “Фирдавсӣ”-и Меҳмон Бахтӣ

**325** **Асарҳои “Шоҳ Лир”-и В. Шекспир ва “Дод аз дасти ақл”-и А. Грибоедовро кадом адиб ба тоҷикӣ тарҷума кардааст?**

**A)** Сотим Улуғзода

**B)** Садриддин Айнӣ

**C)** Абулқосим Лоҳутӣ

**D)** Мирсаид Миршакар

**326** **Кадом асари Фазлиддин Муҳаммадиев аввалин намунаи асари детективӣ дар адабиёти тоҷик ба ҳисоб меравад?**

**A)** “Дар он дунё”

**B)** “Тири хокхӯрда”

**C)** “Одамони кӯҳна”

**D)** “Палатаи кунҷакӣ”

**327** **Дар кадом асари Саттор Турсун образҳои Рашод, Раҳими Акбар ва Насрин тасвир ёфтаанд?**

**A)** “Санг дар бағал ба тӯфон”

**B)** “Се рӯзи як баҳор”

**C)** “Сукути қуллаҳо”

**D)** “Зиндагӣ дар домани талҳои сурх”

**328** **Шоир дар мисраъҳои зерин ба кадом масъала ишора кардааст?**

***Надорам тоқати доғи писар дидан дигар ҳаргиз,***
***Саросар сӯхтори пуршарар дидан дигар ҳаргиз,***
***Ба ҳар як хона тифли бепадар дидан дигар ҳаргиз,***
***Ҳаёти одамиро дар хатар дидан дигар ҳаргиз!*** Мирзо Турсунзода

**A)** гарм шудани иқлим ва сӯхтани ҷангалҳо

**B)** ҷудо шудани оилаҳои тозабунёд

**C)** бесавод мондани насли ҷавони олам

**D)** ҷанг ва пайомадҳои харобиовари он

**329** **Мирзо Турсунзода дар кадом асар образҳои Қодир, Микола, Саодат ва Маринаро тасвир намудааст?**

**A)** “Ҷони ширин”

**B)** “Писари Ватан”

**C)** “Чароғи абадӣ”

**D)** “Ман аз Шарқи озод”

**330** **Байти зерин кадом мавзуи ашъори Мирзо Турсунзодаро инъикос мекунад?**

***Шодам, аммо меҳӯрам ғамҳои халқи дигаре,***
***Дар назар меоварам тороҷгашта кишваре.***

**A)** ишқу муҳаббат

**B)** дӯстиву рафоқат

**C)** ҳамдилӣ ва инсондӯстӣ

**D)** худшиносӣ ва ифтихори миллӣ

**331** **Хулосаи муносиби байти Мирзо Турсунзодаро интихоб кунед:**

***Баҳор омад, зи умрам боз як соли дигар бигзашт,***
***Тамоми зиндагӣ оҳиста аз пеши назар бигзашт.***

**A)** Хурсандам, ки фасли зимистон гузашт ва замин сарсабз шуд.

**B)** Фаслҳо такрор мешаванд, аммо дар зиндагиам тозагие нест.

**C)** Меандешам, ки чаро рӯзҳоям ин қадар оҳиста мегузаранд.

**D)** Аз зиндагиам соле сипарӣ шуд ва гузаштаҳо ба ёдам омад.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**332** **Хулосаи муносиби байти Мирзо Турсунзодаро интихоб кунед:**
***Ба мисли гӯшту нохун ҳамеша бо Ватан будам,***
***Агарчи нисфи умри беҳтаринам дар сафар бигзашт.***

**A)** Вақте ки аз Ватан меравам, ишқам ба он кам мешавад.
**B)** Дар сафарҳо ҳамеша ғизоҳои хуби Ватанро ёд мекунам.
**C)** Дилбастагиям ба Ватан абадист ва ҳаргиз қатъ намешавад.
**D)** Дуруст гуфтанд, ки дурӣ аз Ватан инсонро инсон мекунад.

**333** **Хулосаи муносиби байти Мирзо Турсунзодаро интихоб кунед:**
***Гулханеро, ки падарҳо дар раҳат афрӯхтанд,***
***Машъали тобандаи дастони пурэъҷоз кун.***

**A)** Бояд дар бораи падарҳои бузургамон шеъру достон сароем.
**B)** Барои қавӣ шудани дастҳо бояд ҳамеша онҳоро ба кор бурд.
**C)** Панди падаронро сармашқи зиндагию кори худ бояд кард.
**D)** Оташро дар ҳар ҷое набояд равшан кард; ҳар коре ҷой дорад.

**334** **Хулосаи муносиби байти Мирзо Турсунзодаро интихоб кунед:**
***Рӯдворона зиндагонӣ кун!***
***Ҷӯш зан, ҷӯш зан, ҷавонӣ кун!***

**A)** Вақте ки шиновариро наметавонӣ, ба дарё наздик нашав.
**B)** Ҷавонӣ дар некӣ кардан ва гирифтани дасти пирон аст.
**C)** Дар ҷавонӣ беҳуда ҷастухез накун, ки пушаймон хоҳӣ шуд.
**D)** Мисли дарё зиндагии равон ва пур аз талош дошта бош.

**335** **Хулосаи муносиби байти Лоиқ Шералиро интихоб кунед:**
***Дар ҷавонӣ ишқ буду давлати дунё набуд,***
***Он ҳама бедавлатиҳо хуб давлат будааст.***

**A)** Зиндагии инсон дар давраи ҷавонӣ пур аз ҳайронию тааҷҷуб аст.
**B)** Одаме, ки ҷавониро хуш мегузаронад, худашро шоҳ эҳсос мекунад.
**C)** Нерую тавоноии давраи ҷавонӣ беҳтар аз ҳама гуна пулу дороӣ аст.
**D)** Барои саодату хушбахтии инсон донистани қадри вақт муҳим аст.

**336** **Хулосаи муносиби байти Лоиқ Шералиро интихоб кунед:**
***Одамӣ баъд аз заволи умр мефаҳмад, ки умр***
***Як назар бар осмон бо чашми ҳайрат будааст.***

**A)** Зиндагии инсон дар зери само пур аз ҳайронию тааҷҷуб аст.
**B)** Инсон дер мефаҳмад, ки умр бисёр кӯтоҳ аст ва зуд мегузарад.
**C)** Дар охири умр мефаҳмем, ки ҳаёт фақат хӯрдану гаштан нест.
**D)** Барои ҳушёру бедор будан бояд ҳар рӯз ба осмон нигоҳ кунем.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**337** **Хулосаи муносиби байти Лоиқ Шералиро интихоб кунед:**

***Дар фалак ҷустан ситора санъат асту дар замин,***
***Хештанро гум накардан низ санъат будааст.***

**A)** Аз осмон овардани чанд ахтар ҳунари бузург аст.
**B)** Беҳтарин ҳунар дар дунё худшиносӣ ва хоксорист.
**C)** Дар олами ҳунармандӣ санъаткорони асил зиёд нестанд.
**D)** Бузургтарин кор дар олам машғул шудан ба санъаткорист.

**338** **Аз матн муайян намоед, ки сухан дар бораи кадом асари тарҷуманамудаи Абулқосим Лоҳутӣ меравад:**

***Дездемонаи покдоман бегуноҳ кушта мешавад... Дигар зинда мондани ... маъно надошт. Генерал ашкрезон ба ҳозирин васият карда, худашро ба ханҷар мезанад ва***
***Бӯсакунон куштамат, эй бути нозанинам,***
***Изн деҳ, акнун туро бӯсакунон бимирам –***
***гӯён ба рӯи мурдаи Дездемона меафтад.***

**A)** “Шоҳ Лир”-и Шекспир
**B)** “Ромео ва Ҷулетта”-и Шекспир
**C)** “Отелло”-и Шекспир
**D)** “Чашмаи гӯсфандон”-и Лопе де Вега

РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj

**339** **Дар байти Боқӣ Раҳимзода сухан дар бораи чӣ меравад?**

***Раззоқи олам астӣ, эй баргузида деҳқон,***
***Васфи туро сароям, то ҳаст дар танам ҷон.***

**A)** Шоир кишоварзро мавриди ситоиш қарор додааст.
**B)** Шоир деҳқонон – заминдорони қадимро мадҳ кардааст.
**C)** Шоир раззоқи олам – Худовандро дар назар дорад.
**D)** Шоир гуфтааст, ки то ҷон дорад, оламро ситоиш мекунад.

**340** **Аз рӯи мазмуни байтҳо муайян кунед, ки аз кадом шеъри Боқӣ Раҳимзода гирифта шудаанд:**

***Ҳарфе дуруст хондам, аз шавқ медамидӣ,***
***Ноқис, ки менавиштам, бар хеш метапидӣ.***
***То сарбаланд бошам, бисёр сар хамидӣ,***
***Бори гарони меҳнат бар дӯши худ кашидӣ.***

**A)** “Баҳори умр”
**B)** “Муаллим”
**C)** “Халқи бузургворам”
**D)** “Мусича ва рӯбоҳ”

**341** **Аз рӯи мазмуни байтҳо муаллифи онро муайян кунед:**

***Кӯдаке мегашт бо қуттии худ,***
***Дар хиёбони лаби баҳри кабуд.***
***Метавонистӣ, ки дар чашмони ӯ***
***Пай барӣ аз мақсади пинҳони ӯ.***

**A)** Абулқосим Лоҳутӣ
**B)** Мирзо Турсунзода
**C)** Садриддин Айнӣ
**D)** Пайрав Сулаймонӣ

**342** **Аз рӯи мазмуни байтҳо муаллифи онро муайян кунед:**

***Ҳеҷ шунидӣ гапи садсоларо,***
***Қиссаи деринаи Банголаро?***
***Ҳеҷ шунидӣ, ки рухи осмон***
***Ҷилва кунад лаълсифат дар ҷаҳон?***

**A)** Абулқосим Лоҳутӣ
**B)** Пайрав Сулаймонӣ
**C)** Садриддин Айнӣ
**D)** Мирзо Турсунзода

**343** **Аз рӯи мазмуни байтҳо муаллифи онро муайян кунед:**

***Духтари ҳиндӣ адолатхоҳ шуд,***
***Аз баду неки ҷаҳон огоҳ шуд.***
***Ҷустуҷӯ мекард он инсофро,***
***Осмони софи кӯҳи Қофро.***

**A)** Абулқосим Лоҳутӣ
**B)** Ҳабиб Юсуфӣ
**C)** Мирзо Турсунзода
**D)** Пайрав Сулаймонӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**344** **Аз рӯи мазмуни байтҳо муаллифи онро муайян кунед:**

***Ҳама доди ватанхоҳӣ зананд, аммо намедонам***
***Ватанхоҳӣ ба гуфтор аст, ё кирдор, ё ҳар ду?***
***Ватанро аз хатар фикри вакилон мекунад эмин***
***Ва ё сарнайзаи як лашкари ҷаррор, ё ҳар ду?***

**A)** Абулқосим Лоҳутӣ
**B)** Мирзо Турсунзода
**C)** Садриддин Айнӣ
**D)** Пайрав Сулаймонӣ

**345** **Аз рӯи мазмуни байтҳо муаллифи онро муайян кунед:**

***Ассалом, эй халқи Эрони кабир,***
***Ассалом, эй насли Золу Ардашер!***
***Эй нажоди Кова, эй авлоди Сом,***
***Бар ту аз Ҷумҳури Тоҷикон салом!***

**A)** Пайрав Сулаймонӣ
**B)** Садриддин Айнӣ
**C)** Мирзо Турсунзода
**D)** Абулқосим Лоҳутӣ

**346** **Аз рӯи мазмуни байтҳо муаллифи онро муайян кунед:**

***Зиндагӣ охир сар ояд, бандагӣ даркор нест,***
***Бандагӣ гар шарт бошад, зиндагӣ даркор нест.***
***Гар фишори рӯзгор обат кунад, мискин машав,***
***Мард бош, эй хастадил, шармандагӣ даркор нест.***

**A)** Садриддин Айнӣ
**B)** Мирзо Турсунзода
**C)** Абулқосим Лоҳутӣ
**D)** Пайрав Сулаймонӣ

**347** **Аз рӯи мазмуни байтҳо муаллифи онро муайян кунед:**

***Шабе, ки то саҳар бедор будам,***
***Мушавваш, тангдил, ночор будам.***
***Нахуфтам, доштам уммедворӣ,***
***Диламро мефишорид интизорӣ.***

**A)** Абулқосим Лоҳутӣ
**B)** Мирзо Турсунзода
**C)** Садриддин Айнӣ
**D)** Пайрав Сулаймонӣ

**348** **Аз рӯи мазмуни байтҳо муаллифи онро муайян кунед:**

***Омадам, дидам туро бо чашми худ,***
***Дар хиёбони лаби баҳри кабуд.***
***Медавӣ, бо чашми пурнам медавӣ,***
***Пеши пои нокасон хам мешавӣ.***

**A)** Абулқосим Лоҳутӣ
**B)** Садриддин Айнӣ
**C)** Мирзо Турсунзода
**D)** Пайрав Сулаймонӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**349** **Аз рӯи мазмуни байтҳо муаллифи онро муайян кунед:**

***Гуфтам: - Эй сайёҳи ҳинди кобулӣ,***
***Кӯдаки хурдию дар хукми гулӣ.***
***Ҷисми хурдатро ба пушти Ҳиндукӯш,***
***Кӣ ҳаво дод, аз чӣ мегардӣ хамӯш?***

**A)** Абулқосим Лоҳутӣ

**B)** Ҳабиб Юсуфӣ

**C)** Мирзо Турсунзода

**D)** Пайрав Сулаймонӣ

**350** **Аз рӯи мазмуни байтҳо муаллифи онро муайян кунед:**

***Шабе парвонае бо шамъ мегуфт***
***Ки: “Эй гардида дардат бо дилам ҷуфт!...”***
***Ҷавобаш дод шамъи нуктапардоз,***
***Ки: “Эй нопухта ошиқ, ғофил аз роз!...”***

**A)** Пайрав Сулаймонӣ

**B)** Садриддин Айнӣ

**C)** Абулқосим Лоҳутӣ

**D)** Мирзо Турсунзода

**351** **Аз рӯи мазмуни байтҳо муаллифи онро муайян кунед:**

***Аё сайёд, шарме кун, маранҷон нимҷонамро,***
***Пару болам бикан, аммо масӯзон ошёнамро...***
***Дар ин кунҷи қафас дур аз гулистон сӯхтам, мурдам,***
***Хабар кун, эй сабо, аз ҳоли зорам боғбонамро...***

**A)** Садриддин Айнӣ

**B)** Абулқосим Лоҳутӣ

**C)** Мирзо Турсунзода

**D)** Пайрав Сулаймонӣ

**352** **Аз рӯи мазмуни байтҳо муаллифи онро муайян кунед:**

***Дар оғуши ту ҳазорон диёру шаҳр бувад,***
***Ба ҳар куҷо-т равам, дил диёри ман гӯяд.***
***Ҳазору як сифататро адо нахоҳад кард,***
***Ҳазор шоир, агар асрҳо сухан гӯяд.***

**A)** Абулқосим Лоҳутӣ

**B)** Мирзо Турсунзода

**C)** Ҳабиб Юсуфӣ

**D)** Пайрав Сулаймонӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**353** **Аз рӯи мазмуни байтҳо муаллифи онро муайян кунед:**

*Он на ман бошам, амон бидҳад ба душман мушти ман,*
*Он на ман, к-ин дам фитам дар фикри кори дигаре.*
*“Он на ман бошам, ки рӯзи ҷанг бинӣ пушти ман,*
*Он манам, к-андар миёни хоку хун бинӣ саре”.*

**A)** Абулқосим Лоҳутӣ
**B)** Мирзо Турсунзода
**C)** Ҳабиб Юсуфӣ
**D)** Пайрав Сулаймонӣ

**354** **Аз рӯи мазмуни байтҳо муаллифи онро муайян кунед:**

*Чун Ватан мардона дар ҷанг омадаст, имрӯз ман*
*Ман Ватанро беш аз ҳарвақта дорам дӯсттар!*
*Чун ман ин сон байни мардон пурдилу фирӯзманд,*
*Дорадам имрӯз аз ҳаррӯза ёрам дӯсттар.*

**A)** Абулқосим Лоҳутӣ
**B)** Мирзо Турсунзода
**C)** Ҳабиб Юсуфӣ
**D)** Пайрав Сулаймонӣ

**355** **Аз рӯи мухтавои байтҳо муайян кунед, ки аз кадом асари Муъмин Қаноат оварда шудаанд:**

*Ба ёди рӯзҳои рафтаю монда,*
*Ба ёди номаҳои ишқи нохонда,*
*Ба ёди захмҳои дар ҷигар монда,*
*Ба ёди мурдаҳои дар сафар монда,*
*Ба ёди ҳар ду устодам*
*Зи дунёи дарунам роз бикшодам.*

**A)** “Падар”
**B)** “Масъуднома”
**C)** “Мавҷҳои Днепр”
**D)** “Китобҳои захмин”

**356** **Аз рӯи мазмуни мисраъҳо муайян кунед, ки аз кадом шеъри Муъмин Қаноат интихоб шудаанд:**

*Агар душман ба по бошад,*
*Зи рӯяш хез мекардӣ.*
*Агар афтода бошад, зер не,*
*Парҳез мекардӣ.*
*Аҷаб рафтори пандомез мекардӣ...*

**A)** “Кӯҳи маъшуқ”
**B)** “Гули бодом”
**C)** “Пири гулфурӯшон”
**D)** “Садди назар”

ДАР СОМОНАИ WWW.NTC.TJ РОЙГОН!

**357 Кадом зарбулмасал ё мақол маънии байти Тошхӯҷаи Асириро ифода мекунад?**

***Пиндор, ки арзанат наёрад гандум,***
***Ҳар дона, ки киштаӣ, ҳамон бардорӣ.***

**A)** Аз гунҷишк тарсӣ, арзан накор.

**B)** Ҳар чӣ корӣ, бараш ҳамон даравӣ.

**C)** Гандумнамои ҷавфурӯш мабош.

**D)** Ҳар кӣ ӯ арзон харад, арзон диҳад.

**358 Романи "Шӯроб"-и Раҳим Ҷалил ба кадом мавзуъ бахшида шудааст?**

**A)** ишқи самимонаи ду нафар ҷавони дилбохта ва натиҷаи он

**B)** фаъолияти табақаи коргари тоҷик дар ду давраи иҷтимоӣ

**C)** ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ва оқибатҳои сангини он

**D)** мустақил шудани фарзандон дар оилаҳо ва ба сафар рафтани онҳо

**359 Кадом образ дар романи "Шӯроб"-и Раҳим Ҷалил монанди Лутфуллогӯппон (аз "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ) ва Восеъ (аз "Восеъ"-и Сотим Улуғзода) дорои қувваи азими ҷисмонист?**

**A)** Давлат

**B)** Хол

**C)** Пётр

**D)** Акбар

**360 Образҳои Давлат ва Пётр дар кадом асари Раҳим Ҷалил тасвир шудааст?**

**A)** "Одамони ҷовид"

**B)** "Шӯроб"

**C)** "Маъвои дил"

**D)** "Духтари мармарин"

**361 Холи Ворухӣ образи мусбати кадом асари Раҳим Ҷалил аст?**

**A)** "Одамони ҷовид"

**B)** "Шӯроб"

**C)** "Маъвои дил"

**D)** "Духтари мармарин"

РОЙГОН! Дар сомонаи www.atc.tj

**362** **Сухан дар бораи кадом асари Ҷалол Икромӣ меравад?**

***Задухӯрд, асосан, дар ботин ва дили Анвар рӯй медиҳад ва дар ниҳоди ӯ байни ҳиссиёту ақл ва ишқи ногаҳониву вазифаи инсонӣ талош сар мешавад. Гирифтории Анвар ба ишқи нобаҳангом дар боби ҳафтум хеле самимӣ ва муфассал тасвир гардидааст.***

**A)** “Тирмор”

**B)** “Ман гунаҳгорам”

**C)** “Шодӣ”

**D)** “Тори анкабут”

**363** **Ин ҷумлаҳо дар бораи кадом асаранд?**

***Асар аз се қисм иборат буда, қисми дуюми асар аз 16 боб иборат аст ва тақдири Фирӯзаро баъди марги модаркалонаш фаро мегирад.***

**A)** “Духтари оташ”-и Ҷалол Икромӣ

**B)** “Дарди ишқ”-и Кароматуллоҳи Мирзо

**C)** “Ситораҳои сари танӯр”-и Сайф Раҳимзоди Афардӣ

**D)** “Санг дар бағал ба тӯфон”-и Саттор Турсун

**364** **Ин ҷумлаҳо дар бораи кадом асаранд?**

***Рашод дар ин асар мавқеи асосӣ дорад. Ӯ орзу дошт, ки дар ягон шаҳри калон хонда муаллим шавад. Вале дар замони ҷанг чӯпон буданро ба ҷомеа зарууртар донист.***

**A)** “Санг дар бағал ба тӯфон”-и Саттор Турсун

**B)** “Ситораҳои сари танӯр”-и Сайф Раҳимзоди Афардӣ

**C)** “Дарди ишқ”-и Кароматуллоҳи Мирзо

**D)** “Шӯроб”-и Раҳим Ҷалил

**365** **Ин ҷумлаҳо дар бораи кадом асаранд?**

***Мавзуи асосии асар маънавиёти инсон, ҳолатҳои руҳӣ ва андешаҳои одамони аз нигоҳи ахлоқ мухталиф мебошад. Симоҳои асосии асар Рустам, Ҷамила, Парвона ва Калтаи Мансур ба шумор меравонд. Воқеа дар деҳаи дурдасти Гулоб ҷараён меёбад.***

**A)** “Санг дар бағал ба тӯфон”-и Саттор Турсун

**B)** “Ситораҳои сари танӯр”-и Сайф Раҳимзоди Афардӣ

**C)** “Дарди ишқ”-и Кароматуллоҳи Мирзо

**D)** “Ман гунаҳкорам”-и Ҷалол Икромӣ

Дар сомонаи www.ntc.tj
РОЙГОН!

**366** **Ин ҷумлаҳо дар бораи кадом асаранд?**

***Мавзуи асар зиндагӣ ва фаъолияти донишҷӯёни мактабҳои олӣ аст. Асар аз 14 боб иборат буда, бо тасвири ҷараёни имтиҳонҳои дохилшавӣ дар яке аз мактабҳои олии Душанбе оғоз мешавад.***

**A)** “Санг дар бағал ба тӯфон”-и Саттор Турсун

**B)** “Ситораҳои сари танӯр”-и Сайф Раҳимзоди Афардӣ

**C)** “Ман гунаҳкорам”-и Ҷалол Икромӣ

**D)** “Паррончакҳо”-и Абдулҳамид Самад

**367** **Ин ҷумлаҳо дар бораи кадом асаранд?**

***Мавзуи асар зиндагии иҷтимоии мардуми тоҷик ва масъалаҳои асосии он моҷарои хонадорӣ ва тақдири фарзанд дар хонадон мебошад. Сужети асар аз шинос шудани Нозимии рӯзноманигор ва нависанда бо духтари ҷавон – Мушарраф оғоз меёбад.***

**A)** “Санг дар бағал ба тӯфон”-и Саттор Турсун

**B)** “Ситораҳои сари танӯр”-и Сайф Раҳимзоди Афардӣ

**C)** “Дар орзуи падар”-и Кароматуллоҳи Мирзо

**D)** “Ман гунаҳкорам”-и Ҷалол Икромӣ

**368** **Ин ҷумлаҳо дар бораи кадом асаранд?**

***Дар қисса образҳои Рашод, Раҳими Акбар ва Насрин мушоҳида мешаванд. Рашод чун қаҳрамони асосӣ дар ҳалли зиддиятҳои асар мавқеи сазовор дорад.***

**A)** “Санг дар бағал ба тӯфон”-и Саттор Турсун

**B)** “Ситораҳои сари танӯр”-и Сайф Раҳимзоди Афардӣ

**C)** “Дарди ишқ”-и Кароматуллоҳи Мирзо

**D)** “Ман гунаҳкорам”-и Ҷалол Икромӣ

**369** **Ин ҷумлаҳо дар бораи кадом асаранд?**

***Образи асосии асар Назар дар деҳа танҳо бо корҳои роҳбарӣ умр гузаронидааст. Назар бемори бистарӣ шуда, тамоми хатоҳои зиндагиашро пеши назар меорад.***

**A)** “Дарди ишқ”-и Кароматуллоҳи Мирзо

**B)** “Таъми тути балхӣ”-и Гулназар Келдӣ

**C)** “Ситораи корвонкуш”-и Саттор Турсун

**D)** “Ман гунаҳкорам”-и Ҷалол Икромӣ

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН

**370** **Ин ҷумлаҳо дар бораи кадом асаранд?**

***Мавзуи асар ҳаёти оилавӣ ва муҳаббати ҷавонон мебошад. Образҳои асосӣ – Назокат ва Фирӯз дар роҳи бахт талош меварзанд ва баъди маҳрумияти зиёд ба мақсад мерасанд.***

**A)** “Дарди ишқ”-и Кароматуллоҳи Мирзо
**B)** “Таъми тути балхӣ”-и Гулназар Келдӣ
**C)** “Ман гунаҳкорам”-и Ҷалол Икромӣ
**D)** “Камони Рустам”-и Саттор Турсун

**371** **Қодир, Сайрам, Робия, Бегмурод образҳои кадом асари Сайф Раҳимзоди Афардианд?**

**A)** “Падруду пайғом”
**B)** “Зеру рӯйи бомҳо”
**C)** “Ситораҳои сари танӯр”
**D)** “Аз ёдҳо, аз ёдҳо”

**372** **Идомаи мантиқии мисраи Лоиқ Шералиро аз шеъри *“Ба модарам”* муайян кунед:**

***Даруни кулбаи пасти назарногири пур аз дуд***
**....................................................................................**

**A)** Шабонгаҳ мижжа таҳ нокарда, пухтӣ кулчаи ширӣ.
**B)** Ба назди остонат дом монад мояи маргат.
**C)** Бубинӣ хоб шаб фарзандҳои мурдаи худро.
**D)** Ба ҳукми қарзи инсонӣ ҷаҳонеро бигунҷондӣ.

**373** **Идомаи мантиқии мисраи Лоиқ Шералиро муайян кунед:**

***Раҳми Парвардигори мо омад,***
**...........................................................**

**A)** Сулҳи бунёдкори мо омад.
**B)** Ҳотифи зиндадори мо омад.
**C)** Юсуфи дилфигори мо омад.
**D)** Нури ҳақ бар диёри мо омад.

**374** **Идомаи мантиқии мисраи Лоиқ Шералиро муайян кунед:**

***Дар фалак ҷустан ситора санъат асту дар замин***
**....................................................................................**

**A)** Он ҳама бедавлатиҳо хуб давлат будааст.
**B)** Аз пайи хубон давидан ҳам ғанимат будааст.
**C)** Як назар бар осмон бо чашми ҳайрат будааст.
**D)** Хештанро гум накардан низ санъат будааст.

Ройгон! Дар сомонаи www.ntc.tj

**375 Калимаи “*ҷуд*” дар ин байти Ҷалолиддини Балхӣ чӣ маънӣ дорад?**

***Ҳар ғуломи ҳар канизакро зи ҷуд,***
***Гуфт: “Баҳри ту чӣ орам, гӯй зуд”.***

**A)** сабр, таҳаммул, тоқат
**B)** бахшиш, эҳсон, саховат
**C)** ҷабр, ҷафо, ситам
**D)** зуд, фавран, дарров

**376 Калимаи “бадоеъ” дар номи асари Зайниддин Маҳмуди Восифӣ “Бадоеъ-ул-вақоеъ” чӣ маънӣ дорад?**

**A)** нав, тоза
**B)** китобӣ, адабӣ
**C)** баъдӣ, навбатӣ
**D)** кӯтоҳ, мухтасар

**377 Калимаи “*андалеб*” чӣ маънӣ дорад?**

***Ишқ мебозад ба рӯи боданӯшон андалеб,***
***Шоҳиди гул беҳ, ки фикри ошиқи дигар кунад.*** Нозими Ҳиротӣ

**A)** соқӣ, бодадиҳанда
**B)** булбул, ҳазордастон
**C)** зебоӣ, тароват
**D)** зиндагӣ, умр

**378 Дар байти Нақибхони Туғрал “миръот” чӣ маънӣ дорад?**

***Гар зи миръоти рухат аксе фитад ногаҳ дар об,***
***Сарв ҷойи барг орад бар лаби ҷӯбор гул.***

**A)** ороиш
**B)** ойина
**C)** зебоӣ
**D)** сурхӣ

**379 Дар байти Нақибхони Туғрал “халлоқулмаонӣ” чӣ маънӣ дорад?**

***Маро хонанд халлоқулмаонӣ,***
***Набудам қабл аз ин, аммо кунунам.***

**A)** офаридаи огоҳу доно
**B)** ошиқи шеъри бомаънӣ
**C)** беҳтарин халқкардаи Худо
**D)** офарандаи маъниҳои нав

Дар ройгон! Дар сомонаи www.ntc.tj

**380** **Калимаи “*ақсо*” дар ин байти Саъдӣ ба кадом маънӣ омадааст?**

***Дар ақсои олам бигаштам басе,***
***Ба сар бурдам айём бо ҳар касе.***

**A)** қисмҳои гуногун
**B)** заминҳои сарсабз
**C)** ҷойҳои дурдаст
**D)** баландию пастӣ

**381** **Дар байт калимаи “разолат” чӣ маънӣ дорад?**

***Ӯ разолат карда бошад, мо қаноат мекунем,***
***Бигзарад ин соли қаҳту монад он рӯйи сиёҳ.*** Абдурраҳмони Мушфиқӣ

**A)** пастӣ, нокасӣ
**B)** саховат, некӣ
**C)** дурӣ, ҷудоӣ
**D)** дӯстӣ, бародарӣ

**382** **Дар байт калимаи “ҳаҷр” чӣ маънӣ дорад?**

***Дар ду бозуи мо зи лаъли хушоб***
***Басту аз ҳаҷр кард дида пуроб.*** Абдурраҳмони Мушфиқӣ

**A)** пастӣ, нокасӣ
**B)** саховат, некӣ
**C)** дурӣ, ҷудоӣ
**D)** дӯстӣ, бародарӣ

**383** **Дар байт калимаи “қайд” чӣ маънӣ дорад?**

***Берун ҷастам зи қайди ҳар макру ҳиял,***
***Ҳар банд кушода шуд, магар банди аҷал.*** Абуалӣ ибни Сино

**A)** ҳалқа, занҷир, доира
**B)** табл, нақора, дуҳул
**C)** девор, сад(д), монеа
**D)** ҷой, макон, манзил

**384** **Дар байт калимаи “бодия” чӣ маънӣ дорад?**

***Дил гарчи дар ин бодия бисёр шитофт,***
***Як мӯй надонист, вале мӯй шикофт.*** Абуалӣ ибни Сино

**A)** роҳ, гузаргоҳ, тариқ
**B)** девор, сад(д), монеа
**C)** саҳро, биёбон, дашт
**D)** ҷой, макон, манзил

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**385** **Дар байт калимаи “мазаррат” чӣ маънӣ дорад?**

***Дар бисёраш мазаррати андак ҳаст,***
***Дар андаки ӯ манфиати бисёр аст.*** Абуалӣ ибни Сино

**A)** зиён, осеб, зарар
**B)** ором, оҳиста, суст
**C)** суд, фоида, нафъ
**D)** ҷило, равшанӣ, нур

**386** **Дар байт калимаи “дарюза” чӣ маънӣ дорад?**

***Хоқонӣ, аз ин даргаҳ дарюзаи ибрат кун,***
***То аз дари ту з-ин пас дарюза кунад хоқон.*** Хоқонии Шервонӣ

**A)** нодорӣ
**B)** озодӣ
**C)** бекорӣ
**D)** гадоӣ

**387** **Дар байт калимаи “тӯша” чӣ маънӣ дорад?**

***Имрӯз гар аз султон ринде талабад тӯша,***
***Фардо зи дари ринде тӯша талабад султон.*** Хоқонии Шервонӣ

**A)** сарват
**B)** либос
**C)** обрӯ
**D)** ғизо

**388** **Дар байт калимаи “суффа” чӣ маънӣ дорад?**

***Ин аст ҳамон суффа, к-аз ҳайбати ӯ бурдӣ,***
***Бар шери фалак ҳамла шеритани Шодурвон.*** Хоқонии Шервонӣ

**A)** ҷои нишасти аз замин баландтар
**B)** макони зиндагии шоҳону амирон
**C)** ҷои махсуси бозӣ барои кӯдакон
**D)** майдони махсус барои аспдавонӣ

**389** **Калимаи “сайф” чӣ маънӣ дорад?**

***Сайф аз сарам бирафту дили ман дуним монд,***
***Дарёи ман равон шуду дурри ятим монд.*** Амир Хусрави Деҳлавӣ

**A)** шароб
**B)** шамшер
**C)** чашма
**D)** офтоб

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**390** **Дар байт калимаи “фасеҳ” чӣ маънӣ дорад?**

***Аз гуфтани мадҳ дил бимирад,***
***Шеър арчи тару фасеҳ бошад.*** Амир Хусрави Деҳлавӣ

**A)** тозаву нав
**B)** бузургу боло
**C)** равону хуш
**D)** сабзу хуррам

**391** **Дар байт калимаи “новак” чӣ маънӣ дорад?**

***Ҳар кас, ки ба зулм кардан омӯхта шуд,***
***Аз новаки мазлум дилаш дӯхта шуд.*** Амир Хусрави Деҳлавӣ

**A)** тир
**B)** камон
**C)** нафъ
**D)** нур

**392** **Дар байт калимаи “*кавкаб*” чӣ маънӣ дорад?**

***Сияҳбахтӣ чароғи аҳли дилро мекунад равшан,***
***Зи мушки судаи шаб тоза гардад доғи кавкабҳо.*** Шавкати Бухороӣ

**A)** шаб
**B)** замин
**C)** осмон
**D)** ситора

**393** **Дар байт калимаи “*хасм*” чӣ маънӣ дорад?**

***Аз баланду пасти олам гашт суҳон комёб,***
***Хасм меболад ба худ аз вазъи ноҳамвори хеш.*** Саййидои Насафӣ

**A)** дузд
**B)** душман
**C)** дӯст
**D)** ёр

**394** **Дар байт калимаи “*армуғон*” чӣ маънӣ дорад?**

***Ҳар ғуломеро биёвард армуғон,***
***Ҳар канизакро бибахшид ӯ нишон.*** Ҷалолиддини Балхӣ

**A)** ҳила
**B)** ҳадя
**C)** тир
**D)** камон

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

## САВОЛУ МАСЪАЛАҲО БАРОИ МУАЙЯН КАРДАНИ МУВОФИҚАТ

**1** **Жанри асарҳоро муайян намоед:**

**A)** “Фирдавсӣ”-и Сотим Улуғзода
**B)** “Тахти хунин”-и Пайрав Сулаймонӣ
**C)** “Дар он дунё”-и Фазлиддин Муҳаммадиев
**D)** “Ситораи корвонкуш”-и Саттор Турсун

**1)** қисса
**2)** ҳикоя
**3)** достон
**4)** роман
**5)** афсона

**2** **Ба кадом намуди шеър мансуб будани байтҳои устод Рӯдакиро муайян намоед:**

**A)** Модари майро бикард бояд қурбон,
Бачаи ӯро гирифту кард ба зиндон...
**B)** Чархи бузургвор яке лашкаре бикард,
Лашкар-ш абри тираву боди сабо нақиб...
**C)** Шуд он замона, ки ӯ унси родмардон буд,
Шуд он замона, ки ӯ пешкори мирон буд...
**D)** Мурд Муродӣ, на ҳамоно, ки мурд,
Марги чунин хоҷа на корест хурд...

**1)** қасидаи баҳория
**2)** қасидаи ҳолия
**3)** қасидаи марсия
**4)** қасидаи хамрия
**5)** қасидаи мадҳия

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**3** **Жанри асарҳоро муайян намоед:**

**A)** “Се рӯзи як баҳор”-и Саттор Турсун
**B)** “Падар”-и Муъмин Қаноат
**C)** “Субҳи ҷавонии мо”-и Сотим Улуғзода
**D)** “Додараки фариштаҳо”-и Сайф Раҳимзоди Афардӣ

**1)** ҳикоя
**2)** роман
**3)** достон
**4)** афсона
**5)** қисса

**4** **Навъи асарҳоро муайян намоед:**

**A)** “Дар орзу падар”-и Кароматулоҳи Мирзо
**B)** “Китобҳои захмин”-и Муъмин Қаноат
**C)** “Марги Хушомадхӯҷа”-и Раҳим Ҷалил
**D)** “Одина”-и Садриддин Айнӣ

**1)** достон
**2)** ҳикоя
**3)** афсона
**4)** роман
**5)** қисса

**5** **Дар кадом жанри адабӣ навишта шудани асарҳои Фазлиддин Муҳаммадиевро муайян намоед:**

**A)** “Порчаи остин”
**B)** “Одамони куҳна”
**C)** “Муҳоҷирон”
**D)** “Палатаи кунҷакӣ”

**1)** очерк
**2)** намоишнома
**3)** ҳикоя
**4)** қисса
**5)** роман

**6** **Навъи асарҳоро муайян кунед:**

**A)** “Восеъ”-и Сотим Улуғзода
**B)** “Ман гунаҳгорам”-и Ҷалол Икромӣ
**C)** “Марги судхӯр”-и Садриддин Айнӣ
**D)** “Маъвои дил”-и Раҳим Ҷалил

**1)** асари ёддоштӣ
**2)** асари публисистӣ
**3)** романи иҷтимоӣ
**4)** романи таърихӣ
**5)** қиссаи ҳаҷвӣ

**7** **Жанри асарҳоро муайян намоед:**

**A)** “Баҳория”-и Фаррухии Систонӣ
**B)** “Гаршоспнома”-и Асадии Тӯсӣ
**C)** “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ
**D)** “Лубоб-ул-албоб”-и Муҳаммад Авфӣ

**1)** қасида
**2)** ҳикоя
**3)** тазкира
**4)** достон
**5)** ёддошт

**8** **Жанри асарҳоро муайян намоед:**

**A)** “Нафаҳот-ул-унс”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ
**B)** “Луҷҷат-ул-асрор”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ
**C)** “Дувалронӣ ва Хизрхон”-и Амир Хусрави Деҳлавӣ
**D)** “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ

**1)** достон
**2)** ҳикоя
**3)** тазкира
**4)** қасида
**5)** ёддошт

**9** **Мувофиқатро муайян кунед:**

**A)** Абулқосими Фирдавсӣ
**B)** Ҳофизи Шерозӣ
**C)** Унсурии Балхӣ
**D)** Боботоҳири Урён

**1)** тазкиранавис
**2)** мадҳиясаро
**3)** дубайтисоро
**4)** ҳамосасаро
**5)** ғазалсаро

РОЙГОН! Дарсномаи www.ntc.tj

**10** **Дар кадом жанри адабӣ навишта шудани асарҳоро муайян намоед:**

| | |
|---|---|
| **A)** “Ҷанги тан ба тан” аз “Наводир-ул-вақоеъ”-и Аҳмади Дониш | **1)** қасида |
| **B)** “Мавҷҳои Днепр”-и Муъмин Қаноат | **2)** достон |
| **C)** “Амир Исмоил”-и Сафармуҳаммад Айюбӣ | **3)** ҳикоя |
| **D)** “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ | **4)** намоишнома |
| | **5)** ёддошт |

**11** **Жанри асарҳоро муайян кунед:**

| | |
|---|---|
| **A)** “Суруши Сталинград” | **1)** намоишнома |
| **B)** “Навобод” | **2)** қисса (повест) |
| **C)** “Субҳи ҷавонии мо” | **3)** роман |
| **D)** “Гавҳари шабчароғ” | **4)** достони манзум |
| | **5)** ҳикоя |

**12** **Дар кадом жанри адабӣ навишта шудани асарҳоро муайян намоед:**

| | |
|---|---|
| **A)** “Чароғи абадӣ”-и Мирзо Турсунзода | **1)** ҳикоя |
| **B)** “Ҳукм”-и Мирзо Турсунзода | **2)** роман |
| **C)** “Ситораҳои сари танӯр”-и Сайф Раҳимзоди Афардӣ | **3)** қисса |
| **D)** “Восеъ”-и Сотим Улуғзода | **4)** намоишнома |
| | **5)** достон |

**13** **Жанри асарҳои халқиро муайян намоед:**

| | |
|---|---|
| **A)** “Эраҷи тилисмшикан” | **1)** ривоят |
| **B)** “Луқмони Ҳаким” | **2)** латифа |
| **C)** “Абдуллохон чӣ мегирад?” | **3)** афсона |
| **D)** “Шӯриши Восеъ” | **4)** суруд |
| | **5)** дубайтӣ |

**14** **Мувофиқатро муайян кунед:**

| | |
|---|---|
| **A)** “Баҳория”-и Фаррухии Систонӣ | **1)** ғазал |
| **B)** “Мушу гурба”-и Убайди Зоконӣ | **2)** дубайтӣ |
| **C)** “Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро”-и Ҳофизи Шерозӣ | **3)** достон |
| **D)** “Зи дасти дидаву дил ҳар ду фарёд”-и Боботоҳири Урён | **4)** қитъа |
| | **5)** қасида |

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**15** **Аз рӯйи мухтаво чигунагии асарҳои зеринро муайян кунед:**

| | |
|---|---|
| **A)** “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус | **1)** ҳаҷвӣ |
| **B)** “Саломон ва Абсол”-и Абуалӣ ибни Сино | **2)** илмӣ |
| **C)** “Даҳ фасл”-и Убайди Зоконӣ | **3)** тиббӣ |
| **D)** “Наврӯзнома”-и Умари Хайём | **4)** ахлоқӣ |
| | **5)** фалсафӣ |

**16** **Чӣ гуна асар будани навиштаҳои Садриддин Айниро муайян кунед:**

| | |
|---|---|
| **A)** “Тартил-ул-Қуръон”, “Таҳзиб-ус-сибён” | **1)** таърихӣ |
| **B)** “Қавми тоҷик ва рӯзнома”, “Матбуоти тоҷик” | **2)** илмӣ |
| **C)** “Намунаи адабиёти тоҷик”, “Шайхурраис Абуалӣ Сино” | **3)** бадеӣ |
| **D)** “Ятим”, “Ҷаллодони Бухоро” | **4)** дарсӣ |
| | **5)** публисистӣ |

**17** **Сухан дар бораи кадом адиб аст?**

| | |
|---|---|
| **A)** Баъд аз Фирдавсӣ суннати ҳамосасароиро зинда нигоҳ доштааст ва асари “Гаршоспнома”-ро навиштааст. | **1)** Умари Хайём |
| **B)** Пешаи аслиаш амирӣ ва надимӣ буда, дар 63-солагиаш барои фарзандаш асари арзишманди тарбиявиро навиштааст. | **2)** Носири Хусрав |
| **C)** Тахаллуси шоириаш Ҳуҷҷат буда, дар қасидасароӣ дасти боло дорад. Мадҳ ва шоирони маддоҳро бисёр мазаммат кардааст. | **3)** Саноии Ғазнавӣ |
| **D)** Ситорашинос, риёзидон, табиб ва файласуф буда, асарҳои илмии зиёд дорад. Гоҳе рубоӣ ҳам мегуфт. | **4)** Унсурулмаолии Кайковус |
| | **5)** Асадии Тӯсӣ |

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**18** **Муайян кунед, ки сухан дар бораи кадом адиб аст?**

| | |
|---|---|
| **A)** Ба насри мусаҷҷаъ се китоб дорад ва бо асари “Синбоднома” машҳур шудааст. | **1)** Абулқосими Фирдавсӣ |
| **B)** Дар ҷавонӣ ба ҷамъ овардани достону қиссаҳо шавқи зиёд дошт. “Ҳаҷвия дар ҳаққи Султон Маҳмуд” ба ӯ мансуб аст. | **2)** Низомии Арӯзии Самарқандӣ |
| **C)** Дар дарбори Ғӯриён чиҳилу панҷ сол хидмат кардааст. Асари “Чаҳор мақола”-аш машҳур аст. | **3)** Масъуди Саъди Салмон |
| **D)** Тақрибан 20 соли умри ӯ дар зиндонҳо сипарӣ шудааст. Ҳабсияҳояш маъруфанд. | **4)** Ҷалолиддини Балхӣ |
| | **5)** Заҳирии Самарқандӣ |

**19** **Муайян кунед, ки сухан дар бораи кадом адиб аст?**

| | |
|---|---|
| **A)** Ӯро “лисон-ул-ғайб” мегӯянд. Девони ғазалҳояш машҳур аст. | **1)** Абдурраҳмони Ҷомӣ |
| **B)** Дар ноҳияи атрофи Ҳирот ба дунё омадааст. Асари “Ҳафт авранг” аз ӯст. | **2)** Алишери Навоӣ |
| **C)** Адиб баъди ноороми дар зодгоҳаш ба Мовароуннаҳр муҳоҷират кардааст ва воқеаҳои ҷолиби сафарашро навиштааст. | **3)** Ҳофизи Шерозӣ |
| **D)** Ин адиб аз зумраи шоиронест, ки ба ду забон шеър гуфтаанд. Аз амалдорони дарбори Ҳусайни Бойқаро буд. | **4)** Ҳусайн Воизи Кошифӣ |
| | **5)** Зайниддин Маҳмуди Восифӣ |

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**20** **Муайян кунед, ки сухан дар бораи кадом адиб аст?**

| | |
|---|---|
| **A)** Аз нахустин шоиронест, ки ба Фирдавсӣ пайравӣ кардааст. “Гаршоспнома”-аш машҳур аст. | **1)** Унсурулмаолии Кайковус |
| **B)** Аз амирзодагони хонадони Зиёрӣ буд ва барои фарзандаш асари пандуахлоқӣ навиштааст. | **2)** Носири Хусрав |
| **C)** Унвони “Ҳуҷҷати Хуросон”-ро дорад. “Сафарнома”-аш маъруф аст. | **3)** Умари Хайём |
| **D)** Бо дархости Султон Маликшоҳ “Зичи маликшоҳӣ”-ро тартиб додааст. Адиби рубоисарост. | **4)** Асадии Тӯсӣ |
| | **5)** Бобо Тоҳири Урён |

**21** **Муайян кунед, ки сухан дар бораи кадом адиб аст?**

| | |
|---|---|
| **A)** Ӯро “муаллими ахлоқ” ва “пайғамбари ғазал” меноманд. | **1)** Ҷалолиддини Балхӣ |
| **B)** Худро аз пайравони Саноӣ ва Аттор медонад. “Девони кабир” аз ӯст. | **2)** Амир Хусрави Деҳлавӣ |
| **C)** Аз шоирони маъруфи Ҳинд аст. Дар пайравии Низомӣ “Хамса”-и худро офаридааст. | **3)** Саъдии Шерозӣ |
| **D)** Аз зодгоҳаш ҳиҷрат карда, то охири умр дар шаҳрчаи Бадоун зиндагӣ кардааст. “Тӯтинома” асари ӯст. | **4)** Ибни Ямин |
| | **5)** Зиёуддини Нахшабӣ |

**22** **Муайян кунед, ки сухан дар бораи кадом адиб аст?**

| | |
|---|---|
| **A)** Дар Фарюмад таваллуд шудааст. Асосан қитъа сурудааст. | **1)** Убайди Зоконӣ |
| **B)** Дар наздикии Қазвин ба дунё омадааст. Асари “Ришнома” аз ӯст. | **2)** Камоли Хуҷандӣ |
| **C)** Номаш Шамсиддин Муҳаммад аст. Ҷёте дар пайравии ӯ ба олмонӣ ғазал гуфтааст. | **3)** Алишери Навоӣ |
| **D)** Солҳои охири умраш дар Табрез гузаштааст. Шоири ғазалсарост. | **4)** Ҳофизи Шерозӣ |
| | **5)** Ибни Ямин |

**23** **Мувофиқатро муайян кунед:**

| | |
|---|---|
| **A)** Унсурулмаолии Кайковус | **1)** “Лисон-ул-ғайб” |
| **B)** Носири Хусрав | **2)** “Ҳуҷҷати Хуросон” |
| **C)** Умари Хайём | **3)** пайрави Фирдавсӣ ва муаллифи “Гаршоспнома” |
| **D)** Асадии Тӯсӣ | **4)** рубоисаро ва мураттиби “Зичи маликшоҳӣ” |
| | **5)** амирзода ва нависандаи асари пандуахлоқӣ |

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**24** **Мувофиқатро муайян кунед:**

**A)** Муаллифи ин байт:
*Куфре чу мане газофу осон набувад,*
*Маҳкамтар аз имони ман имон набувад.*

**B)** Чунин гуфтааст:
*Салом кун зи ман, эй бод, мар Хуросонро,*
*Мар аҳли фазлу хирадро, на ому нодонро.*

**C)** Ин байт аз як рубоии ӯст:
*Гар як нафасат зи зиндагонӣ гузарад,*
*Магзор, ки ҷуз ба шодмонӣ гузарад.*

**D)** Муаллифи ин байт:
*Кошкӣ, андар ҷаҳон шаб нестӣ,*
*То маро ҳиҷрони он лаб нестӣ.*

**1)** Абумансури Дақиқӣ
**2)** Умари Хайём
**3)** Саноии Ғазнавӣ
**4)** Носири Хусрав
**5)** Абуалӣ ибни Сино

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**25** **Мувофиқатро муайян кунед:**

**A)** Муаллифи ин байт:
*Ҳамегуфтам, ки кай бошад,*
*ки хуррам рӯзгор ояд,*
*Ҷаҳон аз сар ҷавон гардад,*
*баҳори ғамгусор ояд.*

**B)** Чунин гуфтааст:
*Ғофил манишин, на вақти бозист,*
*Вақти ҳунар асту сарфарозист.*

**C)** Ин байт аз ӯст:
*Андар ин даврон маҷӯ роҳат,*
*ки кас осуда нест,*
*Табъи шодиҷӯй аз ғам як нафас*
*осуда нест.*

**D)** Муаллифи ин байт:
*Ду дӯст бо ҳам агар якдиланд*
*дар ҳама ҳол,*
*Ҳазор таънаи душман*
*ба ними ҷав нахаранд.*

**1)** Ибни Ямини Фарюмадӣ
**2)** Сайфи Фарғонӣ
**3)** Саноии Ғазнавӣ
**4)** Низомии Ганҷавӣ
**5)** Фаррухии Систонӣ

**26** **Муайян кунед, ки сухан дар бораи кадом адиб аст?**

**A)** Байти оғози қасидаи “Харобаҳои Мадоин”-и ӯ чунин аст:
*Ҳон, эй дили ибратбин, аз дида назар кун, ҳон,*
*Айвони Мадоинро оинаи ибрат дон.*

**B)** Асари “Мантиқ-ут-тайр”-и ӯ чунин оғоз мешавад:
*Марҳабо, эй Ҳудҳуди ҳодӣ шуда,*
*Дар ҳақиқат пайки ҳар водӣ шуда.*

**C)** Оғози қасидаи “Ашкҳои Хуросон”-и ӯ чунин аст:
*Ба Самарқанд агар бигзарӣ, эй боди саҳар,*
*Номаи аҳли Хуросон ба бари хоқон бар.*

**D)** Ин байт аз “Хамса”-и ӯст:
*Ҳадиси Хусраву Ширин ниҳон нест*
*В-аз он ширинтар, алҳақ, достон нест.*

**1)** Низомии Ганҷавӣ
**2)** Анварии Абевардӣ
**3)** Хоқонии Шервонӣ
**4)** Саъдии Шерозӣ
**5)** Аттори Нишопурӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**27** **Муайян кунед, ки сухан дар бораи кадом адиб меравад.**

**A)** Адиби барҷастаи асри 19, ки ба ситорашиносӣ ҳам машғул мешуд ва дар бораи кайҳон ва ситорашиносӣ чанд асар навиштааст.

**B)** Адибест, ки сафарҳои зиёд кардааст ва пас аз он ду асари арзишманди худро навиштааст. Ӯро “устоди ҳикмат” хондаанд.

**C)** Дар кӯдакӣ ҳамроҳи падараш тарки диёр намуда ба Осиёи Сағир меравад ва дар он ҷо то охири умр зиндагӣ ва эҷод мекунад.

**D)** Ӯ аввалин тазкиранигор дар адабиёти гузаштаи мост. Тазкираи “Лубоб-ул-албоб” ба ӯ тааллуқ дорад.

**1)** Ҷалолиддини Балхӣ
**2)** Муҳаммад Авфии Бухороӣ
**3)** Аҳмади Дониш
**4)** Амир Хусрави Деҳлавӣ
**5)** Саъдии Шерозӣ

**28** **Кӣ будани паҳлавонон – симоҳои “Достони Сӯҳроб”-ро муайян намоед:**

A) Сипаҳбади тӯронӣ, ки бо супориши Афросиёб нишони Рустамро аз Сӯҳроб ниҳон дошт.

B) Сипаҳбади эронӣ, ки бо номае аз Рустам ба назди Ковус рафт ва аз ӯ барои Сӯҳроб нӯшдору хост.

C) Сипаҳбади эронӣ, ки хост бо фармони Ковус дасти Рустамро баста ба назди ӯ барад.

D) Паҳлавони размдида, нигаҳбони Дижи сапед, ки барои кушта нашудани Рустам нишони ӯро аз Сӯҳроб ниҳон дошт

1) Гаждаҳам

2) Тӯс

3) Ҳумон

4) Гударз

5) Ҳаҷир

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**29** **Муайян намоед, ки Носири Хусрав дар байтҳои зерин ба кадом масъалаҳои вобаста ба зиндагӣ ва андешааш ишорат кардааст:**

A) Ашъори зуҳду панд басе гуфтааст,
Он тирачашм шоири равшанбин.

B) Зи Ҳуҷҷат ин суханҳо ёд медор,
Ки дар Юмгон нишаста подшаҳвор.

C) Надонад ҳолу кори ман ҷуз он кас,
Ки дунонаш кунанд аз хона берун.

D) Ман онам, ки дар пойи хукон нарезам,
Мар ин қиматӣ дурри лафзи дариро.

1) Шоири ҳаким дар ситоиш ва мадҳи ҳеҷ кадом аз амирони ҷоҳили вақт (ба забони тоҷикӣ) шеър нагуфтааст.

2) Ҳолати ногувори адиб, ки амирон ва муллоҳои ҷоҳил ӯро кофир эълон карда, аз Хуросон ронданд.

3) Шоири ҳаким ситоиш ва мадҳи касеро ҷоиз медонад, ки соҳиби ақлу ҳикмат, ҳиммату адл бошад.

4) Шоир дар миёни мардуми Бадахшон иззату эҳтиром ва қадру манзалати фавқулодае дошт.

5) Арҷгузории шоир ба шеъри Рӯдакӣ, ки шеъри ҳикмат аст.

**30** **Муайян намоед, ки Аттори Нишопурӣ дар байтҳои зерин чӣ гуфтан мехоҳад:**

**A)** Ҳар кӣ бо мардум насозад дар ҷаҳон,
Зиндагонӣ талх дорад ҷовидон.

**B)** Эй писар, кам гӯй бо мардум дурушт
В-ар бигӯӣ, бар ту гардонанд пушт.

**C)** Чун ҳадиси хуб гӯӣ бо фақир,
Беҳ бувад з-онаш, ки пӯшонӣ ҳарир.

**D)** Аз маломат то бимонӣ дар амон,
Бош доим ҳамнишин олимон.

**1)** Агар хоҳӣ, ки аз балоҳо дур бошӣ, ҳамсуҳбати донишмандон шав.

**2)** Бо одамон сухани бад магӯй, ки аз ту рӯй мегардонанд.

**3)** Бо бечорагон сухани нағз гуфтан беҳтар аз он аст, ки ба онҳо либоси зебое диҳӣ.

**4)** Хоҳӣ, ки номат ба накуӣ бубаранд, номи дигарон низ ба накуӣ бубар.

**5)** Бо одамон муросо накунӣ, рӯзгорат ҳамеша нохуш хоҳад шуд.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.nic.tj

**31** **Шарҳи муносиби байтҳои Низомии Ганҷавиро интихоб кунед.**

**A)** Ҷое, ки бузург боядат буд,
Фарзандии ман надорадат суд!

**B)** Мамлакат аз адл шавад пойдор,
Кори ту аз адли ту гирад қарор.

**C)** Ҳар кӣ дар ин хона шабе дод кард,
Хонаи фардои худ обод кард.

**D)** Як даста гули димоғпарвар
Аз сад хирман гиёҳ беҳтар!

**1)** Чунонки кишвар бо додгустарӣ устувор мемонад, амалҳои неки ту ҳам подоши хуб доранд.

**2)** Бояд бо ҳар касе мувофиқи фаҳму даркаш сухан бигӯӣ ва таҳаммулгаро бошӣ.

**3)** Барои зебо ва бокайфият шудани зиндагӣ миқдор муҳим нест, сатҳу сифат муҳим аст.

**4)** Бояд илму ҳунар омӯзӣ, ки аз ному обрӯи падарат ба ту фоидае нест.

**5)** Агар касе имрӯз кори нек анҷом медиҳад, натиҷаи он ҳатман ба ӯ бармегардад.

**32** **Сухан дар бораи кадом асари Абдурраҳмони Ҷомӣ меравад?**

| | | | |
|---|---|---|---|
| **A)** | Маънои луғавии асар “занҷирҳои тилоӣ” аст. Он аз се қисми калон иборат буда, дар тӯли 17 сол навишта шудааст. | **1)** | “Хираднномаи искандарӣ” |
| **B)** | Ин достон дар пайравии достонҳои Низомии Ганҷавӣ ва Хусрави Деҳлавӣ соли 1481 навишта шудааст. | **2)** | “Сабҳат-ул-аброр” |
| **C)** | Маънои луғавии он “донаҳои некӯкорон” аст. Дар ин асар ба масъалаҳои динию фалсафӣ аҳамият дода шудааст. | **3)** | “Юсуф ва Зулайхо” |
| **D)** | Ин асар охирин достони “Ҳафт авранг”-и шоир аст ва дар бораи шоҳи одил ва ҷомеаи хаёлӣ мебошад. | **4)** | “Туҳфат-ул-аҳрор” |
| | | **5)** | Силсилат-уз-заҳаб” |

**33** **Муайян намоед, ки сухан дар бораи кадом асари Абдурраҳмони Ҷомӣ меравад.**

| | | | |
|---|---|---|---|
| **A)** | Асари насрист, ки дар солҳои 1475-1477 таълиф шудааст. Дар он роҷеъ ба 616 нафар сӯфӣ маълумот дода шудааст. | **1)** | “Хираднномаи Искандарӣ” |
| **B)** | Дар пайравӣ аз “Гулистон”-и Саъдӣ навишта шудааст. Асар ба насри омехта бо назм таълиф гардида, аз ҳикояҳои хурд иборат аст. | **2)** | “Нафаҳот-ул-унс” |
| **C)** | Таълифи ин асар соли 1485 ба анҷом расидааст. Дар он симои таърихӣ асос қарор ёфта, шахсияти хирадманд, оқил, маърифатпарвар ва инсондӯст ба қалам дода шудааст. | **3)** | “Юсуф ва Зулайхо” |
| **D)** | Дар асоси қиссаҳои динӣ ва дар пайравии “Хусраву Ширин”-и Низомии Ганҷавӣ иншо гадидааст. Он соли 1483 ба анҷом расида, ба Ҳусайни Бойқаро бахшида шудааст. | **4)** | “Лайлию Маҷнун” |
| | | **5)** | “Баҳористон” |

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**34** **Мавзуи байтҳои Камоли Хуҷандиро муайян кунед:**

**A)** Ҳаргиз аз роҳи карам рӯзе напурсидӣ, ки чист?
Ҳоли зори мустаманди монда дур аз мо ғариб.

**B)** Навбаҳорон зи гулам рӯйи ту хуш меояд,
Ҳамаро боғу маро рӯйи ту хуш меояд.

**C)** Роҳ паймуд басе дар талаби дӯст, Камол,
Дӯст дар хонаву мо гирди ҷаҳон гардидем.

**D)** Камол аз подшаҳ дорад фароғат,
Ба вақти хеш ӯ ҳам подшоҳ аст.

**1)** тамаъ надоштани шоир

**2)** гузарон будани дунё

**3)** мусофирӣ ва дурӣ аз зодгоҳ

**4)** ишқу муҳаббати инсонӣ

**5)** надонистани қадри наздикон

**35** **Муайян намоед, ки Ҷалолиддини Балхӣ дар байтҳои зерин чӣ гуфтан мехоҳад:**

**A)** Ақл бо ақли дигар дуто шавад,
Нур афзун гашту раҳ пайдо шавад.

**B)** Рӯҳ бо илм асту бо ақл аст ёр,
Рӯҳро бо тозию туркӣ чӣ кор?

**C)** Дар ҷаҳон ҳар чиз чизе ҷазб кард,
Гарм гармиро кашиду сард сард.

**D)** Ман надидам дар ҷаҳони ҷустуҷӯ,
Ҳеч аҳлият беҳ аз хӯйи накӯ.

**1)** Ҳар кас бо одами мисли худаш дӯст мешавад.

**2)** Илму ақл марз надоранд.

**3)** Аз як сар ду сар беҳтар аст.

**4)** Ҳеч чизе беҳтар аз ахлоқи хуб нест.

**5)** Дӯсти ҳақиқӣ ҳангоми мусибат маълум мешавад.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**36** **Ба байтҳои Самандархоҷаи Тирмизӣ сухани муносибро интихоб кунед.**

**A)** Нишоти ҷавонон зи пирон маҷӯй,
Ки оби равон боз н-ояд ба ҷӯй.

**B)** Даруни хонаи худ ҳар гадо
шаҳаншоҳ аст,
Қадам берун манеҳ аз ҳадди
хешу султон бош.

**C)** Ҷалои ватан сахт бошад басе,
Куҷо оварад тоби ӯ  ҳар касе.

**D)** Чун неку бади ту бар ту
мегардад боз,
Бингар, ки чӣ кор мекунӣ
дар ҳақи хеш.

**1)** Андоза нигаҳ дор, ки андоза накӯст.

**2)** Ҳар коре вақти худро дорад.

**3)** Он чи ба худ намеписандӣ, ба дигарон маписанд.

**4)** Ғарибӣ кӯи сахт аст, эй бародар...

**5)** Фикри ҳар кас ба қадри ҳиммати ӯст.

**37** **Муайян намоед, ки суханони зерин ба кадом образи “Баҳориёт”-и Саййидои Насафӣ мансуб аст:**

**A)** Бо ҳар кӣ бингарам, ҷигараш об мешавад,
Аз мӯр камтаранд ба чашмам баҳодурон.

**B)** Тифлони ширмасти ман имрӯз шергир,
Хешони нотавони мананд аз ту комрон.

**C)** Рӯзе, ки офтоб ба гармӣ шавад алам,
Он рӯз эҳтиёҷ надорам ба соябон.

**D)** Азбаски дар миёнаи мардум мукаррамам,
Ҷоям ҳамеша ҳаст ба паҳлуи меҳмон.

**1)** гурба
**2)** саг
**3)** мӯрча
**4)** шер
**5)** сангпушт

**38** **Муайян намоед, ки Саъдии Шерозӣ дар байтҳои зерин чӣ гуфтан мехоҳад:**

**A)** То тавонӣ даруни
кас махрош,
К-андар он роҳ
хорҳо бошад.

**B)** Ду оқилро набошад
кину пайкор,
На доное ситезад
бо сабукбор.

**C)** Нагуфта надорад
касе бо ту кор,
Валекин чу гуфтӣ,
далелаш биёр!

**D)** Магӯ андуҳи хеш
бо душманон,
Ки “лоҳавл” гӯянд
шодикунон.

**1)** Ғаму дарди худро ба бадхоҳонат магӯй, ки хурсанд мешаванд.

**2)** Бикӯш, то касеро озор надиҳӣ, ки рӯзе ба сазои он бирасӣ.

**3)** Сухан нагуфтан беҳтар аст, агар гӯйӣ, асос пеш ор.

**4)** Бо мардум сухани нек гӯй, ки нек гуфтан муҳаббатро зиёда кунад.

**5)** Хирадмандон гиребони ҳамдигар нагиранд, бо нодонон низ тундӣ накунанд.

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**39** **Шарҳи муносиби байтҳои Соиби Табрезиро интихоб кунед:**

**A)** Шабнам ба офтоб расид
аз фитодагӣ,
Бингар, ки аз куҷо
ба куҷо метавон расид.

**B)** Даъвии дониш бувад, Соиб,
ба нодонӣ далел,
Ҳар кӣ нодон мешуморад
хешро, донотар аст.

**C)** Пок кун аз ғайбати мардум
даҳони хешро,
Эй ки аз мисвок доим
мекунӣ дандон сафед.

**D)** Ҳар киро теғи забон нест ба
фармон, Соиб,
Оқибат куштаи шамшери
забон мегардад.

**1)** Забони одами бадгуфтор охир сарашро бар бод медиҳад.

**2)** Илму дониш ба инсон қудрату тавоноӣ мебахшад.

**3)** Одами хоксор соҳиби обрӯю иззати зиёд мегардад.

**4)** Соҳибилм ҳеч гоҳ даъвои доноӣ намекунад.

**5)** Дар бораи дигарон набояд бо бадӣ сухан гуфт.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**40** **Мувофиқати байтҳои Шавкати Бухороиро бо зарбулмасал (мақол) муайян кунед:**

**A)** Ба бӯриёи ватан мекунам
шакархобӣ,
Ба махмали сияҳи Ҳинд
хоби роҳат нест.

**B)** Дар шоми ғами хеш маро
субҳи умед аст,
Гар нақши нигин тира бувад,
ном сафед аст.

**C)** Ба ҳар кас во макун банд
аз забони арзи матлабҳо,
Ба дандони тамаъ зинҳор
макшо уқдаи лабҳо.

**D)** Ба гетӣ то ба кай маҳбус бошӣ,
сайри олам кун,
Бувад як ҷо нишастан то камар
зери замин будан.

**1)** Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад.

**2)** Сафар мураббии мард асту устоди ҳунар.

**3)** Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар.

**4)** Аз паси ҳар гиря охир хандаест...

**5)** Ҷони нодон дар азоб аст.

**41** **Муайян намоед, ки шахсони зерин дар “Гуштоспнома”-и Дақиқӣ ба сифати кӣ муаррифӣ шудаанд:**

**A)** Гуштосп
**B)** Арҷосп
**C)** Зардушт
**D)** Ҷомосп

**1)** соҳиби тахти Эронзамин
**2)** сари мубадон, ситорашиноси гаронмоя
**3)** оварандаи оини дини беҳӣ
**4)** сардори сипоҳиёни Эрон
**5)** турконхидев, солори туркони Чин

**42** **Байтҳои зерин бо кадом зарбулмасалу мақолҳо ҳаммаъноянд?**

**A)** Ин масал андар
замона ҷонӣ аст,
Ҷони нодонон
ба ранҷ арзонӣ аст.
(Ҷалолиддини Балхӣ)

**B)** Ақл аст, ки бунёди
шараф маҳкам аз ӯст,
Афзунии ҳурмати банӣ
одам аз ӯст.
(Аз “Дастур-ул-мулук”)

**C)** Ақл қувват гирад
аз ақли дигар,
Найшакар комил шавад
аз найшакар.
(Ҷалолиддини Балхӣ)

**D)** Агар оқил бувад
хасми ту, беҳтар,
Ки бо нодон
шавӣ ёру бародар.
(Аз “Анвори Суҳайлӣ”)

**1)** Ба оқил як ишора бас.
**2)** Ақлҳо мар ақлро ёрӣ диҳад.
**3)** Душмани доно беҳ аз дӯсти нодон.
**4)** Бузургӣ ба ақл аст, на ба сол.
**5)** Ҷони нодон дар азоб.

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**43** **Муайян намоед, ки Камолиддини Биноӣ дар байтҳои зерин ба кадом масъалаҳо ишорат кардааст:**

**A)** Ҳар кӣ шуд ҳамнишини
шуъла чу дуд,
Шуъла дар вай гирифта
бинӣ зуд.

**B)** Нек бо бад макун, ки дармонӣ,
Абадуддаҳр дар зарар монӣ.

**C)** Соҳиби илм ҳар куҷо бошад,
Ҳама кораш ба муддао бошад.

**D)** Гарчи ҳарфи накӯ
ҳунар бошад,
Дар камаш лутфи
бештар бошад.

**1)** Ҳарчанд сухани хуб гуфтан ҳунари писандида аст, аммо камсуханӣ писандидатар аст.

**2)** Донишманд дар ҳар куҷо, ки бошад, зиндагиаш хуб ва корҳояш бар муроди ӯ хоҳанд буд.

**3)** Дар посухи кори нек бадӣ кардан, натиҷаи бениҳоят нохуб хоҳад дошт.

**4)** Ҳар касе, ки бо одамони бад ҳамнишин мешавад, таъсири бади онҳо ҳатман ба ӯ хоҳад расид.

**5)** Дар сухан гуфтан ҳамеша андеша бояд кард, оҳиставу ором сухан бояд гуфт.

**44** **Муайян намоед, ки Камолиддини Биноӣ дар байтҳои зерин ба кадом масъалаҳо ишорат кардааст:**

**A)** Кас, ки бо нокасон
қарин шуд, рафт,
Хас, ки бо шуъла
ҳамнишин шуд, рафт.

**B)** Накунӣ хоҷа ёрии золим
В-ар кунӣ, кай гузорадат солим?!

**C)** Тарки ин аблаҳони нодон гӯй,
В-арна аз ҷони хеш даст бишӯй.

**D)** Бо бузурге, ки илм ёр шавад,
Дар бузургӣ яке ҳазор шавад.

**1)** Кумак кардан ба ситампешагон зарар бар худи инсон аст.

**2)** Ҳар касе бо одамони бад ҳамнишин мешавад, таъсири бади онҳо ҳатман ба ӯ хоҳад расид.

**3)** Одамӣ ҳарчӣ бештар илм омӯзад, олимартабаю боманзалаттар хоҳад шуд.

**4)** Дӯстӣ бо ҷоҳилон ва дурӣ наҷустан аз онҳо нохушиҳоро дар пай дорад.

**5)** Одамон аз омӯхтани ҳунар ба инсоният ва шарофат хоҳанд расид.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**45** **Муайян намоед, ки Камолиддини Биноӣ дар байтҳои зерин ба кадом масъалаҳо ишорат кардааст:**

**A)** Чун ба гургон рафиқ гардад меш,
Оқибат дар фано ниҳад тани хеш.

**B)** Буд он хирс боғбонро дӯст,
Гарчи нодон ба дӯстӣ на накӯст.

**C)** Гуфт Кисро: ”Яқин, ки ҳеч самар
Набувад  ҳамчу илм ҷонпарвар”.

**D)** Сухани хуш зи ҳар чӣ марғуб аст,
Шеваи ихтисор матлуб аст.

**1)** Дар олам ҳеч чизи муфидтару арзишмандтар аз илм вуҷуд надорад.

**2)** Сухани хуш ҳамеша писандида аст, агарчи тӯлонӣ ва зиёд ҳам бошад.

**3)** Ҳар касе, ки бо инсонҳои бад дӯст шавад, худро нобуд хоҳад кард.

**4)** Ҳарчанд сухани хуш писандида аст, аммо кӯтоҳбаёнӣ писандидатар аст.

**5)** Дӯстӣ бо инсонҳои ҷоҳил кори оқилона ва дуруст нест.

**46** **Муайян намоед, ки Камолиддини Биноӣ дар байтҳои зерин чӣ гуфтан мехоҳад:**

**A)** Мухтасар гӯ, каломи тӯл гузор,
Арз манзур кун, фузул гузор.

**B)** Ҳар кӣ моил ба май чу ҷом шавад,
Шак маёвар, ки талхком шавад.

**C)** Гар шудӣ тоҷ мӯҷиби эъзоз,
Ном будӣ хурӯсро шаҳбоз.

**D)** Умр аз каф ба ройгон надиҳӣ,
Ройгон ганҷи шойгон надиҳӣ

**1)** Сухан бисёр дону андаке гӯй!

**2)** Иззату бузургӣ аз мансабу сарват вобаста нест.

**3)** Ҳаёти инсон ганҷро мемонад ва қадри онро надонистан аз рӯйи хирад нест.

**4)** Шаробнӯшӣ инсонро ба пастӣ мебарад.

**5)** Тоҷу тахт мӯҷиби иззату икроми инсон мегардад.

**47** **Муайян намоед, ки асарҳои дар сутуни чап додашуда аз рӯйи мавзуъ ва мазмун бо кадом асарҳои сутуни рост монанд аст?**

**A)** “Кони неъмат ва хони лаззат”-и
Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ

**B)** “Бадоеъ-ус-саноеъ”-и
Шамсиддини Шоҳин

**C)** “Савонеҳ-ул-масолик”-и
Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ

**D)** “Музҳикот”-и
Абдул-қодирхоҷаи Савдо

**1)** “Сафарнома”-и
Носири Хусрав

**2)** “Ахлоқ-ул-ашроф”-и
Убайди Зоконӣ

**3)** “Канз-ул-иштиҳо”-и
Абуисҳоқи Атъима

**4)** “Шаҳрошӯб”-и
Саййидои Насафӣ

**5)** “Наводир-ул-вақоеъ”-и
Аҳмади Дониш

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**48** **Байтҳои зерини Амир Хусрави Деҳлавӣ кадом маъниҳоро бозгӯӣ мекунанд?**

**A)** Раҳ ба сӯи хеш надҳад
мидҳату дашномро,
Ҳар кӣ хоҳад дар ҷаҳон
бо роҳати афзун бувад.

**B)** Агар ба табъ карам мекунӣ,
бидон, ки сахост
В-агар зи баҳри накугуфти
мардумон, исроф.

**C)** Аз ҳусн нафис нест мардум,
Аз ҷавҳари мардумӣ нафис аст.

**D)** Нек дорӣ чу фурӯдастонро,
Бад надоранд забардастонат.

**1)** Агар нахоҳӣ, ки ба ту бад расад, ба зердастон некӣ кун.

**2)** Бахшишу ато агар барои он бошад, ки туро таъриф кунанд, харҷи беҳуда аст ва агар одатат ин аст, караму ҷавонмардист.

**3)** Зебоиву хубии инсон дар сират аст, на дар сурат.

**4)** Инсони бомаърифат фирефтаи таърифу нороҳат аз мазамматидигарон намешавад.

**5)** Шахсоне, ки зиндагии роҳату осуда доранд, таърифро дӯст медоранд.

**49** **Муайян кунед, ки Амир Хусрави Деҳлавӣ дар байтҳои зерин ба кадом масъалаҳо ишорат кардааст:**

**A)** Аз гуфтани мадҳ дил бимирад,
Шеър арчи тару фасеҳ бошад.

**B)** Ҳар кас ба зулм кардан
омӯхта шуд,
Аз новаки мазлум дилаш
дӯхта шуд.

**C)** Чандин тамаъу ҳирс дар обу
гили ту,
В-охир ба дили хоки сияҳ
манзили ту.

**D)** Нони ҷаву оби ҷаҳу кунҷе холӣ,
Ё раб, ки чи зиндагонии
хуш дорем.

**1)** Зиёдахоҳию чашмгурус-нагӣ ба инсон манфиате надорад.

**2)** Қаноат ва ризо сарчашмаи осудагӣ ва оромиши хотир аст.

**3)** Гуфтани ашъори ситоишӣ истеъдоди шоирро мекушад.

**4)** Касе, ки ба ситам кардан одат мекунад, амон нахоҳад ёфт.

**5)** Инсони воқеӣ хайрхоҳу заҳматкашу хоксор мешавад.

РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj

**50** **Муайян кунед, ки Муҳаммад Авфии Бухорӣ дар байтҳои зерин ба кадом масъалаҳо ишорат кардааст:**

**A)** Суҳбати аблаҳон чун деги тиҳист,
Андарун холию бурун сияҳист.

**B)** Агар сад кӯҳ бояд канд фӯлод,
Забун бошад ба дасти одамизод.

**C)** Ҳарчанд, ки бар бисоти шатранҷи ҳунар,
Имрӯз шаҳам, пиёда мебояд рафт.

**D)** Бад макуну бад маяндеш, то бадат н-ояд пеш.
Некӣ куну нек андеш, то некӣ бинӣ беш.

**1)** Ҳарчи корӣ, ҳамон бидаравӣ.

**2)** Дар донишу савод аз ҳама пешам, аммо аз дорой бенасибам.

**3)** Ботаҳаммул будан дар зиндагӣ бузургтарин саодат аст.

**4)** Гуфтугӯ бо нодонҳо ба ҷуз тирагӣ натиҷае надорад.

**5)** Инсон бо қувваи бозую ақлаш корҳои бузургро иҷро хоҳад кард.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**51** **Муайян кунед, ки Зиёуддини Нахшабӣ дар байтҳои зерин ба кадом масъалаҳо ишорат кардааст:**

**A)** Нахшабӣ, зулм бадтарин чиз аст,
Аз ситам синаҳо кабоб шавад.

**B)** Нахшабӣ, нест бе ҷазо амале,
Чанд бошӣ ту дар ризои бадӣ?!

**C)** Ҳар ки бо хонае кунад зулме,
Хонааш оқибат хароб шавад.

**D)** Ҳар ки бад мекунад, ҳамеёбад
Ҳам ба дунёи дун ҷазои бадӣ.

**1)** Ҳар кори хубу баде подоши шоистаи худро дорад.

**2)** Муҷозоти кори зишт дар ҳамин олам дода мешавад.

**3)** Дӯстию рафоқат боиси ободии зиндагӣ ва ризои хотир мегардад.

**4)** Ҳар касе зиндагии дигаронро вайрон мекунад, зиндагиаш обод намемонад.

**5)** Манфуртарин кори дунё ситамгорист.

**52** **Дар байтҳои зерини Саноии Ғазнавӣ ба кадом масъалаҳо ишорат шудааст?**

**A)** Қолаби фарзанди одам озро
манзил шудаст,
Андуҳи бешию пастӣ тира
кард айёмро.

**B)** Чун аз ӯ адлу беғамӣ набувад.
Худ чи султон, ки одамӣ набувад.

**C)** Аз хирад хоҷа шав, ки санги сапед,
Лаъл шуд зери домани хуршед.

**D)** Гар бебаргӣ ба марг молад гӯшам,
Озодиро ба бандагӣ нафрӯшам.

**1)** Истиқлолу худмухторӣ дар ҳар ҳолате беҳтар аз ғуломист.

**2)** Беҳтарин сарвар он аст, ки одилу додгар бошад.

**3)** Аксари мушкилоти инсон аз ҳирсу зиёдахоҳиаш аст.

**4)** Меҳрубонӣ ва нармӣ сарчашмаи ҳалли мушкилот аст.

**5)** Баланд шудани мартабаи инсон вобаста ба ақл аст.

**53** **Дар байтҳои зерини Саноии Ғазнавӣ ба кадом масъалаҳо ишорат шудааст?**

**A)** Равғани ҷон зи адли шоҳ бувад,
Мулки беадл барги коҳ бувад.

**B)** Ҳарчанд бувад мардуми доно дарвеш,
Сад раҳ бувад аз тавонгари нодон беш.

**C)** Масали шаҳ сару раият тан,
Ҳар ду аз якдигар фузуд саман.

**D)** Манишин бо бадон, ки суҳбати бад,
Гарчи покӣ, туро палид кунад.

**1)** Фақири доно чандин дараҷа беҳтар аз нодони доро аст.

**2)** Роҳбар бо мардум зинда аст ва мардум бо роҳбарашон.

**3)** Ҳамнишинӣ бо инсонҳои нохуб таъсири ҷиддӣ хоҳад дошт.

**4)** Зиндагӣ дар кишвари безулму ситам мояи хушбахтии инсон аст.

**5)** Осоиши зиндагӣ дар талошу ҳаракат барои пешрафт аст.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**54** **Дар байтҳои зерини Абдурраҳмони Ҷомӣ ба кадом масъалаҳо ишорат шудааст?**

**A)** Дилат аз оз бипардоз, ки ҳаст
Моҳӣ аз оз гирифтор ба шаст.

**B)** Сухан бетааммул кам афтад савоб,
Забонро инон аз хато бозтоб.

**C)** Ба кор ор илме, ки омӯхтӣ,
Макуш машъалеро, ки афрӯхтӣ.

**D)** Ба ҳар кас рахи ошноӣ мапӯй,
Зи ҳар ошно рӯшноӣ маҷӯй.

**1)** Ҳамеша бояд фикр кард, баъд ҳарф зад.

**2)** Омӯхтаҳоро бояд дар амал татбиқ кард.

**3)** Қалбе, ки аз ҳирс пок бошад, осуда аст.

**4)** Ҳар инсоне сазовори ситоишу таҳсин нест.

**5)** Бо ҳар фарде набояд ҳамнишинию дӯстӣ кард.

**55** **Дар байтҳои зерини Абдурраҳмони Ҷомӣ ба кадом масъалаҳо ишора шудааст?**

**A)** Забонро чӣ дорӣ ба гуфтан гарав,
Зи ҳар сӯ кушо гӯши ҳикматшунав.

**B)** Ба ҳар кас рахи ошноӣ мапӯй,
Зи ҳар ошно рӯшноӣ маҷӯй!

**C)** Ранҷи ҳамдард кӣ донад? Ҳамдард.
Шарҳи он ҳаст ба бедардон сард.

**D)** Чун бубинӣ зи ошно айбе,
Гар ба бегонагон нагӯӣ беҳ.

**1)** Вақте ки дар дӯсте камбудеро мебинӣ, набояд дар бораи он бо дигарон суҳбат кунӣ.

**2)** Ба зиёд гуфтан машғул мабош ва бештар ба шунидани суханҳои пурмаънӣ кӯшиш кун.

**3)** Агар мехоҳӣ дар мавриди чизе бо дигарон машварат кунӣ, фақат бо одамони ботаҷриба маслиҳат кун.

**4)** Ғами инсонро фақат касоне мефаҳманд, ки онҳо низ ғамеро аз сар гузаронида бошанд.

**5)** Бо ҳар фарде дӯст нашав ва аз ҳар дӯсте ҳам машварат напурс.

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**56** **Дар байтҳои зерини Абдурраҳмони Ҷомӣ ба кадом масъалаҳо ишорат шудааст?**

**A)** Хамӯшӣ бувад давлати эзадӣ,
Далели ҳунармандию бихрадӣ.

**B)** Чашм бар лағзиши ёрон мафикан,
Ба маломат дили эшон машикан!

**C)** Ҷид макун дар хусумати бисёр,
Андаке рӯйи оштӣ бигзор.

**D)** Ҳамчу дида ба сӯи хеш мабин,
Хешро аз дигарон беш мабин.

**1)** Дар душманӣ бисёр ҷиддӣ набош ва дари сулҳро боз бигузор.

**2)** Барои расидан ба саодат танҳо як роҳ вуҷуд дорад ва он роҳи саводу дониш аст.

**3)** Худбин набош ва инчунин ҳаргиз худатро аз дигарон болотар нагузор.

**4)** Айбу нақси дӯстонро нодида гир ва онҳоро барои хатоҳояшон сарзаниш накун.

**5)** Кам сухан гуфтан неъмати инсон ва далели огоҳию донои ӯст.

**57** **Дар байтҳои зерини Абдурраҳмони Ҷомӣ ба кадом масъалаҳо ишорат шудааст?**

**A)** Зи бисёрдонон фаросат гувост,
Ки бисёргӯй аз фазилат ҷудост.

**B)** Он кас, ки чу гул дурӯй бошад,
Дар вай зи вафо чӣ бӯй бошад?

**C)** Макун ваъда в-агар кардӣ, вафо кун,
Тариқи бевафоиро раҳо кун.

**D)** Бувад маълуми ҳар озоду банда,
Ки нодон мурдаву доност зинда.

**1)** Ҳама медонанд, ки ному ёди инсонҳои огоҳу донишманд ҳамеша зинда хоҳад буд.

**2)** Ба касе чизе қавл надеҳ, агар додӣ, ҳатман иҷро намо ва аз одамони бадаҳд набош.

**3)** Барои расидан ба ҳадафҳоят бояд талош кунӣ. Муваффақият ба касе аз осмон намерасад.

**4)** Инсони пурҳарф аз донишу хирад дур ва шахси донишманд бофаҳму дарк аст.

**5)** Касе, ки шахсияти ягона надорад, дар ӯ аз садоқату вафо ҳам нишоне нест.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**58** **Дар байтҳои зерини Абдурраҳмони Ҷомӣ ба кадом масъалаҳо ишорат шудааст?**

**A)** Макун ҳамнишинӣ ба ҳар бадсиришт,
Ки duздад аз ӯ табъи ту хӯи зишт.

**B)** Макун ин ҳама фикри дуру дароз
Пайи он чи набвад ба онат ниёз.

**C)** Чу бо ту шавад муддаӣ сахтгӯй,
Ба ҷуз роҳи ҳилму мудоро мапӯй.

**D)** Кӯҳи ҳар ранҷ, ки дар роҳ бувад,
Пеши муштоқ кам аз коҳ бувад.

**1)** Дар бораи чизе, ки бароят зарур нест, андешаи бисёр накун.

**2)** Бо инсони дағал баробар нашав ва бо нармию муросо ӯро аз худ дур кун.

**3)** Касоне, ки бо китоб ҳамнишин ҳастанд, инсонҳои беҳтарини олам хоҳанд шуд.

**4)** Бо инсонҳои бадзот муошират накун, ки аз сифатҳои бади онҳо асар хоҳӣ пазируфт.

**5)** Инсони шавқманд барои расидан ба ҳадафҳояш ҳамаи сахтиҳоро тай мекунад ва ҳеч чиз монеи ӯ нахоҳад шуд.

РОЙГОН! Дарсомонаи www.ntc.tj

**59** **Дар байтҳои зерини Абдурраҳмони Ҷомӣ ба кадом масъалаҳо ишорат шудааст?**

**A)** Чӣ хуш гуфт деҳқони софӣ зи ранг,
Ки ангур гирад зи ангур ранг.

**B)** Беҳ афтад ба ҳар ҳол дурӣ туро
Зи фикре, ки набвад зарурӣ туро.

**C)** Ба ҳар кас раҳи чарбу нармӣ сипар,
Манеҳ пой чун шамъ аз ин раҳ бадар.

**D)** Меваи мақсуд кай орад дарахт,
То накунад пой ба як ҷой сахт.

**1)** Бо ҳама бо меҳрубонию луфт муносибат кун ва аз ин роҳ берун машав.

**2)** То вақте ки сабр накунӣ ва сахтиҳоро пушти сар нагузорӣ, ба ҳадафҳоят нахоҳӣ расид.

**3)** Он гуна, ки кишоварзи одӣ гуфтааст, ҳар чизе аз ҳамнавъи худаш таъсир мепазирад.

**4)** Дар ҳеч коре зиёдаравӣ набояд кард ва беҳтар аст андозаро нигоҳ дорем.

**5)** Беҳтар аст аз афкоре, ки бароят лозим нестанд, дурӣ кунӣ.

**60** **Дар байтҳои зерини Абдурраҳмони Ҷомӣ ба кадом масъалаҳо ишорат шудааст?**

**A)** Бале, мева зи мева ранг гирад,
Зи хубон хубрӯ хубӣ пазирад.

**B)** Дастранҷи ту ҳалол аст туро,
Ғайри он ранҷу вубол аст туро.

**C)** Ғазабро бар оташ зан аз ҳилм об,
Макун бар баду неки гетӣ шитоб.

**D)** Шавқ агар қоиди роҳат нашавад,
Каъбаи васл паноҳат нашавад.

**1)** Хашмро бо таҳаммулу нармӣ хомӯш кун ва дар хубу нохуби олам оҳиста бош.

**2)** Агар хоҳишу иштиёқи зиёдро ҳамроҳ надошта бошӣ, наметавонӣ ба мурోду мақсадҳои некат бирасӣ.

**3)** Бояд номусу шарофат дошта бошӣ ва аз ҳосили заҳмати бозуи худ нони дастархони худро муҳайё кунӣ.

**4)** Дар сухан гуфтан боандеша бош ва паҳлуҳои гуногуни ҳар калимаро баркашида, баъд онро баён кун.

**5)** Ҳар чизе аз ҳамнавъи худаш асар мепазирад ва инсони нек аз некон некӣ меомӯзад.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**61** **Муайян кунед, ки Абулқосими Фирдавсӣ ба кадом масъалаҳо ишорат кардааст:**

**A)** Бузургӣ саросар ба гуфтор нест,
Дусад гуфта чун ними кирдор нест.

**B)** Макун дӯстӣ бо дурӯғгӯзмой,
Ҳамон низ бо марди нопокрой.

**C)** Ба гетӣ намонад ба ҷуз номи нек,
Ҳар он кас, ки хоҳад саранҷоми нек.

**D)** Басе ранҷ бурдам дар ин сол сӣ,
Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ.

**1)** Бо инсонҳои газофагӯй набояд ҳамнишин буд.

**2)** “Шоҳнома” дар муддати тӯлонӣ ва барои эҳёи миллат навишта шуд.

**3)** Асарҳои бузург боиси ифтихору сарбаландии миллатанд.

**4)** Дар олам бояд ному ёди хуб боқӣ гузорем.

**5)** Бартарии инсон аз рӯи амалаш аст, на суханаш.

**62** **Муайян кунед, ки Абулқосими Фирдавсӣ ба кадом масъалаҳо ишорат кардааст:**

**A)** Хирад зиндаи ҷовидонӣ шинос,
Хирад мояи зиндагонӣ шинос.

**B)** Ба фардо намон кори имрӯзро.
Бари тахт маншон бадомӯзро.

**C)** Ба гетӣ беҳ аз ростӣ пеша нест,
Зи каҷжӣ батар ҳеч андеша нест.

**D)** Зи абёти ғарро ду раҳ сӣ ҳазор,
Мар он ҷумла дар шеваи корзор.

**1)** Ҳар амал бояд дар вақташ анҷом дода шавад.

**2)** "Шоҳнома" иборат аз шаст ҳазор байт ва достонҳои қаҳрамонист.

**3)** Беҳтарин асар он аст, ки дар бораи қаҳрамонҳо бошад.

**4)** Асоси ҳастии инсон илму дониш аст.

**5)** Дурусткорӣ беҳтарин равиши зиндагист.

**63** **Муайян кунед, ки Абулқосими Фирдавсӣ ба кадом масъалаҳо ишорат кардааст:**

**A)** Набошад касе дар ҷаҳон пойдор,
Ҳама номи некӯ бувад ёдгор.

**B)** Нигар, то чӣ корӣ, ҳамон бидравӣ,
Сухан ҳар чӣ гӯӣ, ҳамон бишнавӣ.

**C)** Ба анбарфурӯшон агар бигзарӣ,
Шавад ҷомаи ту ҳама анбарӣ.

**D)** Ниёгони мо номдорон буданд,
Ба даҳр-андарун тоҷдорон буданд.

**1)** Ҳар амале аксуламали муносиби худро дорад.

**2)** Тафаккури ту аз ҳамнишинонат хеле вобаста аст.

**3)** Гузаштагонамон афроди бузург буданд, бояд пайрави шоистаи онҳо бошем.

**4)** Барои анҷоми ҳар коре бояд аввал маслиҳати бузургонро гирӣ.

**5)** Ба ҷуз номи хуб чизе дар олам боқӣ намемонад.

**64** **Мувофиқати байт ва зарбулмасал (мақол)-ро муайян кунед:**

**A)** Саги асҳоби Каҳф рӯзе чанд
Пайи некон гирифту мардум шуд.
Саъдии Шерозӣ

**B)** Кӯйи навмедӣ марав, уммедҳост,
Сӯйи торикӣ марав, хуршедҳост.
Ҷалолиддини Балхӣ

**C)** Сухандони парварда пири куҳан,
Биандешад, он гаҳ бигӯяд сухан.
Саъдии Шерозӣ

**D)** Ба манзил расид, он ки гӯянда буд,
Беҳӣ ёфт он кас, ки ҷӯянда буд.
Абулқосим Фирдавсӣ

**1)** Ҷӯянда ёбанда аст.

**2)** Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад.

**3)** Аз паси ҳар гиря охир хандаест...

**4)** Бо моҳ шинӣ, моҳ шавӣ...

**5)** Ҷони нодон дар азоб аст.

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**65** **Мавзуи ашъори Абуабдуллоҳи Рӯдакиро муайян кунед:**

A) Мурд Муродӣ, на ҳамоно ки мурд,
Марги чунин хоҷа на корест хурд.

B) Маро бисуду фурӯ рехт ҳар чӣ дандон буд,
Набуд дандон, ло бал чароғи тобон буд.

C) Ман он-ч мадҳи ту гӯям,
дуруст бошаду рост,
Маро ба кор наояд сирешиму кайло.

D) Зиҳӣ фузуда ҷамоли ту зебу ороро,
Шикаста сунбули зулфи ту мушки сороро.

1) марсия

2) васф

3) шарҳи ҳол

4) панду андарз

5) ишқу муҳаббат

**66** **Маънои байтҳои зерини Ҷалолиддини Балхиро муайян намоед:**

A) Бедор шав, эй дил,
ки ҷаҳон мегузарад,
В-ин мояи умр ройгон
мегузарад.

B) Покиза шаву рост бизӣ,
илм омӯз,
То тоҷи наберагони
Олам бошӣ.

C) Биё, то қадри
якдигар бидонем,
Ки то ногаҳ
зи якдигар намонем.

D) Тавофи Каъбаи дил кун,
агар диле дорӣ,
Дил аст Каъбаи маънӣ, ту
гил чӣ пиндорӣ!

1) Бикӯш, то дили дигаронро ба даст орӣ, ки дили инсонҳо хонаи маънавии Худост.

2) Равони инсон бо илму хирад пайваст аст ва онро бо нажоду миллат коре нест.

3) Бедору ҳушёр бош ва ҳар лаҳзаи зиндагиро ғанимат шумор ва аз он ба дурустӣ истифода намо.

4) Покизагию ростӣ ва илму дониш боиси азизу арҷманд гардидани инсон мешавад.

5) Бояд ба қадри якдигар расему ҳамаро азизу гиромӣ дорем, зеро инсонҳо умри даргузар доранд.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**67** **Дар кадом жанри адабӣ навишта шудани асарҳоро муайян намоед:**

A) “Разми Исфандиёр бо Рустам”-и Абулқосими Фирдавсӣ

B) “Модари май”-и Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

C) “Арабу Аҷам”-и Асадии Тӯсӣ

D) “Шикоят аз пирӣ”-и Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

1) достони паҳлавонӣ

2) қасидаи мунозира

3) достони таърихӣ

4) қасидаи ҳолия

5) қасидаи мадҳия

**68** **Муайян намоед, ки Саъдии Шерозӣ дар байтҳои зерин чӣ гуфтан мехоҳад:**

**A)** Чу як бор гуфтӣ, магӯ бозпас,
Ки ҳалво чу як бор хӯрданд, бас.

**B)** Аз суҳбати дӯсте ба ранҷам,
К-ахлоқи бадам ҳасан намояд.

**C)** Агар ман ноҷавонмардам ба кирдор,
Ту бар ман чун ҷавонмардон гузар кун.

**D)** Магӯ андуҳи хеш бо душманон,
Ки “лоҳавл” гӯянд шодикунон.

**1)** Ҳамеша бахшандагиро пешаи худ кун ва кинаи касеро ба дил нагир.

**2)** Ғаму дарди худро ба бадхоҳонат магӯй, ки хурсанд мешаванд.

**3)** Бо мардум сухани нек гӯй, ки нек гуфтан муҳаббатро зиёда кунад.

**4)** Аз рафиқе, ки ахлоқи бадамро хуб нишон медиҳад, норохат мешавам.

**5)** Аз такрори беҳудаи як сухан парҳез кун.

**69** **Муайян намоед, ки сухан дар бораи кадом асари Убайди Зоконӣ меравад:**

**A)** Ин асар бачагона буда, ба назм иншо гардидааст. Дар оғози достон адиб гуфтааст:

Ҷони ман, панд гир аз ин қисса,

Ки шавӣ дар замона шодоно...

**B)** Асари мазкур соли 1340 иншо гардида, мавзуи он нишон додани рафтору кирдори асилзодагон аст. Он аз 7 боб иборат аст. Ҳар боб як бахше аз ахлоқро фаро мегирад.

**C)** Ин асар маҷмуи ҳикоёту латифаҳои Убайди Зоконист. Мавзуи ҳикоёту латоиф гуногун аст. Дар он лаҳзаҳои мухталифи ҳаёти нависанда низ инъикос ёфтааст.

**D)** Аз даҳ боб иборат аст ва он бо номи “Таърифот” ҳам ёд мешавад. Ҳар боб доир ба масъалае баҳс мекунад. Нависанда истилоҳотро мувофиқи унвони боб ва тибқи ҷаҳонбинӣ ва мақсади худ шарҳу тавзеҳ додааст.

**1)** “Ахлоқ-ул-ашроф”

**2)** “Даҳфасл”

**3)** “Садпанд”

**4)** “Мушу гурба”

**5)** “Дилкушо”

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**70** **Мувофиқати байт ва шарҳи онро муайян намоед:**

| | |
|---|---|
| **A)** Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад,<br>Ба дониш дили пир барно бувад.<br>Абулқосими Фирдавсӣ | **1)** Фақат омӯхтани илм муҳим аст, на амал, зеро аз як даст ҳам садо меояд. |
| **B)** Хуш бувад, илм бо амал пайваст,<br>Ки садо барнахезад аз як даст.<br>Камолиддини Биноӣ | **2)** Аввал бояд забони модарии худро хуб омӯзем, он гоҳ ёд гирифтани забонҳои дигар осон мегардад. |
| **C)** Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,<br>Шавад тира аз бехирад рӯзгор.<br>Абдурраҳмони Ҷомӣ | **3)** Илми омӯхта бояд дар амал татбиқ шавад, в-агарна омӯхтани он беҳуда аст. |
| **D)** Ҳар кас ба забони худ<br>сухандон гардад,<br>Донистани сад забон-ш<br>осон гардад.<br>Аҷзии Самарқандӣ | **4)** Сабаби равшании олам омӯзгор аст ва бе ӯ ҷаҳон торик мегардад. |
| | **5)** Илму дониш инсонро ҷавон нигоҳ медорад ва ба ӯ қудрату тавоноӣ мебахшад. |

**71** **Муайян намоед, ки сухан дар бораи кадом адиб аст?**

| | |
|---|---|
| **A)** Ӯ аз табақаи ҳунармандон буда, асари “Баҳориёт”-ро навиштааст. | **1)** Аҳмади Дониш |
| **B)** Адиби ҳаҷвнавис ва мутоибагӯ буда, асари “Даҳ фасл” ба ӯ мансуб аст. | **2)** Носири Хусрав |
| **C)** Шеъри ӯ саршор аз ҳикмат ва фалсафа аст. Дар бораи сафарҳояш китоберо навиштааст. | **3)** Камоли Хуҷандӣ |
| **D)** Донишманд ва адибест, ки як асари муҳиммаш боиси бедории фикрии қишри китобхони ҷомеа гардид. | **4)** Убайди Зоконӣ |
| | **5)** Сайидои Насафӣ |

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**72** **Аз рӯи мазмуни порчаҳои насрӣ муайян кунед, ки он аз кадом асар аст?**

**A)** Ва ба донистани розе, ки тааллуқ ба неку бади ту надорад, рағбат манамо ва ҷуз бо худ бо кас рози хеш магӯй. Агар бигӯйӣ, он суханро аз он пас роз махон.

**B)** Афлотунро гуфтанд: -Чӣ гӯӣ, ки ҳаргиз ғамгин набошӣ?

Гуфт: - Дил дар чизе набандам, ки аз дасти ман биравад.

**C)** Қозизода аз он пеш ба Ҳирот наёмада буд ва аз ҷумла Ҷомиро намешинохт. Дар хаёли ӯ Ҷомӣ монанди уламои бузурги он замон дар зери ҷомаҳои пурқимат ва дастори бузург ҷилва менамуд.

**D)** Гуфтам: - Аз ҷавонон чӣ беҳтар ва аз пирон чӣ некӯтар?

Гуфт: - Аз ҷавонон шарму далерӣ ва аз пирон донишу оҳистагӣ.

**1)** “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ

**2)** “Сафарнома”-и Носири Хусрав

**3)** “Зафарнома”-и Абуалӣ ибни Сино

**4)** “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус

**5)** “Ҷомеъ-ул-ҳикоёт”-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**73** **Муайян кунед, ки сухан дар бораи кадом китоби Аҳмади Дониш аст:**

**A)** Ин асар дар бораи ситорашиносист, ки муаллиф онро ба яке аз дӯстонаш бахшидааст.

**B)** Дар ин асар дар бораи кайҳон маълумоти нодири илмӣ медиҳад.

**C)** Ин асар доир ба масъалаҳои муҳимми сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқӣ аз нигоҳи шариат аст.

**D)** Ин асар, ки дар бедории фикрии аҳолии Бухоро саҳми бузург дорад, ҳосили заҳмати 15-солаи муаллиф аст.

**1)** “Меъёр-ул-тадайюн”

**2)** “Наводир-ул-вақоеъ”

**3)** “Манозир-ул-кавокиб”

**4)** “Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития”

**5)** “Рисола фӣ аъмол-ил-кура”

**74** **Мавзуи асарҳои Садриддин Айниро муайян кунед:**

**A)** “Одина”
**B)** “Ғуломон”
**C)** “Марги судхӯр”
**D)** “Ёддоштҳо”

**1)** тасвири шахсият ва рӯзгори як мумсики гузаро дар Бухоро
**2)** тасвири муборизаи халқи тоҷик бар зидди истилогарони аҷнабӣ
**3)** тасвири ҳаёти як авлоду се насл дар ҷараёни воқеаҳои таърихии садсола
**4)** тасвири ҳаёти тоҷикони кӯҳистон дар ибтидои асри XX
**5)** баёни хотираҳо ва саргузашти нависанда аз кӯдакӣ то ҷавонӣ

**75** **Мавзуи шеърҳои Пайрав Сулаймониро муайян кунед:**

**A)** “Фироқнома”
**B)** “Асира ё худ исён”
**C)** “Ба тахтнишин”
**D)** “Тахти хунин”

**1)** рӯзгори занон ва мавқеи иҷтимоии онҳо
**2)** мазаммати зулму истибдод ва поймолкунандагони ҳуқуқи инсон
**3)** манзараҳои истибдоди охирин амири Бухоро
**4)** васфи маҳбуба ва тасвири ҳолати ногувори ошиқ
**5)** ёди рӯзгори гузашта ва даврони зебои ҷавонӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**76** **Муайян намоед, ки ин асарҳоро кӣ ба тоҷикӣ тарҷума кардааст?**

**A)** “Модар”-и М. Горкий, “Дон Кихот”-и Сервантес
**B)** “Отелло” ва “Ромео ва Ҷулетта”-и Шекспир
**C)** “Раъду барқ”-и Н. Островский, “Афсонаи ишқ”-и Нозим Ҳикмат
**D)** “Ҷамила” ва “Дуроҳаи бӯронӣ”-и Чингиз Айтматов

**1)** Раҳим Ҷалил
**2)** Ҷалол Икромӣ
**3)** Сотим Улуғзода
**4)** Абулқосим Лоҳутӣ
**5)** Фазлиддин Муҳаммадиев

**77** **Сухан дар бораи кадом образи “Шӯроб”-и Раҳим Ҷалил меравад:**

| | | | |
|---|---|---|---|
| **A)** | Симои назаррасу хотирмони роман аст. Ӯ дорои қувваи азими ҷисмист. | **1)** | Александров |
| **B)** | Дар симои ӯ образи беҳтари мардони тоҷик тасвир ёфтааст. Дар кӯдакӣ аз падараш – Ҳакимбек ҳунар ёд мегирад ва аз Пётр забони русӣ меомӯзад. | **2)** | Ҳидоят |
| **C)** | Фарзанди ширфурӯши деҳотӣ аст ва дар назди Любов Василевна шогирд истода, касби табибиро аз худ мекунад. | **3)** | Давлат |
| **D)** | Шахси ҷисман ғафсу ботинан пуч аст. Соҳиби кони ангишт буда, муфтхӯру бадахлоқ, бевиҷдону фиребгар аст. | **4)** | Акбар |
| | | **5)** | Хол |

**78** **Мавзуи шеърҳои Абулқосим Лоҳутиро муайян кунед:**

| | | | |
|---|---|---|---|
| **A)** | “Шамъу парвона” | **1)** | танқиди сиёсати мустамликадорӣ |
| **B)** | “Ё ҳар ду” | **2)** | накӯҳиши даврони гузашта ва ситоиши ҳаёти нав |
| **C)** | “Шарқ” | **3)** | тасвири ватандорони мубориз ва ишқи онҳо ба ватан ба таври рамзӣ |
| **D)** | “Кремл” | **4)** | танқиди одамони коргурез ва танбал |
| | | **5)** | сабабҳои харобии кишвар ва манфиатҷӯиҳои вакилону вазирони давр |

**79** **Мавзуи асарҳои Сотим Улуғзодаро муайян намоед:**

| | | | |
|---|---|---|---|
| **A)** | “Ёрони боҳиммат” | **1)** | мубориза гузаштагони халқи тоҷик бар зидди истилогарони араб |
| **B)** | “Ривояти суғдӣ” | **2)** | муборизаи адолатхоҳонаи мардуми кӯҳистони тоҷик бар зидди зулму ситами манғитиён ва гумоштагони онҳо |
| **C)** | “Фирдавсӣ” | **3)** | воқеаҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ҳаёт дар ақибгоҳ |
| **D)** | “Восеъ” | **4)** | ҳаёту фаъолият, ватанпарастию хештаншиносии як ҳакими ҳақҷӯву ростгӯ |
| | | **5)** | моҷарои падару писар (дар Ҳиндустон) ва ҳифзи ватан |

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**80** **Муайян намоед, ки сухан дар бораи кадом достони Мирзо Турсунзода меравад:**

**A)** Калонтарин асари дар мавзуи Ҷанги Бузурги Ватанӣ навиштаи Мирзо Турсунзода аст. Дар ёздаҳ боби достон Қодир, падари ӯ, Саодат, Микола ва Марина амал мекунанд.

**B)** Дар чор боби ин достон тақдири таърихии табақаи меҳнатии аҳолӣ дар солҳои 20-30-юми садаи XX ба тасвир омадааст. Дар баробари образи асосӣ образҳои дигар чун Садаф, Иван Кузмич, раиси колхоз ва Турсунзодаи донишҷӯ дар ҳалли мавзуъ ва мундариҷаи асар саҳми муносиб доранд.

**C)** Ин достон дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода мавқеи муҳим дорад. Барои достони мазкур адиб соли 1963 Ҷоизаи адабии ба номи Рӯдакиро сазовор шудааст. Достони лирикӣ буда, қаҳрамони лирикӣ дар шахси шоир амал мекунад.

**D)** Достон соли 1957 ба хотираи абадии устод Айнӣ бахшида шудааст. Дар он ду воқеа: ба дунё омадани тифл дар оилаи шоир ва мулоқоти ӯ бо устод Айнӣ дар чор боби достон – “Интизорӣ”, “Мулоқоти якум”, “Мулоқоти дуюм”, “Дар боғ” тасвир гардидааст.

**1)** “Чароғи абадӣ”

**2)** “Аз Ганг то Кремл”

**3)** “Ҳасани аробакаш”

**4)** “Писари Ватан”

**5)** “Ҷони ширин”

**81** **Муайян намоед, ки масъалаҳои зерин дар кадом асар таҳлилу баррасӣ шудаанд:**

**A)** Маънавиёти баланди падарон, пайванди наслҳо ва талош ба муқобили муфтхӯрию ҳаромкорӣ

**B)** Ҳаёт ва фаъолияти Ҳунарманди халқии ҶШС Тоҷикистон Туҳфа Фозилова

**C)** Воқеаҳои таърихии Бухорои ибтидои асри XX ва рӯзгори душвори занони тоҷик дар ин давра

**D)** Мухолифати табақавии мардуми тоҷик дар солҳои бистуму сиюми асри XX, зиндагии фоҷиабори онҳое, ки бо Ҳукумати Шӯравӣ муросо карда натавонистанд

**1)** “Одамони куҳна”-и Фазлиддин Муҳаммадиев

**2)** “Духтари оташ”-и Ҷалол Икромӣ

**3)** “Ситораҳои сари танӯр”-и Сайф Раҳимзоди Афардӣ

**4)** “Гули бодом” -и Ҷалол Икромӣ

**5)** “Се рӯзи як баҳор”-и Саттор Турсун

РОЙГОН. Дар сомонаи www.ntc.tj

**82** **Муайян намоед, ки масъалаҳои зерин дар кадом асар таҳлилу баррасӣ шудаанд:**

A) тасвири симои ҳақиқии мутафаккирон ва суханварони гузаштаи тоҷик

B) вазифа ва уҳдадроиҳои муқаддаси инсон, ситоиши хислатҳои ҳамида ва мазаммати манфиатталабию судхӯрӣ

C) ободии кишвар, бомаърифат гардонидани мардум, омӯхтани илмҳои гуногун ба туфайли омӯхтани забони русӣ

D) кӯшишу ғайрат, обёрии заминҳо ва ободкорӣ, таълиму тарбия, омӯхтани илму дониш

1) “Қасидаи бузургон”-и Нақибхони Туғрал

2) “Ҷӯйи Бекобод”-и Тошхӯҷаи Асирӣ

3) “Миръоти ибрат”-и Аҷзии Самарқандӣ

4) “Дабистони ибрат”-и Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ

5) “Бурҳони Асирӣ”-и Тошхӯҷаи Асирӣ

**83** **Образи занонро аз романи “Духтари оташ”-и Ҷалол Икромӣ муайян намоед**:

A) Фирӯза

B) Дилором-каниз

C) Шамсия

D) Оймуллои Танбӯр

1) Бойдухтари даҳанкалону ҳавобаланд, бо ҳар баҳона занону духтарони даргоҳи падарашро таҳқир менамуд.

2) Духтари зираку шоиртабъ, вале ноком.

3) Хизматгори боёну мансабдорон, вале такягоҳу ёрирасони бечорагон, боирода, дар гуфтани сухани ҳақ ҷасур.

4) Зани ҳалиму меҳрубон, мураббӣ ва тарбиятгар, шогирдонашро чун фарзанд азиз медорад.

5) Канизи Ғаниҷонбой, меҳнати вазнин ва муносибатҳои дағал дар ин даргоҳ дар ӯ хислатҳои сарбаландӣ, кордонӣ ва ҳақталоширо бедор кард.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**84** **Муайян намоед, ки маълумоти додашуда дар бораи кадом шеъри Мирзо Турсунзода аст:**

**A)** Дар ин шеър хислати модари тоҷик, ки ба серфарзандӣ майл дораду ҳангоми тӯйи арӯсии фарзанд беихтиёр ашки шодӣ мерезад, табиӣ ва самимӣ ба қалам омадааст.

**B)** Ин шеър баёнгари ишқи озод аст. Шоир бо васфи хислатҳои наҷиби пирмард савол мегузорад, ки оё чунин падар ба ишқи озоди духтари ягонааш муқобил баромада метавонад?

**C)** Дар ин шеър қувваи беҳамтои зан, ки ҳам тифлро ба воя мерасонаду ҳам дунёро обод мекунад, бо рамз тасвир шудааст. Шеър дар маҷмуъ як ҳикмати машҳури Наполеонро ба хотир меорад.

**D)** Дар ин шеър тамоми хислатҳои офарандагӣ ва созандагии Зан-Модар ҳунармандона ва ҷолиб ба тасвир омадааст.

**1)** “Дили модар”

**2)** “Хайр, модари азиз”

**3)** “Дил дили Зайнаб”

**4)** “Дасти модар”

**5)** “Зан агар оташ намешуд”

**85** **Муайян намоед, ки маълумоти додашуда дар бораи кадом асари Мирсаид Миршакар аст:**

**A)** Асар дар асоси афсонаи халқӣ, дар шакли монолог аз забони пири суханваре, ки баъди азобу машаққат ҳаёти хушбахтона насибаш шудааст, эҷод гардидааст.

**B)** Асар хусусияти тарҷумаиҳолӣ дорад, ки дар он саёҳати якрӯзаи шоир ба сохтмони Вахш тасвир ёфтааст.

**C)** Мундариҷаи асар дар асоси сафари гурӯҳи бачагони Бадахшон ба Маскав, ки шоир роҳбари онҳо буд, фароҳам омадааст.

**D)** Асар ба давраи охири ҳаёту фаъолияти шоир ва ҳакими асри XI-и тоҷик Носири Хусрав бахшида шудааст.

**1)** “Исёни хирад”

**2)** “Қишлоқи тиллоӣ”

**3)** “Ливои зафар”

**4)** “Ленин дар Помир”

**5)** “Мо аз Помир омадем”

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**86** **Муайян намоед, ки Садриддин Айнӣ бо тасвирҳои образнок киҳо ва чиҳоро дар назар дорад:**

| | |
|---|---|
| **A)** рӯбоҳи шаҳрӣ | **1)** намуди зоҳирии Мирзоҳӯҷаи ноиб |
| **B)** гургони саҳроӣ | **2)** Қориишкамба |
| **C)** шикамбаи холикардаташудаи шутур | **3)** судхӯрони деҳот |
| **D)** магасони гӯштхӯр, ки бачагони бешумор мезоянд | **4)** маблағҳои рӯз ба рӯз дар афзоиши Қориишкамба |
| | **5)** намуди зоҳирии Қориисмат |

**87** **Муайян намоед, ки сухан дар бораи кадом асари Садриддин Айнӣ меравад.**

| | |
|---|---|
| **A)** Ин қисса бори нахуст бо номи “Саргузашти як тоҷики камбағал” дар рӯзномаи “Овози тоҷик” (1924-1925) ба табъ расидааст. | **1)** “Дохунда” |
| **B)** Қаҳрамонҳои асосии асар Ёдгор ва Гулнор мебошанд. Симои Ёдгор ҳамчун фарди мубориз ва фаъол тасвир шудааст. | **2)** “Одина” |
| **C)** Асар аз панҷ қисм иборат буда, воқеаҳои он асосан дар зодгоҳи худи нависанда – ноҳияи Ғиждувони Бухоро мегузаранд. | **3)** “Марги судхӯр” |
| **D)** Қаҳрамони асар шахси хасису пулпараст буда, қуллаи баландтарини фаъолияти ҳаҷвнигории муаллиф дар он зоҳир гаштааст. | **4)** “Ғуломон” |
| | **5)** “Ёддоштҳо” |

**88** **Муайян намоед, ки сухан дар бораи кадом асари Садриддин Айнӣ аст:**

| | |
|---|---|
| **A)** Аввалин қиссаи реалистии тоҷик аст. Нависанда дар ин асар ҳаёти тоҷикони кӯҳистонро дар ибтидои асри XX тасвир мекунад. | **1)** “Ғуломон” |
| **B)** Воқеаҳои асар асосан дар зодгоҳи нависанда мегузаранд. Аз ин рӯ, муаллиф гуфтааст: “Барои ман навиштани ин китоби арзишнок осон буд”. | **2)** “Ёддоштҳо” |
| **C)** Ҳаёти як табақаи манфиатпарасти ҷомеаи Бухоро дар охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX | **3)** “Исёни Муқаннаъ” |
| **D)** Охирин ва бузургтарин асари нависанда мебошад. Он дар муддати сол-ҳои 1948-1954 ба табъ расидааст. | **4)** “Одина” |
| | **5)** “Марги судхӯр” |

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**89** **Мувофиқатро муайян намоед:**

**A)** “Субҳи ҷавонии мо”-и Сотим Улуғзода

**B)** “Фарёди бефарёдрас”-и Лоиқ Шералӣ

**C)** “Шӯроб”-и Раҳим Ҷалил

**D)** “Ман гунаҳгорам”-и Ҷалол Икромӣ

**1)** Ин маҷмуа асосан шеърҳои дар замони ҷанги шаҳрвандӣ навиштаи шоирро фаро мегирад.

**2)** Ин асар рӯзгор ва фаъолияти табақаи коргари тоҷикро дар ду давраи иҷтимоӣ дар бар мегирад.

**3)** Қиссаи тарҷумаиҳолӣ буда, соли 1954 ба табъ расидааст.

**4)** Асар дар бораи ҳаёту фаъолият, ватанпарастиву хештаншиносии як ҳакими ҳақҷӯву ростгӯ мебошад.

**5)** Асар ба зиндагии зиёиёни тоҷик дар деҳот ва муносибати иҷтимоию ахлоқии онҳо бахшида шудааст.

Ройгон! Дар сомонаи www.ntc.tj

**90** **Муайян намоед, ки сухан дар бораи кадом симои романи “Дар орзуи падар”-и Кароматуллоҳи Мирзо меравад:**

**A)** Раҳмдил ва боадаб аст, падарашро бисёр дӯст медорад ва кӯшиш мекунад, ки ӯро аз вартаи ҳалокат наҷот диҳад.

**B)** Дар корҳои ҷамъиятӣ ва фарҳангӣ фаъол аст, ҳама ӯро эҳтиром мекунанд, вале дар зиндагии оилавӣ муваффақ намешавад.

**C)** Шуҳратталаб, булҳавас, мағрур ва камандеша аст. Аз шароб дил када наметавонад, аммо фарзандонашро дӯст медорад.

**D)** Бародар ва падарашро хеле дӯст медорад, аммо аз сабаби хурдсол буданаш зиёдтар бо модараш зиндагӣ мекунад.

**1)** Мижгон

**2)** Мавлонзода

**3)** Меҳрубон

**4)** Мушарраф

**5)** Нозимӣ

**91** **Масъалаҳоеро, ки дар шеърҳои Мирзо Турсунзода ба миён гузошта шудаанд, муайян намоед:**

**A)** “Дил дили Зайнаб”

**B)** “Ошёни баланд”

**C)** “Ток ва замин”

**D)** “Хайр, модари азиз”

**1)** дифои шарафу шаъни Ватан вазифаи ҳар фарзанди сазовори падару модар аст

**2)** зан бо қувваи беҳамтояш метавонад дар ободии ҷаҳон ва бахти сокинони сайёра саҳм бигирад

**3)** муносибати падару фарзанд ва ишқи озод, ки зуҳуроти ахлоқи нав буд

**4)** муносибати фард ва ҷомеа, ки агар фард ба ҷомеа вафодор бошад, аз офатҳои зиндагӣ эмин буда метавонад

**5)** расидан ба дастовардҳои нави зиндагӣ дар заминаи суннатҳои миллӣ ва анъанаҳои неки падарон

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**92** **Муайян намоед, ки сухан дар бораи кадом симои қиссаи “Парронҷакҳо”-и Абдулҳамид Самад меравад:**

**A)** Аз падару модар барвақт маҳрум монда, дар хонаи бачаҳо тарбия ёфтааст. Хоксору бомулоҳиза ва ширинзабон аст.

**B)** Донишҷӯи фаъолу меҳнатдӯст ва ҳақталош аст, бинобар ин қисса аз забони ӯ нақл карда мешавад.

**C)** Рӯзгордида буда, зану фарзанд дорад ва миёни донишҷӯёни дигар чун дӯсти ботаҷриба эътироф шудааст.

**D)** Ба донишҷӯ монанд нест ва моҳияти зиндагиро танҳо дар зару зевар, сару либос ва айшу ишрат медонад.

**1)** Раҳматшоҳ

**2)** Наим

**3)** Насим

**4)** Гулсоро

**5)** Латофат

**93** **Муайян намоед, ки сухан дар бораи кадом асар меравад:**

**A)** Нахустромани нависанда дар бораи кишоварзон ва пешрафти ҷамъият аст. Қаҳрамони асар, собиқ ҷанговар, Нуралӣ Баротов вазифадор мешавад, ки колхози ақибмондаро ба колхози пешқадам табдил диҳад.

**B)** Муаллиф дар ин роман одамони риёкор, дудила ва мунофикро ҳадафи танқид қарор дода, ба онҳо қаҳрамонони мусбати пурсубот, шуҷоъ ва қавииродаро муқобил мегузорад. Дар муборизаи шадиди неку бад ниҳоят макру адоват сӯхта нобуд мегардад.

**C)** Ин асар зиндагии мардуми тоҷикро дар давоми беш аз як аср (1824-1933) фаро мегирад. Симоҳо дар роман ба мақсади муътамадии таҳқиқи реалистӣ дар асоси прототипҳо ва неруи тахайюли бадеӣ офарида шудаанд.

**D)** Нависанда ба муҳит, рафтору амалиёти одамон аз назари Ҳасани 13-сола менигарад ва баҳо медиҳад. Ҳасан кӯдаки мушоҳидакор ва орзупарвар тасвир ёфтааст.

**1)** “Ғуломон”-и Садриддин Айнӣ

**2)** “Вафо”-и Фотеҳ Ниёзӣ

**3)** “Тобистон”-и Пӯлод Толис

**4)** “Зоғҳои бадмур”-и Ҷалол Икромӣ

**5)** "Навобод"-и Сотим Улуғзода

**94** **Муайян кунед, ки сухан дар бораи кадом симоҳои романи “Восеъ” меравад:**

**A)** Писархонд ва баъдҳо домоди Восеъ аст. Покию росткорӣ, шавқу завқи ҷавонӣ, далерию чобукӣ ва ҷуръату кордонии ин ҷавон хонандаро ба ваҷд меорад.

**B)** Ҷавони кӯҳистониест, ки дар шаҳр таҳсил карда, илмҳои гуногун ва ҳунарҳои заргарӣ, наққошӣ, муҳрканӣ, хаттотиро аз худ кардааст. Баъдтар дар ӯ инқилоби фикрӣ пайдо мешавад.

**C)** Образи манфӣ аст. Барои пайдо намудани Восеъ бо одамони амир ҳамкорӣ мекунад. Бо дурӯғ ва қасам ҷойи пинҳоншудаи Восеъро пайдо мекунад.

**D)** Зоҳиран нозебо ва ботинан нопок аст ва ба ҳар ҷое, ки қадам гузорад, он ҷо ба вайрона табдил меёбад. Бо Назири сайёд хонадор шуда, ӯро хонахароб мекунад.

**1)** Ҳоҷӣ Яъқуб

**2)** Ризо

**3)** Мирзо-акрамбой

**4)** Марзия

**5)** Мулло-сафар

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**95** **Сухан дар бораи кадом достони Муъмин Қаноат меравад?**

| | |
|---|---|
| **A)** Асар маҳсули сафари шоир ба Украина (1962) аст. Аз қисматҳои оғоз, ҳашт фасл ва анҷом иборат аст. | **1)** “Падар” |
| **B)** Ин достон асари иҷтимоии таърихӣ буда, дар он таърихи сохтмони истгоҳи барқии Норак ва зиндагии гузаштаву кунунии мардумонаш тасвир шудааст. | **2)** “Китобҳои захмин” |
| **C)** Достон аз ҳафт фасли беунвон иборат буда, воқеаҳои солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар он тасвир шудааст. | **3)** “Достони оташ” |
| **D)** Мавзуи достон воқеаҳои таърихии ибти-дои асри 20 дар макони таваллуди шоир – деҳаи Курговад ва атрофи он мебошад. | **4)** “Ситораи Исмат” |
| | **5)** “Мавҷҳои Днепр” |

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**96** **Муаллифи асарҳоро муайян кунед:**

| | |
|---|---|
| **A)** “Лангар”, “Туву хубиву раъноӣ”, “Пайи дарё” | **1)** Гулназар Келдӣ |
| **B)** “Аз ёдҳо, аз ёдҳо”, “Падруду пайғом”, “Доғҳои офтоб” | **2)** Абдулҳамид Самад |
| **C)** “Косаи давр”, “Майдон”, “Гардиши девбод” | **3)** Кароматуллоҳи Мирзо |
| **D)** “Нишони зиндагӣ”, “Ситораи умед”, “Маҷрои зиндагӣ” | **4)** Сайф Раҳимзоди Афардӣ |
| | **5)** Саттор Турсун |

**97** **Муаллифи асарҳоро муайян кунед:**

| | |
|---|---|
| **A)** “Оташбарг”, “Пайванд”, “Гули хор” | **1)** Меҳмон Бахтӣ |
| **B)** “Нӯшбод”, “Соҳилҳо”, “Офтобборон” | **2)** Бозор Собир |
| **C)** “Бӯйи баҳор”, “Хаёли ширин”, “Оҳи сабук” | **3)** Муъмин Қаноат |
| **D)** “Ситораҳои замин”, “Достони оташ”, “Корвони нур” | **4)** Мирсаид Миршакар |
| | **5)** Лоиқ Шералӣ |

**98** **Муаллифи асарҳоро муайян кунед:**

| | |
|---|---|
| **A)** “Расми сарбозӣ”, “Дастархон”, “Нардбон” | **1)** Мирсаид Миршакар |
| **B)** “Писари Ватан”, “Чаманистон”, “Аз Ганг то Кремл” | **2)** Мирзо Турсунзода |
| **C)** “Аввалу охири ишқ”, “Ҷоми саршор” “Ману дарё”, | **3)** Гулназар Келдӣ |
| **D)** “Баҳори ҷавонӣ”, “Калиди бахт”, “Исёни хирад” | **4)** Бозор Собир |
| | **5)** Лоиқ Шералӣ |

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**99** **Муаллифи асарҳоро муайян кунед:**

| | |
|---|---|
| **A)** “Ситораи Исмат”, “Корвони нур” | **1)** Лоиқ Шералӣ |
| **B)** “Хоки Ватан”, “Соҳилҳо” | **2)** Меҳмон Бахтӣ |
| **C)** “Эҳ, ҷавонӣ, ҷавонӣ”, “Захми забон” | **3)** Бозор Собир |
| **D)** “Пайванд”, “Гули хор” | **4)** Мирсаид Миршакар |
| | **5)** Муъмин Қаноат |

**100** **Мавзуи асарҳои Ҷалол Икромиро муайян кунед:**

**A)** “Қаҳрамони канори Днепр”

**B)** “Гули бодом”

**C)** “Зоғҳои бадмур”

**D)** “Духтари оташ”

**1)** воқеаҳои солҳои сиюми асри XX, муборизаҳои синфӣ

**2)** корнамоиҳои Домуллоҷон Азизов дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ

**3)** ҳаёт ва фаъолияти шахсияти номдор Миралӣ Маҳмадалиев

**4)** зиндагии душвори зани тоҷик дар ибтидои асри XX

**5)** ҳаёт ва фаъолияти ҳунарманди машҳур Тухфа Фозилова

**101** **Мавзуи асарҳои Абдулҳамид Самадро муайян кунед:**

**A)** Дар ин асар зиндагӣ, фаъолият ва шахсияти донишҷӯёни мактабҳои олӣ мавриди тасвир қарор гирифтааст.

**B)** Дар ин ҳикоя суст шудани пайвандҳои оилавӣ ва хешутабориро самимӣ нишон додааст.

**C)** Дар ин қисса ба воситаи ҷузъиёти пурзарофат характери мардуми деҳот ҳунармандона офарида шудааст.

**D)** Дар қисса масъалаҳои худшиносӣ ва ҳимоя намудани шарафи инсонӣ тасвир шудааст.

**1)** “Мурофиа”

**2)** “Баъд аз сари падар”

**3)** “Паррончакҳо”

**4)** “Ҷони одам”

**5)** “Сарлашкар”

Дар ройгон! Дар сомонаи www.ntc.tj

**1** **Дар кадом шакли гуфтор аз жанрҳои адабиёти шифоҳӣ фикр ва матлаби муайян пинҳон аст?**

**A)** чистон

**B)** афсона

**C)** мақол

**D)** рубоӣ

**2** **Аз рӯйи матн (аз афсонаи “Эраҷи тилисмшикан”) хулосаи дурустро муайян кунед:** ***“Ӯ аспро пеш ронда, бо рикоб чунон зад, ки ду пои пеши аспи Эраҷ ба китфи фили дев баробар шуд, пас бо шамшери “Ҷонситон” бо зарб ба даҳони Ҳенгил зад, ки сараш ҳазор газ парида рафт... Се бародари Ҳенгил якбора ба Эраҷ ҳуҷум оварданд... Эраҷ бо чобукӣ ба яке аз онҳо ҳамла бурда, найзаро аз дасти вай гирифт ва ба синаи дев зад.”*****?**

**A)** Ба воситаи чунин муболиғаҳо қиёфаи дев баднамо ва худаш бениҳоят зӯр тасвир карда мешавад.

**B)** Ба воситаи чунин муболиғаҳо ҷасорат ва қаҳрамониҳои симои мусбат равшантар нишон дода мешавад.

**C)** Ба воситаи тасвири муболиғанок симои дев дар назари хонанда бадҳайбат нишон дода мешавад.

**D)** Ба воситаи тасвири муболиғанок дев дар баробари симои мусбат ҷасур ва тавоно нишон дода мешавад.

**3** **Натиҷаи ҳамлаи Исмоили Сафавӣ ба Хуросон дар соли 1512.**

**A)** парокандагии қувваҳои илмию адабӣ, рӯ ба Мовароуннаҳр овардани онҳо

**B)** рушди ҳавзаҳои илмию адабӣ дар Хуросон, зиёд гардидани қувваҳои эҷодӣ

**C)** нуфуз пайдо кардани ҳавзаи илмию адабии Ҳирот, рушди тазкиранависӣ

**D)** хотима ёфтани низоъҳои мазҳабӣ дар қаламрави Хуросону Мовароуннаҳр

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**4** **Намунаи барҷастаи насри адабиёти давраи қадим, ки дар шакли пурсишу посух танзим гардидааст.**

**A)** “Сафарнома”-и Носири Хусрав

**B)** “Андарзнома”-и Бузургмеҳри Бухтагон

**C)** “Корномаи Балх”-и Саноии Ғазнавӣ

**D)** “Корномаи Ардашери Бобакон”

**5** **Санъати бадеӣ, ки калимаҳо дар наср дар фосилаҳои муайян бо ҳам ҳамрадиф, ҳамқофия ва ҳамвазн гардидаанд:**

**A)** талмеҳ

**B)** маҷоз

**C)** муболиға

**D)** саҷъ

**6** **Дар ҷумлаи зерин кадом санъати бадеӣ истифода шудааст:**

***“Маликзодаеро шунидам, ки кӯтоҳ буду ҳақир ва дигар бародаронаш баланду хубрӯй”?*** Саъдии Шерозӣ

**A)** тавсиф

**B)** истиора

**C)** ҳашв

**D)** илтифот

**7** **Дар кадом асари Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ амир Насри II Сомонӣ ба моҳ ва сарв ташбеҳ дода шудааст?**

**A)** маснавии “Синдбоднома”

**B)** қасидаи “Модари май”

**C)** қасидаи “Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён”

**D)** қасидаи “Шикоят аз пирӣ”

**8** **Кадом асар хазинаи панд ва намунаи барҷастаи насри мусаҷҷаъ аст?**

**A)** “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ

**B)** “Ҷомеъ-ул-ҳикоёт”-и Авфии Бухороӣ

**C)** “Даҳ фасл”-и Убайди Зоконӣ

**D)** “Тӯтинома”-и Зиёуддини Нахшабӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**9** **Кадом сухан дар бораи “Баҳориёт”-и Саййидои Насафӣ дуруст аст?**

**A)** Дар пайравӣ ба “Гулистон”-и Саъдӣ навишта шудааст.

**B)** Намунаи асари бадеист доир ба фаъолияти аҳли ҳунар.

**C)** Намунаи комили асари тамсилӣ-мунозиравӣ аст.

**D)** Асари адабист доир ба мунозираи мушу гурба.

**10** **Кадом байти Камолиддини Биноӣ бо байти зерини Абдурраҳмони Ҷомӣ ҳаммаъност?**

***Сухан гарчи бошад чу оби зулол,***
***Зи такрор хезад ғубори малол.***

**A)** Ҳарфи неку агарчи дур(р) гӯйӣ,
Некӣ аз вай равад, чу пур гӯйӣ.

**B)** Ҳар кӣ гӯяд сухан зи ҳад берун,
Шак маёвар, ки ҳаст аҳли ҷунун.

**C)** Дилат аввал сухан қарор диҳад,
Баъд аз он бар забон гузор диҳад.

**D)** Эй писар, дар сухан тааммул кун,
Баду неки сухан тахайюл кун.

**11** **Аз рӯйи байти зерини Абуяъқуби Хурраймӣ муҳтавои эҷодиёташро муайян намоед:**

***Ман марде аз озодагони Суғдам,***
***Рангу пӯстам аз нажоди поки эронист.***

**A)** омода намудани замина барои истиқлоли фарҳангӣ

**B)** барқарор кардани истиқлоли маънавию сиёсӣ

**C)** ифтихор аз аслу насаб ва гузаштаи ватан

**D)** ҳифзу эҳёи дороиҳои фарҳангу адаби тоисломӣ

**12** **Кадом байти Кисоии Марвазӣ сухани Абуабдуллоҳи Рӯдакиро аз дигар гаштани аҳволаш дар овони пирӣ: тира шудани рӯйи ба сони дебо, сафед шудани мӯйи ба сони қир ва хам задани қомат (*вақти асову анбон буд*) ба хотир меорад?**

**A)** Сутурвор парешон гузаштам ҳама умр,
Ки бардагаштаи фарзандаму асири аёл.

**B)** Дареғи фарри ҷавонӣ, дареғи умри латиф,
Дареғи сурати неку, дареғи ҳусну ҷамол!

**C)** Куҷо шуд он ҳама хубӣ, куҷо шуд он ҳама ишқ,
Куҷо шуд он ҳама неру, куҷо шуд он ҳама ҳол?!

**D)** Сарам ба гунаи шир асту дил ба гунаи қир,
Рухам ба гунаи нил асту тан ба гунаи нол.

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**13** **Дар кадом байти Шамсиддини Шоҳин ситамгории амири Бухорову атрофиёнаш ва ба шахсони зулмпеша мансаб додани онҳо таъкид шудааст?**

**A)** Ду-се рӯз ҷӯёи эҳсон шудам,
Сарояндаи мадҳи дунон шудам.

**B)** Зи моли ятимон ситонанд боҷ,
Ба қуттоъи тамғо бибахшанд тоҷ.

**C)** Маро шиква поён надорад гузор,
Ки худ шиква баҳре бувад беканор.

**D)** Аз ин қавм уммеди ёрӣ хатост,
Ки аз душман уммедворӣ хатост.

**14** **Зиёуддини Нахшабӣ дар қитъаи зерин ба кадом хусусияти осори насрии худ ишора намудааст?**

***Ба насри хеш соҳибнасри лоиқ***
***Раво бошад, ки орад назми ҳар кас.***
***Валекин ман наовардам дар ин наср***
***Зи саъйи килки худ назми дигар кас.***

**A)** Нахшабӣ насри худро аз насри дигарон беҳтар медонад.

**B)** Нахшабӣ дар эҷоди наср анъанаи нависандагони пешинро тағйир надодааст.

**C)** Нахшабӣ дар осори насриаш аз назм истифода накардааст.

**D)** Нахшабӣ дар осори насриаш аз шеърҳои шоирони дигар истифода накардааст.

**15** **Давоми мантиқии мисраи зеринро муайян намоед:**

***Дӣ шайх бо чароғ ҳамегашт гирди шаҳр,***
**............................................................** Ҷалолиддини Балхӣ

**A)** Бикшой лаб, ки қанди фаровонам орзуст.

**B)** К-аз деву дад малуламу инсонам орзуст.

**C)** Гуфт: он ки ёфт менашавад, онам орзуст.

**D)** Он ҳою ҳуйу наъраи мастонам орзуст.

**16** **Омӯзиши ин асар дар Садриддин Айнӣ инқилоби фикриро бедор кард ва ба сари ӯ “савдои насрнависшавиро ҳам андохт”:**

**A)** “Наводир-ул-вақоеъ”-и Аҳмади Дониш

**B)** “Бадоеъ-ус-саноеъ”-и Шамсиддини Шоҳин

**C)** “Тазкират-уш-шуаро”-и Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ

**D)** “Савонеҳ-ул-масолик”-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ

Дар РОЙГОН! сомонаи www.ntc.tj

**17** **Кадоме аз ин навиштаҳои Ҳабиб Юсуфӣ ба масъалаҳои адабиётшиносӣ ва накди адабӣ бахшида шудааст?**

**A)** “Ватани дил”

**B)** “Ҳусни ту”

**C)** “Баҳр дар пиёла”

**D)** “Ба духтари меҳнат”

**18** **Вобаста ба байти зерини Тошхӯҷа Асирӣ кадом хулоса дуруст аст:**

***Ман амиратро ба як мирӣ намегирам, бирав,***

***Илтифоти ӯ надорад қимати як дона ҷав.*** **?**

**A)** Шоир амиру вазиронро мадҳу ситоиш кардааст.

**B)** Шоир шахсият ва лутфи амирро беарзиш донистааст.

**C)** Шоир аз бетаваҷҷуҳии амир ба эҷодиёташ ранҷидааст.

**D)** Шоир ба шахсият ва эҷодиёти худ баҳои баланд додааст.

**19** **Лоиқ Шералӣ дар ин байтҳои ҷамъбастии таркиббанди “Ману ту” кадом масъаларо таъкид намудааст:**

***Пас, биё, даст ба ҳам додаву паймон созем,***

***Дар баду нек ба ҳам будаву даврон созем.***

***Дар ҳарими диламон маъбади имон созем,***

***На шимолӣ, на ҷанубӣ, яке инсон созем!...*** **?**

**A)** Маҳалгароӣ зиддияти тарафҳоро ба авҷи аъло расонида, халқро пароканда ва кишварро хароб месозад.

**B)** Бадхоҳии ҳамдигарии гурӯҳҳои маҳалгаро сабаби парокандагии халқ ва харобии кишвар гардидааст.

**C)** Маҳалгароӣ натиҷаи тафаккури маҳдуд ва сатҳи пасти ҷаҳонбинии як гурӯҳи одамон аст.

**D)** Ягона роҳи аз парокандагӣ раҳонидани халқу кишвар оштӣ ва аҳду паймони ҳамватанист.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**20** **Вобаста ба дубайтии зерини Гулназар кадом сухан дуруст аст:**

***Дубайтӣ, меҳри ту дар мағзи дилхост,***
***Ба ҳар давру замон қадри ту волост.***
***Чу ширин аст умри кӯтаҳи мо,***
***Ду байти кӯтаҳи ту ҳам гуворост.*?**

**A)** Шоир кӯтоҳӣ ва дилнишинии дубайтиро бо зиндагии хуш муқоиса кардааст.

**B)** Шоир дубайтиро бинобар гуворои ва хурд будани ҳаҷмаш писандидааст.

**C)** Шоир ҳаҷми хурди дубайтиро нозукбинона ба умри кӯтоҳи одамӣ монанд кардааст.

**D)** Шоир жанри дӯсттоштаи мардум будани дубайтиро таъкид намудааст.

**21** **Навъи асарҳоро муайян намоед:**

| | |
|---|---|
| **A)** "Фирдавсӣ"-и Сотим Улуғзода | **1)** қисса |
| **B)** "Тахти хунин"-и Пайрав Сулаймонӣ | **2)** ҳикоя |
| **C)** "Дар он дунё"-и Фазлиддин Муҳаммадиев | **3)** достон |
| **D)** "Ситораи корвонкуш"-и Саттор Турсун | **4)** роман |
| | **5)** афсона |

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**22** **Муайян намоед, ки шахсони зерин дар "Гуштоспнома"-и Дақиқӣ ба сифати кӣ муаррифӣ шудаанд:**

| | |
|---|---|
| **A)** Гуштосп | **1)** соҳиби тахти Эронзамин |
| **B)** Арҷосп | **2)** сари мубадон, ситорашиноси гаронмоя |
| **C)** Зардушт | **3)** оварандаи оини дини беҳӣ |
| **D)** Ҷомосп | **4)** сардори сипоҳиёни Эрон |
| | **5)** турконхидев, солори туркони Чин |

**23** **Байтҳои зерин бо кадом зарбулмасалу мақолҳо ҳаммаъноянд?**

**A)** Ин масал андар замона ҷонӣ аст,
Ҷони нодонон ба ранҷ арзонӣ аст.
(Ҷалолиддини Балхӣ)

**B)** Ақл аст, ки бунёди шараф маҳкам аз ӯст,
Афзунии ҳурмати банӣ одам аз ӯст.
(Аз "Дастур-ул-мулук")

**C)** Ақл қувват гирад аз ақли дигар,
Найшакар комил шавад аз найшакар.
(Ҷалолиддини Балхӣ)

**D)** Агар оқил бувад хасми ту, беҳтар,
Ки бо нодон шавӣ ёру бародар.
(Аз "Анвори Суҳайлӣ")

**1)** Ба оқил як ишора бас.

**2)** Ақлҳо мар ақлро ёрӣ диҳад.

**3)** Душмани доно беҳ аз дӯсти нодон.

**4)** Бузургӣ ба ақл аст, на ба сол.

**5)** Ҷони нодон дар азоб.

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**24** **Муайян намоед, ки маълумоти додашуда дар бораи кадом асари Мирсаид Миршакар аст:**

**A)** Асар дар асоси афсонаи халқӣ, дар шакли монолог аз забони пири суханваре, ки баъди азобу машаққат ҳаёти хушбахтона насибаш шудааст, эҷод гардидааст.

**B)** Асар хусусияти тарҷумаиҳолӣ дорад, ки дар он саёҳати якрӯзаи шоир ба сохтмони Вахш тасвир ёфтааст.

**C)** Мундариҷаи асар дар асоси сафари гурӯҳи бачагони Бадахшон ба Маскав, ки шоир роҳбари онҳо буд, фароҳам омадааст.

**D)** Асар ба давраи охири ҳаёту фаъолияти шоир ва ҳакими асри XI-и тоҷик Носири Хусрав бахшида шудааст.

**1)** "Исёни хирад"

**2)** "Қишлоқи тиллоӣ"

**3)** "Ливои зафар"

**4)** "Ленин дар Помир"

**5)** "Мо аз Помир омадем"

**25** **Аз рӯйи мазмуни порчаҳои шеърӣ муайян намоед, ки онҳо аз кадом достони Мирзо Турсунзодаанд?**

**A)** Ору номусдор як мардест,
Тамае аз касе надорад он.
Ба умеди Садаф – умеди висол
Ҳеҷ гоҳе нагашт аз паймон.

**B)** Ёд дорӣ, аз мубориз шоирон,
Файз буд дар хонаи мо меҳмон.
Аз Ватан гап сар кунӣ, дармегирифт,
Дар ба мисли ҳезуми тар мегирифт.

**C)** Ту даъвои маро исбот кардӣ,
Ба аспат шоҳи душман мот кардӣ.
Машав навмед аз бедида гаштан,
Ки ҷояшро бигирад дидаи ман.

**D)** Ба устоди қаламкаш дод пайғом,
Тамоми шаҳр аз ҳар як дару бом.
Салом омад, дуруд омад ба Айнӣ,
Саломи чун суруд омад ба Айнӣ.

**1)** "Аз Ганг то Кремл"

**2)** "Ҳасани аробакаш"

**3)** "Чароғи абадӣ"

**4)** "Писари Ватан"

**5)** "Ҷони ширин"

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj